# ГЕОГРАФИЯ

## (Географияи амалӣ)

Китоби дарсӣ барои донишомӯзони синфи 10-уми муассисаҳои таълими миёна

*Нашри якум*

*азорати таълими халқи Республикаи Ӯзбекистон тасдиқ намудааст*

Нашриёти давлатии илмии
«O‘zbekiston milliy ensiklopediyasi»
Тошканд – 2017

УЎТ: 91 = 512.133(075.3)
КБК: 26.8я721
Г-35

Муаллифон:

**Ш.М.Шарипов, В.Н.Федорко, Н.Э.Сафарова, В.А.Рафиқов**

Муҳаррири масъул:

**М.Т.Миракмалов** – мудири кафедраи географияи факултети геология ва географияи ДМЎ ба номи Мирзо Улуғбек

Муқарризон:

**Қ.Абдуназаров** – дотсенти кафедраи география факултети геология ва географияи ДМЎ ба номи Мирзо Улуғбек;
**М.Абдуллоева** – омўзгори калони кафедраи таълими методикаи географияи ДДОТ ба номи Низомӣ;
**Н.Рафиқова** – корманди илмии лабораторияи геоэкологияи Институти заминларзасанҷии АУ Ўзбекистон;
**М.Авезов** – омўзгори фанни географияи мактаби рақами 278-уми таълими миёнаи умумии ноҳияи Олмазори шаҳри Тошканд;
**Л.Болтаева** – омўзгори фанни географияи мактаби рақами 273-уми таълими миёнаи умумии ноҳияи Юнусободи шаҳри Тошканд;
**Д.Қўзиева** – омўзгори фанни географияи давлатии ихтисосонидашудаи рақами 11 ноҳияи Қумқўрғони вилояти Сурхондарё.

Аломатҳои шартӣ:

 – Мафҳум ва истилоҳоти такягоҳӣ;

 – Савол ва супоришҳо.

**Аз ҳисоби маблағи Бунёди мақсадноки китоби республика чоп шудааст.**

ISBN 978-9943-07-539-9

© Шарипов Ш.М. ва дигарон, 2017.
© Нашриёти давлатии илмии «O‘zbekiston milliy ensiklopediyasi», 2017.



# БОБИ I. ФАННИ ГЕОГРАФИЯ ВА ТАЪРИХИ ОН

## § 1. Мафҳум дар бораи низоми фанҳои география

Маълум аст, ки география яке аз фанҳои қадима буда, доираи ҳодисаҳои омӯзондашавандааш васеъ мебошад. Сараввал, шумоён дар синфи 5 бо таърифи дар бораи география додашуда «фанне, ки табиати рӯйи замин, аҳолӣ ва фаъолияти хоҷагии инсонро меомӯзад» шинос шудед. Баъдтар объекти омӯзиши фанни география будани қабати (қишри) географиро ҳам дониста гирифтед.

Қабати географӣ геонизоми аз ҳама бузурги сайёраамон, яъне дар муштаракии байниҳамдигарӣ ва доираи таъсири қишрҳои қабатҳои сахт (литосфера), об (гидросфера), ҳаво (атмосфера) инчунин ҳаёт (биосфера)-и Замин байни ҳам васлшуда ва дар натиҷаи доираи таъсир ба вуҷуд омадааст ва низоми табиии яклухти табиист ниҳоят мураккаб ривоҷёфтааст. Маҳз қабати (қишри) географӣ муҳити ҳаёт ва фаъолияти истеҳсолии инсоният, манбаи асосии захираи табиӣ ба ҳисоб меравад.

Қабати географӣ дар навбати худ ба бисёр иттиҳодияҳои географии табии хурду калони ба ҳамдигар вобаста пайваст, яъне ба хушкӣ ва обӣ, қитъаҳо ва уқёнусҳо, кишварҳои географии табиӣ, минтақаҳои табиат, музофотҳо, округҳои географии табиӣ ва ҳоказо тақсим гардида, инчунин ҳамаи онҳо аз ҷониби фанни география ҳамаҷониба тадқиқ мегарданд. Инчунин, география сохторҳои ҳудудии дар мобайни рушди таърихии ҷамъият пайдо-шуда – мамлакатҳо, вилоятҳо, шаҳр ва деҳотро ҳам меомӯзад.

Қабати географӣ ва воқеаву ҳодисаҳои қисмҳои таркибии онро дигар фанҳо ҳам меомӯзанд. Лекин маҳз ҷуғрофия ин объект ва ҷараёнҳоро дар вобастагии байниҳамдигарӣ дар сарҳадҳои ҳудуди маълум бо яклухтӣ тадқиқ намуда, оиди ҳудудҳо ва ҳамаи рӯйи Замин тасаввуроти илмии маҷмӯии яклухтро ташаккул медиҳад. География баъди ба сифати соҳаи фан таркиб ёфтан, алалхусус, дар даври ҳозира, барои он масъалаҳои алоқадории байни ҷамъият ва табиат аҳамияти калон касб менамоянд. Аз ин мебарояд, ки

дар шароити замонавӣ география ба сифати фанне, ки ҷараёнҳои иҷтимоӣ ва табиии ҳодиса ва объектҳои дохили қишри географиро дар алоқамандии байни ҳамдигарӣ яклухт дар макон ва замони маълум меомӯзад, ривоҷ меёбад. Маълум аст, ки фанни география ба ду соҳаи бузург: географияи табиӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ тақсим мегардад. Якумӣ, қабати географӣ, компонетҳои он ва геонизоми рӯйи Заминро тадқиқ намояд, дуюмӣ, дар миқёси дунё, минтақаҳо ва мамлакатҳои он, шаҳру деҳот аҳолӣ, тарзи зиндагонии он ва маданияти он, соҳаҳои истеҳсолот, воқеаву ҳодисаҳои сиёсиро меомӯзад.

Фарогирӣ ва ҳаҷми донишҳои географӣ вусъат ёфта, дар натиҷаи амиқгардии аҳамияти илмӣ-амалӣ дар таркиби географияи табиӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ якчанд фанни моҳиятан камзарар ва самтҳои илмӣ-тадқиқотӣ ташаккул ёфт. Аз он ҷумла, дар доираи географияи табиӣ қисматҳои табиати алоҳида фанҳои онҳоро ҳамаҷониба омӯзонда ташаккул ёфта, ба сифати фанни алоҳида ривоҷ меёбад: *геоморфология* (релефи рӯйи Заминро меомӯзад), *иқлимшиносӣ* (хосиятҳои иқлимро меомӯзад), *гидрология* (гидросфераро меомӯзад, ба *океанология* ва *гидрологияи хушкӣ* тақсим мегардад), *глятсиология* (барф ва пиряххоро тадқиқ мекунад), *геокриология* (заминҳои яхноки бисёрсоларо меомӯзад), *географияи хокҳо* (паҳншавии хокҳоро меомӯзад), биогеография дар рӯйи Замин паҳншавии организми зиндаро меомӯзад, ба геоботаника ва зоогеография тақсим мегардад), фанни ландшафтшиносӣ ҳам, ки сохти табиати ҳудудҳои хурд ва тадқиккунандаи хусусиятҳои онро тадқиқ мекунад, дар қатори фанҳои географияи табиӣ алоҳида ҷудо шуда меистад.

Дар доираи географияи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ҳам чунин ҷараёни соҳагардонӣ ривоҷ меёбад. Оқибат, *географияи аҳолӣ, географияи шаҳрҳо (геоурбанистика), географияи сиёсӣ* (фанни омӯзандаи харитаи сиёсии ҷаҳон, сарҳадҳои давлатӣ, муносибатҳо ва ҷараёнҳои сиёсӣ), *географияи саноатӣ, географияи кишоварзӣ, географияи нақлиёт, географияи сайёҳӣ, географияи соҳаи хизматрасонӣ, этнография* (географияи халқҳо), *географияи дин* ва дигар фанҳои географӣ ба вуҷуд омаданд. Баробари ин дар байни фанҳои географӣ аз нигоҳи иҷтимоӣ-иқтисодӣ омӯзандаи иқтисодиёти ҷаҳон ва тақсимоти байналхалқии меҳнат *географияи хоҷагидории ҷаҳон*, инчунин фанҳои васеъмиқёс мисли мамлакатшиносӣ, ки мамлакатҳои дунёро ҳаматарафа тадқиқ мекунад, рушд меёбад.

Аз фикрҳои болоӣ хулоса баровaрда гуфтан мумкин аст, ки география ба низоми фанҳои аз якчанд фан иборат буда, ки дар замони ҳозира мақсад ва вазифа, объект ва предмети омӯзишашон ба ҳамдигар вобаста аст, табдил ёфт. Дар таркиби низоми ин фанҳо гурӯҳи фанҳои географияи табиӣ ва географияи иҷтимоӣ (яъне, омӯзандаи ҷамъият) ҷудо шуда меистанд. Инчунин, ҳангоми омӯзиши муносибатҳои байниҳамдигарии ҷамъият ва табиат як қатор фанҳои дорои мазмуну моҳияти умумигеографӣ таркиб ёфтаанд. Масалан, географияи захираҳои табиӣ ва истифодобарӣ аз табиат, географияи тиббӣ (дар ҳудудҳои гуногун саломатӣ ва дараҷаи маризшавии аҳолӣ, омилҳои табиӣ ва иҷтимоии ба онҳо таъсиркунандаро меомӯзад). Фанни картография, ки дар низоми фанҳои географӣ таҳияи харитаҳои географӣ ва кор бо онҳоро меомӯзад, дорои аҳамияти алоҳида аст.

Ҳамин фанҳои ба силсилаи фанҳои географӣ дохилшаванда бо ҳамдигар вобаста буда, бо назардошти мақсадҳои умумии илмӣ ва амалӣ ривоҷ меёбанд. Дар ҳамоҳангӣ бо фанҳои гуногуни географӣ оиди рӯйи Замин ва ҳудудҳои алоҳида тасаввури яклухт ташаккул меёбад, муаммоҳо ва пешомадҳои ривоҷи мамлакат ва ҳудудҳо муайян мегардад, барои ҳифзи табиат ва аз он оқилона истифода бурдан, ривоҷдиҳии иқтисодиёт, баланд бардоштани дараҷаи тарзи зиндагонии аҳолӣ таклиф ва тавсияҳои амалӣ таҳия мегарданд.

Ҳангоми оғози омӯзиши география номи ин фан дар қадим бо забони лотинӣ «Тасвири Замин» гӯён маънои луғавӣ доштанашро медонед. Лекин ҷуғрофидонҳои ҳозира бо тасвиру тавсифи табиати ҷойҳои гуногун, аҳолӣ, хоҷагӣ маҳдуд нагардида, қонуниятҳои ба вуҷуд омадани ҳодисаҳои гуногуни табиӣ ва иҷтимоиро омӯхтанд, муносибат ва зиддиятҳои байниҳамдигарии онҳоро ҳамтарафа таҳлил намуданд, роҳҳои ҳалли муаммоҳои умдаи экологӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсии ҳудудҳоро бо назардошти шароит ва хосияташон дида баромаданд. Географияи замонавӣ аз фанни ҷавобдиҳанда ба саволҳои «Чӣ? Дар куҷо? Чӣ қадар?», ки моҳияти тасвиркунандаи анъанавӣ мебошанд ба низоми фанҳои дорои аҳамияти доманфарохи назарӣ ва амалии ба саволҳои «Чӣ? Дар куҷо? Чӣ қадар? Аз чӣ сабаб? Чӣ тавр истифода бурдан лозим? Барои хуб шудан чӣ кардан лозим?» ҷавобдиҳанда мубаддал гардид.

Вазифаи фанни география баробари рушди фан ва ҷамъият тағйир ёфт. Имрӯзҳо дар назди фанни географияи замонавӣ якчанд

вазифа гузошта шудааст. Вазифаи аз ҳама асосӣ ҳамоҳанг гардондани муносибатҳои байниҳамдигарии табиат ва ҷамъият мебошад.

Ҳангоми омӯзиши масъалаҳои мухталифи илмӣ-амалӣ дар фанни география аз як қатор усулҳои тадқиқ истифода бурда мешавад. Аз ҳама муҳимтарини онҳо усулҳои экспедитсия, тасвирӣ, картография, статистикӣ, географияи қиёсӣ, районикунонӣ мебошад. Инчунин торафт дар истифодаи усулҳои тадқиқотҳои географӣ аҳамият ва доираи корбасти усулҳои тадқиқоти замонавӣ мисли *моделгардонии математикӣ* ва *компутерӣ, аэрокосмикӣ, геокимиёвӣ* ва *геофизикӣ* доманфарох мегарданд.

География низоми фанҳои географӣ, фанҳои географияи табиӣ ва географияи иҷтимоӣ Фанҳои география қабати географӣ муносибатҳои байниҳамдигарии табиат ва ҷамъият усулҳои тадқиқот

1. Объекти омӯзиши география чист?
2. Дар низоми фанҳои география чӣ гуна фанҳо мавҷуданд?
3. Дар география дар замони ҳозира аз болои кадом масъалаҳо бо ёрии усулҳои кадом тадқиқот ҷустуҷӯҳо бурда мешаванд?
4. Аз маълумотҳои мавзӯъ истифода бурда, нақшаеро ба дафтаратон кашед, ки сохти низоми фанҳои географияро инъикос карда бошад.

## § 2 . Таърихи фанни география ва ривоҷёбии он дар даври ҳозира

География аз қама қадима аст ва ҳамеша ҷавон ба ҳисоб меравад. Ба хусусиятҳои рушди кашфиёт, ғоя ва донишҳои асос карда, таърихи ин фанро ба марҳалаҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст.

**Марҳалаи қадима ё ки даври антиқа.** Худи одамони ибтидоӣ барои манзили истиқоматишонро омӯхтан, зиндагонӣ кардан, ёфтани манзилҳои аз ресурсҳои табиӣ бой ва аснои саъю кӯшиш барои тасвир аввалин донишҳои географӣ ғун шуда мондааст. 2 ҳазор пеш аз мелод финикиягтиён аз Бахри сиёҳ ба воситаи гулӯгоҳи Гибралтар шино карда, аз саросари соҳилҳои Африқо то ба Ҳиндустон рафта расидаанд. Аз ҳамон вакт номҳои Осиё ва Аврупо пайдо шудаанд. Ҳамон давр юнониҳо ва римиён ҳудудҳои ба худашон маълумро якҷоя тасвир карда навиштан, харитаҳоро ҳам таҳия сохтанд. Гомер дар асри XII пеш аз мелод бахри Миёназамин ва атрофи онро тасвир карда, харитаи дунёро таҳия

намуд. Шогирдони Пифагор дар асри VI пеш аз мелод курашакл будани Заминро зикр намуданд. Арасту дар асри IV пеш аз мелод курашакл будани Замин, мавҷудияти минтақаҳои гармиро аз нигоҳи мантиқӣ исбот кардааст. Дар маркази олам Замин меистад, гуфта назарияи геосентрикиро пеш бурд. Эратосфен асри III пеш аз мелод аввалин шуда бузургии Заминро чен кард ва «География» ном китоб навишта, ба фанни мустақил шудани фанни асос гузошт. Птолемей асари 8 ҷилдаи «География»-ро иншо сохта, ҳангоми харита проексияҳои картография ва тӯри дараҷаро ихтироъ намуд, аввалин «Атлас»-ро офарид. Ҳамон давр Страбон ҳам иборат аз 17 ҷилд асари «География»-ро навишт.

**Марҳалаи асрҳои миёна.** Дар ин давр география, умуман илму фан дар Шарқ, хусусан Осиёи Миёна, Миср, Эрон ривоҷ ёфт. Фанни география асосан дар самти кишваршиносӣ, картография, геодезия тараққӣ кард. Муҳаммад ибн Мусо ал-Хоразмӣ Замин курашакл буданашро исбот карда, андозаҳои онро нисбатан аниқ чен намуд. Китобро таҳти унвони «Сурат-ал-Арз» навишта, ба географияи Шарқ асос гузошт.

Ба ривоҷи фанни география хизмати Абӯрайҳони Берунӣ беқиёс аст. 22 асари ӯ оид ба география буда, аз ин 12-тояш ба геодезия, 4-тояш ба картография, 3-тояш ба иқлимшиносӣ, 3-тояш ба минералогия оид аст ва имрӯзҳо ҳам онҳо муҳим мебошанд. Глобуси вай сохта бошад, барои курашаклии Заминро исбот кардан, фаҳмондан мусоидат карда, манбаи бемисл оид ба омӯзиши табиати нимкураи шимолӣ буд. Он аз олимони юнонӣ ва римиён фарқ карда, ба ривоҷи назарияи сохти **гелиотсентрикии** олам ҳисса гузоштааст.

Абдураззоқ Самарқандӣ ба Ҳиндустон саёҳат намуда, дар бораи Эрон, Покистон ва баҳри Арабистон маълумотҳои гаронбаҳо ҷамъ овард. Аҳмад Фарғонӣ оиди фанҳои астрономия, иқлимшиносӣ, гидрология асарҳо иншо намуд. Ӯ сатҳи асбоби ченкунандаи оби дарёи Нил «Нилометр»-ро сохта, ченкунии сатҳи обҳои дарёҳо ва корҳои вобастаи онро барои дуруст ба нақша гирифтан асосро фароҳам овард. Аз тарафи Умари Хайём бисёр харитаҳо таҳия гардид. Ёқут Ҳамавий луғати географӣ-энсиклопедияи донишҳои географии ҳамон даврро тартиб дод. Заҳириддин Муҳаммад Бобур ба воситаи асари худ «Бобурнома» ба фанни география ҳиссаи калон гузошт.

Дар ин давр аврупоиён ҳам саёҳатҳо карда, ба ғанӣ гардидани донишҳои географӣ ҳиссаи назаррас гузоштанд. Соли 982 Эрик Рауда

Гренландия, писари ӯ Лейве Эриксон бошад, соҳилҳои шимолӣ-шарқии Америкаи Шимолиро омӯхтанд. Солҳои 1271–1295 Марко Полои венетсиягӣ ба Чин сафар намуд ва маълумотҳои ӯ дар хазинаи Птоломей ҷойҳои тасвирнашударо пурра гардонд. Солҳои 1466–1472 А.Никитин ба Ҳиндустон саёҳат карда, асари «Саёҳат дар се баҳр»-ро навишт.

Натиҷаҳои асосии марҳалаи шаклу андозаҳои замин аниқ чен карда, фанҳои геодезия, картография, гидрология, иқлимшиносӣ ташаккулу ривоҷ ёфта, бахшида ба кишоваршиносӣ ва мамлакатшиносӣ асарҳои калоне навишта, ба географияи Шарқ, хусусан, географияи Осиёи Миёна асос гузошта шуд.

**Марҳалаи кашфиётҳои бузурги географӣ.** Дар нимаи 2-юми асри XV дар Аврупо ба Ҳиндустон ва Чин, ки аз захираҳои табиӣ ва ашёи хом бой ҳисобида шудаанд, кори дарёфти роҳҳои нав оғоз ёфт. Оқибат «кашфиётҳои бузурги географии» бурда шуд. Кашфиётҳои бузурги географӣ асосан дар 3 то самт пеш бурда шуд: 1) саросари Африкои Ҷанубӣ; 2) ба воситаи уқёнуси Атлантикаи ғарбӣ; 3) кишварҳои қутбӣ ва соҳилҳои шимолии Евроосиёи шимолӣ.

Марҳалаи мазкур соли 1492 баъди ба Америка амалӣ гардидани сафари Христофор Колумби испаниягӣ оғоз ёфт. Х.Колумб ба Америка ҷамъ 4 маротиба рафта, ҳар сафар ба ҷазираҳои нав ба навро кашф карданаш нигоҳ накарда, он заминҳо Ҳиндустон набуданашро надонистааст. Солҳои 1499–1501 Америго Веспуччи соҳилҳои Америкаи Ҷанубиро санҷида, ин заминҳо Ҳиндустон не, балки заминҳои нав буданашро менависад. Соли 1507 М.Валдземуллер ин заминҳои навро «Терра Америка» номид.

Соли 1498 экспедитсияи Васко да Гамаи португалӣ Африкоро давр зада баромада, роҳи баҳрии аз Аврупо ба Ҳиндустон мебурдаро кушод. Солҳои 1519–1521 ҳайати Фернан Магеллани испанӣ ба саросари дунё саёҳатро амалӣ гардонд. Оқибат курашаклии Замин дар амал исбот гардида, яклухтии уқёнуси дунё маълум шуд.

Дар асри XVI сайёҳони Англия ва Голландия ба мақсади ҳам дар Ҳиндустон ва ҳам дар Хитой кушодани роҳи баҳрӣ дар самтҳои шимолӣ-ғарбӣ ва шимолӣ-шарқӣ экспедитсияҳоро ташкил доданд. Оқибат Америкаи шимоливу соҳилҳои шимолии Аврупо ва бисёр ҷазираҳо омӯхта шуданд. Лекин ба кушоиши роҳи баҳрӣ муваффақ нагаштанд. Инчунин, кишварҳои дохилии Америка, яъне англисҳо ҳудуди ИМА, фаронсавиҳо ҳудуди Канадаро санҷиданд.

Аз охири асри XVI эътиборан ҳудудҳои Осиёи Ҷанубӣ, Австралия ва Океания аз ҷониби инглис ва голландҳо озмуда, забт шудан гирифт. Соли 1605 аз тарафи сайёҳи голланд Янсзон қитъаи Австралия кашф гардид. Сипас, солҳои 1641–1643 А.Тасман қитъаро давр зада баромад. Ҳамон вақт сайёҳони рус Сибир, Шарқи Дур, соҳилҳои шимолӣ ва шимолӣ-шарқии Евросиёро то ҳудудҳои, қисми шимолӣ-ғарбии Америкаи Шимолиро омӯхта, ба харита дароварданд ва тасвир намуда нигоштанд. Маълумотҳои болоӣ ва дигар маълумотҳои даҳҳо экспедитсияҳо ҷамъ оварда ба васеъшавӣ ва такомулёбии донишҳои географӣ оварда расонд. Соли 1544 асари С.Мюнстер бо номи «Космография», соли 1650 асари Б.Варениус «Географияи умумӣ» аз нашр баромад.

*Натиҷаҳои асосии марҳалаи мазкур.* Қитъаҳои Америкаи Шимолӣ ва Ҷанубӣ, Австралия кашф гардиданд. Курашакл будани Замин ва пайваста, яклухт будани уқёнуси дунё дар амал исбот гардид: мавҷудияти уқёнуси Ором, ки пештар номаълум буд уқёнуси аз ҳама калон будани он, қисми калони рӯйи Замин хушкӣ не, балки аз об иборат буданаш муайян гардид.

*Марҳалаи корҳои географии илмӣ.* Дар асри XVII ба ривоҷи фанҳо пешравии ҷиддӣ рӯй дод. Дар география экспедитсияҳои махсуси илмӣ ташкил шудан гирифт. Муҳимтарини экспедитсияҳо: солҳои 1725–1741 таҳти сарпарастии В.Беринг ва А.Чириков экспедитсияҳои рус, солҳои 1785–1788 таҳти роҳбарии Ҷ.Лаперуз экспедитсияи франсус, солҳои 1768–1799 таҳти роҳбарии Ҷ.Кук саросари дунё 3 маротиба экспедитсияи англис буданд. Аз тарафи экспедитсияҳои мазкур ҷазираҳои Курил, нимҷазираҳои Камчатка ва Чукотка, соҳилҳои шимолии Осиё, қисмҳои дохилии Африка ва Америка Ҷанубӣ, соҳилҳои шарқии Австралия, Ҷазираҳои Зеландияи нав, Каледонияи нав, Георгияи Ҷанубӣ, Ҷамъият, Гавайи, Кук ва ғайраҳо омӯхта шуданд. Бо ҷамшавии донишҳо оиди қисмҳои дохилии Замин, ҳаракатҳои тектоникӣ аз географияи табиӣ геология ҷудо шуда баромад: васеъшавии донишҳо оиди релефи сатҳи Замин, обҳои рӯйи замин ва зеризаминӣ, иқлим, шамолҳо, растаниҳо бошанд, барои ба дараҷаи фанни мустақил рушд ёфтани фанҳои геоморфология, гидрология, метеорология ва геоботаника оварда расонд. Дар марҳалаи мазкур корҳои илмӣ, бисёр вақт ба тавсифи географиии заминҳои омӯхташуда бахшида шуда, ба китобҳо ва

харитаҳои нав кор карда шудаанд. Дар марҳалаи мазкур якчандто назария ва гипотезаҳо, китобҳо офарида шуданд. Онҳо назарияи космогонии Кант-Лаплас; назарияи дар бораи синну соли қабати геология, гипотезаи Лейбнитс ҳаракатҳои вулқон дар ҳосилшавии кӯҳ; китобҳои М.Ломоносов «Дар бораи қабатҳои Замин», «Дар бораи ҳодисаҳои атмосфера», китоби Кант «Маърӯзаҳо аз географияи табиӣ ва ғайраҳо.

*Натиҷаҳои асосии марҳалаи мазкур:* қисмҳои гуногуни сатҳи замин аз ҷиҳати илмӣ омӯхта шуд; дар фан назария ва гипотезҳои нав офарида шуда; усулҳои нав тасвиркунии, проексияҳои картографӣ ва релеф ихтиро гардид, дар таркиби фанни география якчандто фанҳои мустақил ривоҷ ёфтанд.

**Ривоҷи география дар нимаи якуми асри XIX ва садаи XX.** Ба ин марҳала омада *ҷамъиятҳои миллии географҳо* ташкил ёфтан гирифт. Аз он ҷумла дар Фаронса (1821), Германия (1828), Британияи Кабир (1830), Россия (1845), дар Туркистон бошад, соли 1897 ташкил ёфт. Дар бисёр давлатҳо экспедитсияҳои калони тадқиқоти илмӣ ба фаъолият шурӯъ намуд. Соли 1821 аз ҷониби Ф.Ф. Беллинсгаузен ва М.П.Лазарев Антарктида кашф гардид. Солҳои 1823–1825 О.Е.Котсебу дар таркиби экспедитсияи саросари укёнуси ҷаҳон саромади *ҷазираи марҷонро* омӯхт. Физик Е.Ленс бошад, барои ченкунии чуқурӣ аввалин маротиба барометрро истифода бурд. Д.Ливингстон қисмҳои дохилии Африкаро омӯхт. Бо роҳбарии П.П.Семёнов-Тяншанский ҳудудҳои дохилии Осиёи Миёна омӯхта шуд.

А.Гумболдт ба Аврупо, Америка, Осиё экспедитсия ташкил намуда, бисёр маълумотҳоро ҷамъ овард. Қонунияти дар минтақаи фарохӣ ва баландӣ минтақакунонии растаниҳоро муайян кард. Маълумотҳои мазкурро умумӣ гардонда асарҳои бисёрҷилдаи калонро таҳти унвонҳои «Манзараи табиат», «Кайҳон» таълиф намуд. Гумболдт ба табиат ба сифати низоми ривоҷёбанда нигоҳ карда, географияи навро ба вуҷуд овард. Вазифаи географияи мазкур табиатро ба сифати ҳосилаи ривоҷёбанда ва яклухт омӯхтан, қонуниятҳои табиатро муайян намудан, байни ҷисму ҳодисаҳо мавҷудияти алоқамандӣ, таъсир ва вобастагии байниҳамдигариро кушодан ва ғайра мебошад. Аз тарафи Ч.Лайел назарияи ривоҷдиҳии қишри замин кор карда шуд. Аз ҷониби В.В.Докучаев

таълимоти минтақавии табиат, аз ҷониби А.А.Григорев таълимоти қишри географӣ аз ҷониби В.А.Вернадский таълимоти биосфера ба вуҷуд омад.

*Натиҷаҳои асосии марҳалаи мазкур:* ҷамъиятҳои география ташкил ёфт. Қутбҳои шимолӣ ва ҷанубӣ забт гардида, дар харитаи дунё ҳудудҳои номаълум боқӣ намонданд. Географияи илмӣ ба вуҷуд омад. Фанни океанография ташаккул ёфт. Истгоҳҳои метеорологӣ ва гидрологӣ бунёд гаштанд. Моҳияти ҳаракатҳо дар атмосфера ва уқёнус кушода дода шуд. Назарияи ривоҷдиҳии қишри Заминро кор карданд. Якчанд таълимотҳо: таълимоти минтақаҳои табиат, қишри географӣ, биосфера ба вуҷуд офарида шуд.

*Марҳалаи замони кунунӣ.* География дар зери таъсири инқилоби фанн ва техника босуръат инкишоф меёбад. Дар ин марҳала хосияти асосии ривоҷи фанни география аз инҳо иборат аст: усулҳои моделгардонӣ ва таҷрибавии тадқиқотҳои географӣ, низоми ахбори географӣ, технологияҳои компутерӣ, усулҳои кайҳонӣ всеъ истифода мегарданд. Бо кӯмаки усулҳои  кайҳонӣ сохторҳои даврашакл, ҳаракатҳои атмосфера, ҳаракати давродаври оби уқёнус ва ҷараёнҳои баландшавии сатҳи оби чуқуриҳо муайян гаштанд. Таъсири инсон ба табиат пурзӯр гардид, ҳатто қишри географӣ аз доирааш берун баромад. Ба ҳамин муносибат тадқиқотҳо дар баробари муаммоҳои локалӣ (маҳаллӣ) ба муаммоҳои глобалӣ ҳам диққату эътибор менигаронанд.

Дар фан табақагардонӣ, яъне дар дохили фанҳои географӣ равияҳои нав пайдо мешавад. Масалан, ба дохили ландшафтшиносӣ ландшафтшиносии амалӣ, ландшафтшиносии антропогенӣ барин тақсимотҳо ба вуҷуд омад. Инчунин, бо фанҳои шабеҳ (якҷинса) дар «фосила» равия ва соҳаҳои фан пайдо мешаванд. Масалан, дар байни география ва тиб географияи тиббӣ, байни таърих, суханшиносӣ фанни топонимика ба вуҷуд омад, ки номи маҳалҳоро меомӯзад.

География, даври атиқа, асрҳои миёна, географияи Шарқ, кашфиётҳои бузурги географӣ, саёҳати саросари дунё, экспедитсия, географияи илмӣ, географияи нав, таълимотҳо.

1. Натиҷаҳои асосии марҳалаи асрҳои миёна аз чиҳо иборат аст?
2. Дар бораи натиҷаҳои асосии марҳалаи корҳои илмии географӣ чиҳоро медонед?
3. Кадом таълимот дар фанни география ба вуҷуд омад?
4. Аз харитаи бематни дунё роҳҳои сайёҳон ва экспедитсияҳоро кашед.



# БОБИ II. ТАБИАТИ ЗАМИН

## § 3. Омилҳои фазовии ривоҷёбии табиати рӯйи Замин

Замин ҳам чун дигар ҷирмҳои осмонӣ як қисми кайҳон аст. Кайҳон ҳастии моддии мавҷуда аст, ки Заминро иҳота намудааст. Кайҳон дар макон бесарҳад ва дар замон дарозмуҳлат аст. Сохти ҷирмҳои осмонӣ дар кайҳон низоми гуногунро ҳосил мекунад. Якеи он системаи Офтоб аст. Сайёраҳо, радифҳо, астероидҳо, кометаҳои атрофи Офтоб дар як низом буда, галактикаамон дар атрофи маркази Роҳи каҳкашон гирд ҳаракат мекунад. Маълумотҳо дар бораи галактикаи Роҳи каҳкашон аз китоби астрономия ба шумо маълум аст. Масофа аз системаи Офтоб то маркази галактика ба 23–28 ҳазор соли равшанӣ баробар аст. Дар қисми канораи галактика Офтоб ҷойгир шудааст. Ин ҳолат барои Замин ниҳоят мусоид аст: он дар қисми нисбатан ороми галактика ҷойгир шудааст ва аз пайдошавиаш то ҳал ба ҳалокатҳои фазовӣ дучор нашуда, ривоҷ меёбад. Системаи Офтоб дар атрофи маркази Галактика бо 200–220 км/с ҳаракат намуда, дар 180–220 млн сол як маротиба давр зада мебарояд. 200 млн соли Замин давоми сикли тектонӣ ба ҳисоб меравад. Он дар ҳаёти Замин бо пайдарҳамии маълуми тавсифдиҳандаи ҳодисаҳои тектонӣ даври муҳим аст. Дар оғози силсила (сикл) чӯкидагии қишри Замин, ҷамъшавии қабати фурӯрафтаи ғафс, содир шудани вулқонҳои зеризаминӣ ба амал меояд. Баъд ҷараёнҳои тектоникӣ пурзӯр гашта, кӯҳҳо ба вуҷуд меоянд, намуди берунӣ ва қиёфаи қитъаҳо тағйир меёбад. Он дар навбати худ ба тағйирёбии табиати Замин оварда мерасонад.

***Офтоб*** – ситораи ба Замин аз ҳама наздик буда, диаметраш 1,39 млн км, ниҳоят тафсон, аз газҳои доимо равшанӣ ва гармидиҳанда иборат буда, ҷисми осмонии курашакл аст. Дар он беш аз 99 фоиз массаи системаи Офтоб ғун шудааст. Барои ҳамин он аз ҳисоби қувваи кашиши ҷисмҳои осмонии атрофаш нигоҳ дошта мешавад, дар як хел ҳамворӣ ҳаракат кардани қариб ҳамаи сайёраҳоро таъмин месозад. Низоми Офтоб – аз Офтоб,

8-то сайёра, беш аз 160 радифи маснӯъ, беш аз 40000 астероид ва қариб 1 миллион кометаҳо иборат. Ба ҳамаи ҷисмҳои осмонӣ ва табиати Замин таъсир мерасонад. Аммо таъсири аз ҳама пурзӯр пас аз Офтоб аз тарафи Моҳ амалӣ мешавад.

Аз миллиард ду қисми гармии аз Офтоб паҳншаванда ба Замин рафта мерасад. Миқдори мазкур шароити гармии ба Замин хосро таъмин месозад. Радиатсияи аз Офтоб расанда манбаи асосии гармии рӯйи Замин буда, дар хушкӣ, уқёнуси дунё, атмосфера ва ба вуҷуд омадани ҷараёнҳои дар организми зинда содиршаванда қувваи асосист.

Аз Офтоб ба замин ба ғайр аз гармиву равшанӣ зарядҳои барқӣ бо зарраҳои якхела дода мешаванд. Аз қисмҳои дури кайҳон ба қабати болоии атмосфераи Замин нурҳои кайҳонӣ расида меистанд, ки дорои энергияи ниҳоят калону ба чашм нонамоён мебошанд. Дар зери таъсири ин зарраҳо ва нурҳо бисёр ҳодисаҳои Замин, аз он ҷумла, ситораи қутб, бӯронҳои магнитӣ, ҷойгиршавии ҳаво, баъзе газҳо аз ҳолати молекулавии атмосфера ба ҳолати атомӣ гузаштанаш ба вуҷуд меояд.

***Моҳ*** – радифи маснӯи табиии Замин ва ҷисми осмонии ба он наздик аст. Аз Замин дар масофаи 384 млн. км ҷойгир шудааст. Радиусаш 1738 км, зичии миёнаш 3,34 г/см$^3$ аст. Массааш аз массаи Замин 81 маротиба хурд аст. Дар атрофи Замин саросари орбитаи эллипсӣ дар 27,32 шабонарӯз давр зада мебарояд. Моҳ ҷисми осмонии сард аст, аз худ гармӣ ва равшанӣ намедиҳад. Аз сабаби нури аз Офтоб расидаро баргардондан ба мо равшан шуда намудор мегардад. Ба туфайли кашишхӯрии Офтоб ва Моҳ шакли Замин бо равиши даврӣ тағйир меёбад. Оқибат уқёнуси дунё, атмосфера ва қабати замин ба таври ритмӣ ҳодисаи ҷаста баромадан рӯй медиҳад. Ҳодисаи *ҷаста баромадан* дар уқёнуси ҷаҳонӣ дар зери атрофи тири худ даврзаниро барои дар самти баръакс баровардан ҳаракаткарда ба паст Тшудани суръати даврзании Замин




*Расми 1.*

ба миқдори маълум сабабгор мешавад. Ба туфайли кашишхӯрии Моҳ, Офтоб ва дигар ҷисмҳои осмонӣ даврзании замин суст шуда, дар натиҷа тазйиқи қутбии Замин суст шуда ба кура наздик меояд. Оқибат ҳаракати плитаҳои литосфера ва равшании қабати Замин, ҳаракатҳои тектонӣ тағйир меёбанд.

**Замин** – яке аз сайёраҳои системаи Офтоб буда, шакл, андоза, зичӣ, таркиби моддаҳо, сохту ҳаракатҳои он ба дар кайҳон ҷойгиршавиаш вобаста аст. Шакли онро Шумоён дар синфҳои поёнӣ курашакл гуфта хондаед. Ин дуруст, лекин дар асл шакли он геоид аст. Замин бо ягон шакли геометрӣ ё ки ҷисм монандӣ надорад. Дар рӯйи замин дар корҳои геодезӣ-картографӣ ченкунӣ ва ҳисобкунии геоидӣ душвор буданаш, ченкунӣ, ҳисобкунӣ ва тасвиркунӣ бо шакли осони кура ё эллипс осон буданаш ба он қабул карда шудааст (расми 1).

Аз маълумотҳои дар ҷадвали 1 овардашуда дар бораи шакл ва андозаҳои замин тасаввуроти муайян ҳосил кардан мумкин аст.

*Ҷадвали 1.*

**Баъзе андозаҳои Замин**

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Радиуси миёнаи экваториал | 6378,14 км | | Дарозии экватор | 40 075,7 км |
| Радиуси миёнаи кутбӣ | 6356,78 км | | Ҳаҷмаш | 1,083 × $10^{12}$ км$^3$ |
| Ҷастаи қутбӣ | 21,36 км | | Зичии миёна | 5,52 г/см$^3$ |
| Ҷастаи экваториалӣ | 213 м | | Массааш | 5,976 × $10^{24}$ кг |
| Дарозии меридианӣ | 40 008,5 км | | Майдони масоҳати замин | 510 млн км$^2$ |

*Аҳамияти географиии шакл ва андозаи Замин дар инҳо намоён мегардад:*

– Шакли курамонанди Замин ба тағрёбии қонуниятнок аз экватор ба қутби кунҷи афтиши нурҳои офтоб сабаб мегардад. Он бошад, *қонунияти географии минтақавиро* ба вуҷуд овардааст;

– Шакли курамонанди Замин моддаҳоро дар як ҷо ҷамъ карда, ғафс мегардонад. Оқибат моддаҳо фишурда шуда, зич мегарданд, ба қисми дохилии он қабатҳои дорои ҳар гуна зичӣ ҳосил мешавад. *Сохти қабати* Замин хусусияти асосии он мебошад;

– Сатҳи замин, аз он ҷумла, қишри географиии шаклан гирд (курашакл) яклухтӣ ва беҳудудии маконро таъмин месозад;

– Шакли ҳақиқии Замин ғеҷидани геоид аз кура, ба туфайли

саъю кӯшиш ба  мувозинати моддаҳои дохилии Замин дар қишри замин болоравиҳо ва фурӯравиҳои дар сатҳи Замин ба вуҷуд омада оқибат ба тағйирёбии релеф сабаб мегардад. Релеф ва ҳаракатҳои тектонӣ дар қабати географӣ омили ба вуҷуд омадани қонунияти *азоналӣ* аст. Дар як ҷой ва дар як вақт пайдошавии қонуниятҳои минтақавӣ ва азоналӣ аз гуногунии табиати рӯйи Замин бармеояд.

Зичии замин ва бузургии масса калон шудани, қувваи ҷозибаи он бошад дар атрофи худ нигоҳ доштани ҳаво ва обро таъмин месозад. Дар сатҳи замин мавҷудияти фишори атмосфера барои дар ҳолати моеъ шудани об имконият медиҳад, дар акси ҳол бухор мегардад. Дар бобати нигоҳ доштани шароити гармии доимии маълум ба Замин аҳамияти атмосфера ва гидросфера ниҳоят калон аст. Атмосфера нурҳои электромагнитии аз Офтоб ояндаро нигоҳ медорад. Укёнуси ҷаҳон бошад, манбаи ниҳоят калони гармист.

Замин дар атрофи Офтоб дар самти баръакси мили соат ба ҳисоби миёна бо суръати 29,8 км/сония мадори (орбитаи) 934 млн. км бударо дар 365 шабонарӯзу 6 соат пурра як маротиба давр зада мебарояд. Мадори Замин (роҳи дар атрофи Офтоб давр задан) дар шакли эллипс аст. Аз ҳамин сабаб масофаи байни Офтобу Замин тағйир меёбад. Мадори Замини нуқтаи ба Офтоб аз ҳама наздик *перигелии* номида мешавад. Дар ин нуқта масофаи байни Замин ва Офтоб ба 147 млн. км баробар аст. Нуқтаи аз ҳама дури мадори Замин аз Офтоб 152 млн. км мебошад. Барои ҳамин Замин дар саросари мадор *бо суръати гуногун* ҳаракат менамояд, яъне *дар перигелий аз ҳама босуръат* (30,3 км/сония), *дар афелий аз ҳама суст* (29,3 км/сония) давр мезанад. Оқибат Офтоб ба нимкураи Шимолӣ 186 рӯз, ба нимкураи ҷанубӣ бошад, 179 рӯз нур мепошад. Лекин он ба миқдори гармии ба Замин расанда таъсир намерасонад. Мадори замин ба туфайли ба эллипсия наздики даврзанӣ миқдори гармии ба Замин оянда тағйир  намеёбад, яъне доимист.

**Оқибатҳои географии даврзании Замин дар атрофи Офтоб:** фаслҳои сол ҳосил мегардад, давомияти рӯз ва шаб тағйир меёбад. Нуқтаҳои истодани Офтоб (22 июн, 22 декабр), инчунин рӯзҳои баробари баҳорӣ ва тирамоҳӣ (21 март, 23 сентябр) мешавад. Офтоб ба нимкураи шимолӣ дар давоми беш аз 1 ҳафта нур мепошад, минтақаҳои равшанӣ ҳосил мегардад, шароити гармӣ доимӣ қарор меёбад, шамолҳои муссон пайдо мешавад, умуман, дар қабати географӣ қонунияти якмароми (ритмии) яксола ба вуҷуд меояд.

Ҳангоми дар атрофи тири худ давр задани Замин тири гардиш нисбати ҳамвории мадор кунҷи 66,5-ро ҳосил менамояд. Суръати кунҷи гардиши Замин дар 1 соат 15°, яъне нуқтаи дилхоҳи рӯйи Замин (ба ғайр аз қутбҳо) дар 1 соат ба 15° тоб дода мешавад. Лекин сония аз ҳисоби суръати масофа дар ҳар хел фароҳӣ мухталиф аст. Аз экватор ба сӯйи қутбҳо кам шуда меравад. Дар экватор аз ҳама калон буда, сонияе ба 455 м, дар қутбҳо бошад, ба 0 м баробар аст.

Қувваи Кориолис қувваи нахустини гардиши Замин буда, дар зери таъсири он тамоми ҷисмҳои горизонтал ҳаракаткунанда аз самти худ аз нимкураи Шимолӣ ба рост, аз нимкураи Ҷанубӣ ба чап тоб мехӯранд. Дар зери таъсири он массаҳои ҳаво, сиклонҳо ва антисиклонҳо, шамолҳо, маҷроҳои баҳр самтҳои худро тағйир медиҳанд, обҳои дарё бо нимкураҳои Шимолӣ бештар соҳили рости нимшаҳрҳои Ҷануби соҳили чапро хароб мекунанд.

Замин бо Моҳ якҷоя дар атрофи маркази вазнинии умумӣ давр мезанад. Маркази вазнинии умумии Замин – Моҳ дар қисми дохилии Замин, аз маркази он дар қисми $^3/_4$ масофа ҷойгир шудааст. Дар атрофи маркази умумии вазнинии Замин – Моҳ даврзании Замин, дар оқибати кашиши Моҳ ҳодисаи ба рӯйи об баровардан, яъне ҷозибаи ҳамаи ҷисмҳои Замин ба сӯйи Моҳ рӯй медиҳад. Он алалхусус дар атрофи укёнуси Дунё равшан ба назар мерасад. Ҳамчунин, дар оқибати кашишхӯрии Моҳ дар атрофи тири худ гардиши Замин суст мегардад. Ҳодисаи ба рӯйи об баромадан ва сустшавии гардиши Замин оид ба таъсири табиати Замин дар боло зикр гардидааст. Умуман, чуноне ки дар боло зикр ёфт, мақоми Замин дар кайҳон, таъсири он ба ҷирмҳои осмонӣ, шаклу андозаҳои он пайдошавии ҳаётро дар замин, барои организми зинда муҳити қулай ва, аз ҳама асосиаш, пайдоиши одам ва ривоҷи баркарори ҷамъиятро таъмин сохт.

Кайҳон, галактика, системаи Офтоб, геоид, андозаҳои Замин, ҳаракатҳои Замин, суръати гардиш, силсилаи тектонӣ, мадор, фаслҳои сол, қувваи Кориолис, ҳодисаи ба рӯйи об баромадан.

1. Системаи Офтоб аз чиҳо иборат аст?
2. Офтоб ба табиати Замин чӣ гуна таъсир мерасонад?
3. Таъсири Моҳро ба табиати Замин гуфта диҳед.
4. Дар оқибати дар атрофи тири худ даврзании Замин рӯй додани ҳодисаҳоро дар маҳалли истиқоматиатон назора кунед ва ба дафтаратон нависед.

## § 4. Сохти дохилии Замин ва ҷараёнҳои тектонӣ

Аз қишрҳо иборат будани қисми дохилии Заминро аз синфҳои поёнӣ медонед. Акнун бо хосиятҳои ба худи хоси ана ҳамин қабат ошно мегардем. Пӯсти Замин – қабати сахти аз ҳама боло ҷойгиршудаи Замин аст. Ғафсиаш ба ҳисоби миёна 35–40 км. Зичии миёнаи моддаҳо 2,7 г/см$^3$. 1 фоизи ҳаҷми Замин, массааш 0,4 фоизи массаи онро ташкил медиҳад. Аз Мантия тавассути сарҳади Моҳхо ҷудо мешавад. Қишри Замин аз элементҳои кимиёвӣ, минералҳо, ҷинсҳои кӯҳӣ иборат аст. Элементҳои кимиёвии аз ҳама бештар паҳншуда оксиген, кремний, алюминий аст.

Шумо дар китоби дарсии синфи 6 пӯсти замини қитъа ва уқёнус ба пӯсти Замин тақсим мегардад, гуфта хондаед. Акнун бошад, дар онҳо ба ҳолати иловагӣ ҷудо шудани пӯстҳои мобайнӣ ва рифтогени заминро дониста мегиред. Ба шумо маълум аст, ки пӯсти замини қитъа 3-то, яъне аз қабати таҳшиншавӣ, хоросанг ва базалт иборат аст. Ҷудо кардани ин қабат шарт мебошад. Қабати таҳшин аз ҳама боло ҷойгир шуда, ғафсиаш то 15–20 км. буда, аз оҳаксанг, гил ва ғайраҳо иборат аст. Ғафсии қабатҳои хоросанг ва базалт 10–15 км-ро ташкил медиҳад.

Пӯсти замини уқёнус ба қаъри уқёнус рост меояд. Ғафсиаш 5–10 км буда, аз қабатҳои таҳшин ва базалт иборат мебошад.

Ғафсии миёнаи пӯсти мобайнии замин 15–30 км буда, аз 3 қисм иборат аст: *дар зери водии* баҳри канора, *камони* ҷазираҳо ва таҳшинии чуқур қабати хоросанг (гранит) нест, аз қабатҳои таҳшин ва базалт иборат аст. Қабати хоросанг танҳо дар *камони* ҷазираҳо пайдо мегардад. Дар соҳилҳои Шарқии қитъаи Авруосиё, Америкаи Шимолӣ ва Ҷанубӣ соҳилҳои шарқӣ ва ғарбӣ мавҷуд аст.

Пӯсти рифтогени Замин ба қаторкӯҳҳои уқёнуси миёна рост меояд. Ғафсиаш 1,5–2 км буда, аз 2 қабат иборат аст. Ғафсии қабати таҳшин 1–2 км, қабати базалтӣ дар водии рифт (кафидагиҳои замин) ба оҳистагӣ пош мехӯрад ва он қадар ғафс нест.

***Мантия*** – қабати байни ядро ва пӯсти замин. Зичии моддаҳо 5,7 г/см$^3$. 83 фоизи ҳаҷми Замин 68 фоиз массаро ташкил медиҳад. Аз ду қисм иборат буда, мантияи болоӣ 900 км, мантияи поёнӣ бошад, то 2900 км чуқурӣ давом мекунад. Ҳарорати 2000°С, дар сарҳад бо ядро бошад, ба 3800°С мерасад.

***Ядро*** – қисми аз ҳама чуқур, дохилаи Замин аст. Зичии моддаҳо ба 16 г/см$^3$ мерасад. 16 фоизи ҳаҷми Замин, 31 фоизи массаи онро ташкил медиҳад. Он ҳам аз ду қисм иборат буда, ядрои берунӣ то 5100 км чуқурӣ, ядрои дохилӣ то маркази Замин давом мекунад. Ҳарорат аз 4000°С зиёд аст.

**Литосфера** – қабати сангини сахти Замин буда, пӯсти Замин ва як қисми мантияи болоиро дар бар мегирад, инчунин то қабати астеносфера давом карда, ғафсиаш 150–200 км-ро ташкил мекунад. Литосфера яклухт набуда, қисмҳои калон бо кафидагии чуқури Замин ба плитаҳои литосфера тақсим гардидааст. Онҳо дар болои астеносфера соле бо суръати 5–10 см самти горизонталӣ мeғeҷанд. Плитаҳои литосфера 13-то буда, номи онҳо, самтҳои ғеҷиш ва суръат маълумотҳоро аз харитаи «Сохти пӯсти Замин» атласи синфи 6 дониста гирифтанатон мумкин.

Дар рӯйи Замин ду минтақаи муҳими заминҷунбӣ мавҷуд аст: 1) ҳалқаи «оташбор»-и Укёнуси Ором; 2) минтақаи заминларзаи Алп-Ҳимолой. Соҳилҳои ҳалқаи «оташбор»-и укёнуси Ором ва ҷазираҳои ба он ҳамҷаворро фаро мегирад. Минтақаи заминларзаи Алп-Ҳимолой аз соҳилҳои укёнуси Атлантика оғоз ёфта, ба воситаи нимҷазираи Пиреней, кӯҳҳои Ҳимолой гузашта, то соҳилҳои ҳудуди укёнуси Оромро фаро мегирад. Ӯзбекистон дар минтақаи заминларзаи Алп-Ҳимолой ҷойгир шудааст. Аз ҳамин сабаб баъзе солҳо дар мамлакатамон заминларзаи сахт ба амал меояд.

**Заминларза** – баркандагии дар қисми дохилии қишри Замин рӯйдиҳанда, дар зери таъсири шикастан, ғеҷидан барин ҷараёнҳо ба амал омадани ларзиш. Мувофиқи сабабҳо заминларзаи тентонӣ, вулкан ва фурӯравӣ тақсим мегардад. Иқтидори заминҷунбӣ бо ёрии шкалаи заминларза 10 ё ки 12 балл муайян мешавад. Аз шкалаи заминҷунбии 12-балла дар республикаамон истифода мебаранд (ҷадвали 2).

**Вулқон** – Кӯҳ ва теппаҳои конусшакл, сипаршакл, гумбазшакле, ки ба воситаи роғҳои дар натиҷаи ҳаракатҳои тектонии дар қишри Замин пайдошуда ҳосил мегардад. Даҳони вулқон кратер, тагаш танӯраи магма, қисми миёнаи рости ба мӯрӣ монанди он канали вулқон номида мешавад. Ҳарорати гудозаи аз кратери вулқон дамида баромада 1500°С мерасад.

*Ҷадвали 2*

**Тавсифи мухтасари шкалаи 12 баллаи заминларза**

| Балҳо | Иқтидори заминларза | Тавсифи мухтасар |
|---|---|---|
| 1 | Ҳис намегардад | Фақат бо асбобҳои заминларза қайд мегардад. |
| 2 | Ниҳоят бемадор | Бисёриҳо ҳис намекунанд. Одамони дар вазъияти сокин буда пай мебаранд. |
| 3 | Бемадор | Баъзе одамони дохили бино ҳис мекунанд. |
| 4 | Ҳисшаванда | Бисёр одамони дохили бино ҳис мекунанд, ҷиҳози хона дар ҳаракат меоянд. |
| 5 | Бемадор | Бино ва мебел меҷунбад. Хоббудагон бедор мешаванд. |
| 6 | Бақувват | Ҳама ҳис мекунад. Бисёриҳо барои ба берун баромадан ҳаракат мекунанд, баъзе чизҳо аз ҷойи истодааш меафтад. Дар баъзе хонаҳо андоваҳо кӯчида меафтанд |
| 7 | Ниҳоят бақувват | Иморатҳо шикаст меёбад, деворҳои хиштӣ мекафанд. Баъзе хонаҳои хишташон хом ва аз похса сохташуда вайрон мешаванд, баъзан дар кӯҳҳо қуллаҳо мекӯчанд. |
| 8 | Вайронкунанда | Иморатҳо сахт меларзанд, дар кӯҳҳо ярчҳо пайдо мешаванд |
| 9 | Бештар вайронкунанда | Манзилгоҳҳои аз хишт, бетон сохташуда тамоман ва қисман вайрон мешаванд, қубурҳои зеризаминӣ канда шуда, қуллаҳо афтода, теппагиҳо мeғеҷанд, бари заминҳои кандашуда то 10 см мерасад. |
| 10 | Яксонкунанда | Дар рӯйи замин сӯрохиҳои калон (бараш то 1 м) пайдо мешавад: монеаҳои сарбанд ва соҳилҳо аз кор баромада, роҳҳои оҳан қат мегарданд. Кӯлҳои нав пайдо мешавад. |
| 11 | Ҳалокатовар | Дар рӯйи замин чариҳои васеу чуқур ҳосил мегарданд, замин дар самтҳои горизонталӣ ва вертикалӣ меҷунбад. Куллаҳои кӯҳҳо кӯчида меафтанд, кӯпрук, сарбанд, роҳҳои оҳан куллан вайрон мешаванд. |
| 12 | Аз ҳад зиёд ҳалокатовар | Қиёфаи рӯйи Замин, релеф тағйир миёбад. Рӯйи Замин кофта чиндор мегардад, қуллаҳои баланд вайрон гашта, дарёҳо маҷрояшонро тағйир медиҳанд. |

Ба ғайр аз ин, дар зери таъсири қувваҳои дохилии Замин гейзерҳо ва чашмаҳои ҷӯшон дамида баромада, як қисми рӯйи Замин ба оҳистагӣ мекӯчад ва боло рафтани қисми дигар ҳам содир мегардад. Гейзерҳо ва чашмаҳои тафсон асосан дар минтақаҳои вулқон паҳншуда дучор меоянд. Онҳо барои гарм кардани биноҳо, инчунин ҳосилкунии энергияи барқӣ истифода мегарданд. Ин корҳо дар давлатҳои Исландия, Япония, Италия, Руссия ва Зеландияи нав ба роҳ монда шудааст.

Қабатҳои замин, қишри замин, мантия, ядро, литосфера, ядро, минтақаи заминларза, заминҷунбӣ, вулқон, шкалаи заминларзашуморӣ.

1. Минтақаи заминларза гуфта чиро мегӯянд?
2. Заминларза ва вулқонҳо дар куҷо содир мегарданд?
3. Заминларза чист? Вай чӣ тавр ҳосил мегардад?
4. Шкалаи (ҷадвали) заминларзаро ба дафтаратон нависед ва дар хотир доред.

## § 5. Таърихи ривоҷёбии табиати рӯйи Замин

Мувофиқи назарияи замони ҳозира дар бораи пайдоиши Замин он марҳилаҳои тараққиёти мураккабро аз сар гузарондааст. Мувофиқи маълумотҳои охирин тараққиёти Заминро ба марҳалаҳои астрономӣ, геологӣ, биологӣ ва антропогенӣ тақсим кардан мумкин аст.

Марҳалаи астрономӣ фосилаи 5–4,6 млрд солро дар бар мегирад. Аз ин 5 млрд сол муқаддам дар оқибати гази дискшакли кайҳон ва массаи ғафсшавии механикии гриватсионӣ чун дигар сайёраҳои системаи Офтоб, Замин шакли курамонандро гирифтааст. Ҳангоми таркибёбии Замин дар натиҷаи порчашавии элементҳои радиоактивӣ аз ҳисоби гармии ҷудошаванда қисми дохилии он ба оҳистагӣ тафсида, ба саракунии моддаҳо оварда расонд. Оқибат қабатҳои гуногуни Замин ҳосил шуда, ҳаракати вулқонҳо ба назар расидаанд.

Аз айёме, ки вулқон ва ҳаракатҳои тектонӣ оғоз ёфтанд, марҳалаи геологии Замин оғоз шуд. Қишри Замин давоми садҳо миллион солҳо ба таври доимӣ тағйир ёфта, қитъаҳо гоҳ порча-порча шудаанд. Қитъаҳо (материкҳо) мудом дар ҳаракат будаанд ва баъзан муттаҳид шуда, материкҳои бузургро ҳосил намудаанд.

Дар Замин 3,8 млрд сол муқаддам баробари бори аввал ҳаёт пайдо шудани ҳаёт марҳилаи биологии тараққиёти он оғоз ёфтааст. Дар Замин пайдошавии одамон (3–1,5 млн. сол) марҳалаи антропогениро оғоз ниҳодааст.

Бо таърихи тараққиёти геологии Замин, ба марҳалаи давру ривоҷёбии ҷудо кардани он бисёр геологҳо шуғл варзидаанд. Дар натиҷа геохронология пайдо гардидааст.

**Геохронология** (солномаи геологӣ) – таълимот дар бораи пайдарҳамӣ ва синну соли ҳосилшавии ҷинсҳои кӯҳӣ дар қишри Замин. Геохронология ба геохронологияи мутлақ ва нисбӣ тақсим мегардад. Дар геохронологияи мутлақ синну соли Замин бо солҳо ифода меёбад. Дар геохронологияи нисбӣ бошад, ба ҷойгиршавии қабатҳои пайдарҳами ҷинсҳои кӯҳӣ асос карда мешавад.

Дар боби муайянкунии ҷинсҳои кӯҳӣ *усули палеонтологӣ* ҳам

истифода мегардад. Усули мазкур ба омӯзиши боқимондаҳои ҷинсҳои чун санг шахшудаи ҳайвонот ва наботот асос карда шудааст. Дар ҳар як давр боқимондаҳои чун санг шахшудаи ба худ хоси ҳайвонот ва наботот мавҷуд аст (расми 2).



Расми 2. Намунаҳои чун санг шахшудаи трилобитҳои даври Кембрӣ.

Геологҳо натиҷаҳои тадкиқотҳои бисёрсоларо умумӣ гардонда, дар қишри замин пайдарҳамии умумии самти қабатҳоро муайян сохтаанд.

Шкалаи геохронологӣ низоми ийерархияи шуъбаҳои геохронологист (низоми марҳала ба марҳала тобеъ гардидани шуъбаҳои поёнӣ ба шуъбаҳои болоӣ). Дар шкала воҳиди аз ҳама калон суперэон буда, ба 2-то: токембрий ва фанерозой ҷудо шудааст. Суперэони токембрий ба эонҳои хадес, архей (ё ки археозой) ва протерозой тақсим гардидааст, суперэони фанерозой бошад, аз як эони соҳиби ана ҳамин ном иборат аст. Эонҳо дар навбати худ якчанд эраҳоро муттаҳид месозанд. Масалан, эони фанерозой ба эраҳои *палеозой, мезозой* ва *кайнозой* тақсим гардидаанд. Эраҳо ба даврҳо, даврҳо ба замонҳо, замонҳо бошанд, ба асрҳо тақсим гардидаанд. Қисми болоии ҷадвал, яъне фанерозой дар асоси усули палеонтологӣ пухта таҳия гардида, боқимондаҳои чун санг шахшудаи токембрийи қисми поёниро аз сабаби хуб нигоҳ надоштанаш гардида, дар натиҷа ба шуъбаҳо он қадар мукаммал ҷудо карда нашудааст усули палеонтологӣ маҳдуд сохтааст.

Страграфик ва ҷадвали геохронологии ба он мутобиқшуда соли 1881 дар шаҳри Болонияи Италия дар конгресси дуюми байналхалқии геологҳо тасдиқ гардидааст ва аз ҳамон вақт эътиборан дар ҷаҳон умумӣ ба ҳисоб меравад. Дар фосилаи вақти сипаришуда дар натиҷаи такомул пайдо кардани усули палеонтологӣ дар асоси маълумотҳои нав ба ҷадвали геохронология саҳеҳиҳо дароварда, тағйир дода мешавад. Аз ҳамин сабаб дар адабиётҳои солҳои гуногун чопшуда ҳолати ба ҳам мувофиқ наомадани маълумотҳои дар ҷадвали геохронология овардашуда вомехӯранд. Маълумотҳои дар ҷадвали геохронологии байналхалқии дар поён овардашуда дар асоси маълумотҳои соли 2016-уми комиссияи стратиграфияи байналхалқӣ таҳия гардидааст (ҷадвали 3).

*Чадвали 3*

## Тавсифи мухтасари шкалаи 12 баллаи заминларза

| Эонҳо, сол | Эраҳо, давом ёфтанаш млн. сол | Даврҳо, аломатҳо, давом ёфтанаш | Пастхамиҳои кӯҳ | Кӯҳҳо ва кишварҳои бардоштташуда | Воқеаҳои муҳими таърихи замин ва шароити палеогеографӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| Фанеразой 541 млн. | Кайнозой, КЗ 66 млн. | Антропоген (чоргона), Қ 2,5 млн.сол<br>Неоген N 20,5 млн.сол<br>Палеоген, ꝑ 43 млн.сол | Алп | Кӯҳҳои Алп, Балкан, Карпат, Кавказ, Помир, Ҳималой, Камчатка, ҳудуди қаторкӯҳҳои ғарбии Анд, Кордилара, соҳилҳои баҳри Миёназамин, ҷазираҳои Понт, Курил, Япония, Филиппин, Малакка, Зеландияи нав, Гвинеяи нав | Тағйироти аз ҳама асосии пайдошавии одам, тағйиротҳои давраи ҳозира, 13-то минтақаи иқлим, минтақаи табиат ташаккул ёфт, ҳодисаҳои паҳнкунии пиряхҳо шуда гузаштааст. Ба аввали эра омада, дунёи органикӣ боз ҳам мураккаб гардидааст. Якчанд паррандаҳо ва ширхӯрҳо пайдо шудаанд. Баъзе ширхӯрҳо дар хушкӣ, дигарашон дар баҳр зиндагонӣ карданд, баъзеашон ба парвоз мутобиқ гардидаанд. 25,5 фоизи захираи нефт, 11,3 фоизи газ ба палеоген ва неогени таҳнишинҳои дунё рост меояд. |
| | Мезезой, МЗ 186 млн | Бӯр К 79 млн.сол<br>Юра, Ҷ 56 млн.сол<br>Триас, Т 51 млн | Мезезой (Киммерий, Ларамий, Невадий) | Қаторкӯҳҳои шимолии Кордилера, Шарқӣ Дур, Ҳиндухитой, нимҷазираи Малакка, шимоли ҷазираи Ява, ҷануби ҷазираи Калимантан | Ду қитъа: Лавразия ва Гондвана, ду укёнус: Ором ва Тетис мавҷуд буд. Укёнусҳои Ҳинд ва Атлантика акнун пайдо мешуданд. Укёнуси Яхбастаи Шимолӣ ҳавзаи дохилии об буд. Дар натиҷаи қатъан тағйир ёфтани иқлим ва релеф, оқибати тағйирёбии таркиби минералогӣ ва шӯрӣ ҳайвоноти мансуби палеозой қир шудаанд. Ба ҷойи онҳо олами нави ҳайвонот пайдо шудааст. Дар охири давраи Триас сарахсҳо сӯзанбаргҳо пайдо шудаанд. Дар охири давраи Юра аз хазандагон паррандаҳои қадим баромадаанд. Дар даври Бӯр паррандаҳои дандондор паҳн шуда динозаврҳои ҳайратан гез пайдо шудаанд, 67,7 фоизи нефт, 62,4 фоизи гази истихроҷи дунё аз байни таҳнишинҳои мезозой гирифта мешавад. |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | Палеозой, PЗ 289 млрд. | Перм, П 47 млн. сол | Герсин | Кӯҳҳои Урал, Олтой, Тиёншон, Аврупои Ғарбӣ, Аппалачи, Австралияи Шарқӣ, кӯҳҳои Кап, Африкаи Шимолӣ, кишвари Патагонияи Америкаи Ҷанубӣ. | Дар оғози эра хушкии нимкураи ҷанубӣ ба материки Гондвана муттаҳид гашта, ба охири эра омада, материкҳои Гондвана ва Лавразия муттаҳид гашта, материки ягона Пангея ҳосил карда, инчунин укёнуси ягонаи Панталассаро ташаккул додаанд. Пангея вақти зиёда нагузашта боз тақсим гардида, укёнуси нави Тетис ва Рея пайдо шудан гирифт. Дар таҳшинҳои палеозойи поёнӣ боқимондаҳои гуногуни органикӣ бисёр дучор меоянд. Дар таҳшинҳои даври Кембрий 1500 намуд, даври силур 15000 намуд ҳайвон ва растаниҳо мавҷуд буданд. Амалан тамоми ин организмҳо дар муҳити баҳр зиндагӣ кардаанд. Дар давраи силур аввало моҳиҳо ва растаниҳои дар хушкӣ рӯянда псилофитҳо пайдо шудаанд. Дар девон алалхусус моҳиҳо босуръат тараққӣ кардаанд, дар ордовик аввалин сутунмуҳрадорон пайдо шудаанд. Дар даври ангиштсанг растании аз ҳама бисёр дарахтон рӯидаанд. Бисёр конҳои ангишт ҳосил шудааст. |
| | | Оҳаксанг, С 60 млн. сол | | | |
| | | Девон, Д 61 млн. сол | | | |
| | | Силур, С 24 млн.сол | Каледон | Нимҷазираи Нюфаундленд, архипелаги Арктикаи Канада, Саяни Шарқӣ ва Ғарбӣ, кӯҳҳои пасти Қазоқистон. | |
| | | Ордовик, О 42 млн. сол | | | |
| | | Кембрий, Км 55 млн. сол | Байкал | Қаторкӯҳҳои соҳил ва пеши Байкал, кӯҳҳои байзашакли Бразилия, баъзе кӯҳҳои нимҷазираи Корея, Африкаи Ҷанубӣ. | |
| Протерозой, ПР 2,0 млрд. | Эраи неопротерозой | | | | Дар аввали эони архей ба чинсҳои кремнийдор гази эонгидриди карбон 44,2 %, оксиген 5,5 %, азот 19 % ва дигар газҳо воҳӯрдааст. Дар ин давр хушкиҳои яклухти калон ташаккул ёфтаанд. Ҳарорати обҳои укёнус дар атрофи 100°C буда, дар охири эони протерозой то 22° паст шудааст. Таҳшинҳои токембрий дар тамоми қитъаҳо паҳн гардида, дар таҳшинҳо изи ҳаёти органикӣ бисёр буд. Маҳсули ҳаёти обсабзаҳо ва бактерияҳои кабуду сабз мавҷуд буд. Дар тахшинҳои токембрий маъдани оҳан, ашёи хоми алюминий, марганес, тилло ва уран, мис, никел, маъдани кобалт, қӯрғошин, рух, слюда, ашёи маъданҳои нодир ҳаст. |
| | Эраи мезопротерозой | | | | |
| | Эраи палеопротерозой | | | | |
| Архей, АР 1,5 млрд | Эраи неоархей | | | | |
| | Эраи мезоархей | | | | |
| | Эраи палеоархей | | | | |
| | Эраи эоархей | | | | |
| Хадес, Х 0,5–0,6 млрд. | Эраи имбрийи барвақт | | | | |
| | Эраи нектар | | | | |
| | Эраи гурӯҳи ҳавзаҳо | | | | |
| | Эраи сеҳрнок (пӯшида) | | | | |

Супереони токембрийи тараққиёти геологии Замин 4 млн. сол давом кардааст. Марҳалаи мазкур баробари аз рӯзи шакли сайёраро гирифтани таърихи Замин оғоз ёфта, эонҳои протезозой, архей ва хадесро фаро гирифта, аз ин 541–570 млн. сол пеш ба анҷом расидааст. Ба марҳалаи мазкур ҳаракатҳои тектонӣ, ҳодисаҳои магматизм Заминро «сангборон» кардани метеоритҳо ниҳоят бошиддат рӯй додааст. Атмосфера асосан аз азот, аммиак, ангидриди карбонат, буғҳои об, метан, гидроген, газҳои инертӣ, кислотаҳо ташкил ёфтааст. Ба фикри баъзе олимон атмосфера саравввал бе оксиген будааст. Баъди хунук шудани пӯсти замин аз ҳарорати ҷӯшиши об паст фуромадан) дар ҷойҳои пасти маълуми рӯйи Замин ҳавзаҳои хурди об (кӯлҳо ва баҳрҳо) пайдо шудаанд. Онҳо бо ҳам васл гардида ҳавзаҳои оби калонро ба вуҷуд овардаанд ва он укёнус номбар мегардад. Дар охири марҳала дар натиҷаи бодлесии ҷинсҳои кӯҳӣ ва эрозия ба ҷамъ шудани ҷинсҳои таҳшиншуда шароит фароҳам омадааст. Олимон чунин мепиндоранд, ки ба ҳосилшавии литосфера, атмосфера ва гидросфера вулқонҳо вазифаи асосиро ба ҷо овардаанд.

Фанерозой дар тараққиёти геологиии Замин супереони дуюми калон буда, давомияташ 541 млн. сол асту ҳоло ҳам давом мекунад. Он аз марҳалаи пештара бо зиёд будани таҳшинҳои организмҳои зинда ҷудо шуда меистад. Марҳалаи мазкур як эони фанерозой ва сето эра: эраҳои палеозой, мезозой ва кайнозойро фаро мегирад.

Марҳалаи астрономӣ, марҳалаи геологӣ, марҳалаи биологӣ, марҳалаи антропогенӣ, геохронология, ҷадвали геохронологӣ, токембрий.

1. Геохронология чист?
2. Ҷадвали геохронологӣ чӣ тавр таҳия мегардад?
3. Марҳалаҳои тараққиёти Заминро чӣ тавр ҷудо кардан мумкин аст?
4. Ба дафтаратон ҷадвали геохронологиро кашед ва кӯҳҳо, кишварҳои бардошташударо аз харита ёбед.

## § 6. Қабати географӣ ва қонуниятҳои умумии он

Донишомӯзони гиромӣ, шумоён дар синфҳои поёнӣ қабати географӣ, сарҳаду хосиятҳои он, қонуниятҳояшро дониста гирифтед. Дар ин мавзӯъ ҳамон донишатонро боз ҳам амиқ мегардонем. Омилҳо ва ҷараёнҳои дохилӣ ва берунии замин (кайҳон, ба қисми сатҳии қишри замин бархӯрда бо ҳам таъсир карда, ба

низоми ба худ хоси табии дар ягон қисм дучорнашаванда қишри географиро ба вуҷуд овардааст.

Шаклҳои моҳияти қишри географӣ ҳамин аст, ки фақат дар он об се ҳолат дучор меояд, ҳайвонот ва наботот арзи ҳастӣ мекунанд, қабати замин ҳосил мегардад, шаклҳои гуногуни ҷинсҳо ва релеф ба вуҷуд меояд, энергияи офтоб ғун мешавад ва хосияти худро тағйир медиҳад. Аз ҳама муҳимаш ҳаёт мавҷуд аст. Ҷамъияти ашхоси танҳо дар ҳамин қабат пайдо шуда зиндагӣ мекунад ва ривоҷ меёбад.

Қабати географӣ ниҳоят мураккаб сохта шуда, дар он 3 дараҷаи сохти таркибӣ ҷудо карда мешавад: геосалоҳиятнокӣ, геосферавӣ, геонизомӣ.

Геосалоҳиятнокӣ – дараҷаи аз ҳама соддаи сохторист. Геосалоҳият ҳар хел ҳолати моддаҳои сатҳи замин аст: сахт, моеъ, газшакл. Онҳо ҷинсҳои кӯҳӣ, хок, об, ҳаво, растанӣ ва ҳайвонот.

Сохти геосферавӣ аз геосферае иборат аст, ки аз яктои геосалоҳият таркиб ёфтааст. Геосфераҳо сохти вертикалии қабати географиро муайян месозанд. Онҳо аз рӯйи вазнинии муқоисавӣ вертикалӣ табақабандӣ гардидаанд: литосфера, гидросфера, атмосфера ва биосфера. Литосфера, гидросфера ва атмосфера амалан аз як хел моддаҳо таркиб ёфтаанд ва қишри муттасил ва яклухт ҳосил мекунанд. Вай ба таркиби дигар қабатҳо медароянд ва дар ҷойи пайвастшудаи қабатҳои дар боло номбаршуда қабати ғафсро ҳосил месозад.

Сохти георитмӣ сохти горизонталии қабати географиро ифода месозад. Георитмҳо тамоми компонентҳоро фаро гирифта, аз таъсири алоқамандии байниҳамдигории онҳо ҳосил шудани низоми мураккабро таъмин месозанд. Дар ин бора дар мавзӯи 9 муфассал маълумот дода мешавад.

Дар бораи сарҳадҳои қабати географӣ аз синфҳои поёнӣ маълумот гирифтаед. Дар бораи андозаҳои қабати географӣ, сарҳадҳои поёнӣ ва болоӣ фикрҳои олимон мухталиф аст. Сарҳади онро ҳамаи геокомпонентҳо аз сатҳе, ки дар зери таъсири байниҳамдигарӣ буда, қонуниятҳои географӣ намоёншавандаанд, мегузаронанд. Ин сарҳад дар қисмҳои гуногуни рӯйи Замин ғафсии ҳархела дорад.

Қабати географӣ аз қабатҳои онро ташкилкунанда бинобар бисёр хусусиятҳояш фарқ мекунад, асоситарини онҳо аз инҳо иборатанд:

1. Гуногунии таркибу сохти моддии қабати географӣ. Дар қабати географӣ моддаҳо се хел, яъне дар ҳолати сахт, моеъ ва газшакл дучор

меоянд. Хосиятҳои физикӣ ва кимиёвии онҳо гуногун ва тағйирёбанда мебошад. Мувофиқи сохтори моддаҳо ба намудҳои органикӣ, ғайриорганикӣ ва омехта тақсим мегарданд.

2. Дар қабати географӣ намудҳои гуногуни энергия вомехӯрад. Энергияи офтоб ба чараёнҳои кимиёвӣ, энергияи гармӣ ва механикӣ табдил меёбад.

3. Дар қабати географӣ тағйирёбӣ ва ғуншавии гармӣ. Ба қабати географӣ гармӣ аз кайҳон ва қисми дохилии Замин мерасад. Як қисми ин гармӣ ба моддаҳои органикӣ ва дар боқимондаҳои онҳо ғун мешаванд (ангишт, газ, нефт, торф ва ҳоказо).

4. Дар қабати географӣ дар натиҷаи таъсиру алоқаҳои байниҳамдигарии компонент ва геосфера аз ҷиҳати сифат ҳосилаҳои навгеонизомҳо ба вуҷуд омадаанд.

5. Мавҷудияти ҳаёт дар қабати географӣ. Барои организмҳои зинда, аз ҷумла, инсон фақат дар ҳамин ҷо муҳити мусоид мавҷуд аст.

6. Қабати географӣ дар асоси қонуниятҳои ба худ хос ривоҷ меёбад.

Дар қабати географӣ якчанд қонуниятҳо мавҷуд буда, аз ҳама асосиаш: яклухтӣ, минтақавӣ, азоналӣ, ҳаракати гирдхаттаи модда ва энергия, ритмнокӣ. Бо қонуниятҳои минтақавӣ ва азоналии қабати географӣ дар мавзӯи 7 шинос мешавед.

**Қонунияти яклухтии қабати географӣ.** Он яке аз қонуниятҳои муҳим ба ҳисоб рафта, тамоми компонентҳо бо якдигар узван вобаста аст ва тағйир ёфтани якеи он ба вайроншавии яклухтии тамоми қонуният оварда расонданаш намоён мегардад. Чунки қабати географӣ танҳо маҷмӯи оддии компоненти табиат набуда, балки ба хосиятҳои махсус соҳиб аст, ҳосилаи яклухт ва бутун ривоҷёбандаи сифатан нав мебошад.

Яклухтии қабати географӣ ва ба ҳам вобастагии чор даврро дар мисоли яхбандӣ равшан дидан мумкин аст. Дар давраи яхбандӣ об бо ҳаҷми калон дар яхбастаҳо ҷамъ мешавад. Он бошад, барои ба қадри зарурӣ паст шудани сатҳи уқёнуси дунё (100–110 м) оварда расонд. Паст шудани сатҳи уқёнуси дунё дар навбати худ дар табиати яклухти Замин акс меёбад: хушкшавии шелф рӯй медиҳад, сарҳадҳо ва қиёфаи қитъаҳо ва уқёнусҳо тағйир ёфта, баъзе гулӯгоҳҳо (масалан Беринг, Гибралтар) ба хушкӣ мубаддал ёфта, бо қитъаҳо якҷоя мешаванд ва «кӯпрукҳои континенталӣ» ба вуҷуд меоянд. Ба воситаи ин «кӯпрукҳо» миграцияи намудҳо рӯй медиҳад, растаниҳо ва ҳайвонот заминҳои навро ишғол мекунанд. Дар тамоми ҳавзаҳои дарёи рӯйи Замин дар

натиҷаи пастшавии базиси эрозия эрозияи чуқуриҳо фаъол мегарданд. Дар фосилаи даврҳои яхбандӣ ҳангоми гармӣ яхҳои қитъа об шуда, ба уқёнус ҷорӣ шудани обҳои дарё ва дар натиҷаи обшавии яхҳои уқёнусҳо сатҳи оби уқёнуси дунё баланд гардидааст.

Аз ҳисоби боло рафтани баъзе эрозия дар дарёҳо эрозия ҳамтарафа фаъол гардид. «Кӯпрукҳои континенталӣ» нест шуда, хушкӣ миграцияи организмҳоро маҳдуд сохта, миграцияи организмҳои обиро пурзӯр гардонд. Агар «кӯпрукҳои континенталӣ» дар давраи охирини яхбандӣ ба вуҷуд наомада бошад, дар қитъа ва ҷазираҳо (масалан, Австралия, Мадагаскар) дунёи растанӣ ва ҳайвоноти ба худ хос ташаккул ёфта, дар онҳо *эндемикҳо* бештар вомехӯранд.

**Ҳаракатҳои даврзанандаи модда ва энергияҳо.** Ҳаракати даврза-нандаи модда ва энергия дар қабати географӣ яклухтии онро таъмин месозад. Албатта, дар ҳаракат моддаҳои литосфера, гидросфера, атмосфера ва биосфераҳо иштирок менамоянд. Литосфера, асосан то минтақаи гипергенез, яъне моддаҳои ковоки фасурдаи то сарҳад паҳншуда дар ҳаракати гирдгардон иштирок менамояд. Ҳаракати гирдгардон дар атмосфера дар сиркулятсияи умумии атмосфера намоён шуда, ташаккули шамолҳои миқёсан сайёравӣ (маҷрои ҳаво) содир мегардад. Ба сиркулятсияи умумии атмосфера ҳаракатҳои минтақавӣ ва марҳалавӣ ҳамроҳ мешаванд. Дар гидросфера ҳаракати калону хурди гирдгардони об содир мегардад. Дар уқёнус ҳаракати гирдгардони горизонталӣ ва вертикалии массаи об, дар хушкӣ мувофиқи маҷро ҷорӣ шудани оби дарё, ҳосилшавии кӯлҳо, яхбандиҳо ва обҳои зеризаминӣ ва ғайра ба назар мерасад. Ҳаракати гирдгардони биологӣ дорои аҳамияти калон аст ва дар ҳосилшавии моддаҳои органикӣ ва порчашавии он намоён мегардад.

Ҳаракатҳои гирдгардон аз рӯйи мураккабӣ гуногунанд. Дар баъзе ҳаракатҳои гирдгардон омехтаи механикии модда, (масалан, сиркулятсияи умумии атмосфера, маҷроҳои уқёнус) рӯй диҳад, дар дигараш тағйирёбии ҳолати модда (масалан, дар ҳаракати гирдгардони об, газ, моеъ ба ҳолати сахт гузаштанаш) ба назар мерасад, дар намуди сеюм бошад, гардиши кимиёвӣ (реаксияи фотосинтез) ба назар мерасад.

Яклухтӣ, инчунин омӯхтани қонуниятҳои ҳаракати даврзании модда ва энергия аз табиат ва дуруст истифода бурдани бойигариҳои он ниҳоят муҳим аст. Мавзунӣ (ритмикӣ) гуфта, дар як самт ривоҷёбии ҳодисаву ҷараёнҳои табиӣ дар давоми як вақт такроршаванда дар назар аст. Ду шакли мавзунӣ ҷудо мегардад: даврнокӣ – мавзунии як хел давомёбанда буда, дар як вақти муайян такрорёбии ҳодиса ва ҷараёнҳост.

**Сиклӣ** – дар вақт-вақташ давом ёфтани мавзунӣ буда, дар муддати гуногун такрорёбии ҳодиса ва чараёнҳост.

Ҳодисаҳои ритмӣ давомияти гуногун доранд: бисёрасрина, дохили аср, солона, шабонарӯзӣ. Мавзунии (силсилавии) аз ҳама калон дар таърихи Замин ба даврзании системаи Офтоб дар атрофи маркази галактика вобаста аст ва 180–200 млн солро дар бар мегирад. Онҳо дар таърихи Замин дар даври тектонӣ намоён шудаанд: каледон (кембрий, ордовик, силур), герсин (девон, ангиштсанг, перм), мезозой (триас, юра, бӯр) кайоазой.

Аз ҳодисаҳои ритмии бисёрасрина мавзунии 1800–2000 сол давом ёфта хуб омӯхта шудааст. Ҳодисаи мазкур дар Замин бо тағйирёбии қувваҳои ҳосилкунандаи ба рӯйи об баромадан вобаста аст. Тахминан дар 1800 сол як маротиба Офтоб, Моҳ ва Замин дар як ҳаморӣ ва як хати рост ҷойгир мешаванд. Масофаи байни Офтобу Замин аз ҳама хурд мегардад. Дар ин ҳодиса 3 фаза трансгрессивӣ, регрессӣ, фазаҳои мобайнӣ ҷудо мешаванд.

Аз ҳодисаҳои ритмии дохили аср силсилагиҳои 11, 22 ва 33 сола, ки ба фаъолнокии Офтоб вобастаанд хуб омӯхта нашудааст. Ба фикри олимон бо силсилаи мазкур бисёр ҷараёнҳои Замин вобастагӣ дорад: паҳншавии эпидемияҳо, пурзӯр гардидани фаъолияти вулқонҳо, зиёдгардии ҳосилшавии сиклонҳо, биёбоншавӣ ё ки зиёдшавии ҳашаротҳои зараркунанда (масалан, малаххо) ва ҳоказо.

**Мавзунии солона** (фаслӣ) бо ҳаракат ва даврзании тири Замин дар атрофи Офтоб дар 66,5°нишебӣ вобаста аст. Мавзунии фаслӣ, ки бо ивазшавии фаслҳои сол вобаста аст, дар тамоми геосфераҳо вомехӯрад: дар атмосфера намигарӣ, ҳарорат, боришҳои солонаи атмосферавӣ, вазидани муссонҳо (шамолҳои мавсимӣ) тағйир меёбад ва ҳоказо. Дар литосфера дар давоми сол фаъолнокии фурӯравӣ ва дигар ҷараёнҳои экзогенӣ тағйир меёбад. Дар гидросфера тағйирёбии солонаи ҳарорат, шӯрӣ, зичии об мигратсияи мавзунии моҳиҳо мушоҳида мегардад.

Дар фарохиҳои гуногун фаслҳои гуногунмиқдор ҷудо мегарданд. Дар фарохии экваторӣ аввали сол гарм ва нам, танҳо як фасл ҳукмрон мебошад. Дар фарохии субэкваторӣ 2 фасл ҷудо мегардад – хушк ва нам. Дар фарохии мӯътадил чор фасли ифодакунандаи сол – баҳор, тобистон, тирамоҳ ва зимистон ҳаст.

Сабаби мавзунии фаслӣ дар фарохии гуногун ҳархела аст: дар ҳаморихҳои поёнӣ бо намӣ, дар фарохии муътадил бо тағйирёбии

фаъол-нокии радиатсияи Офтоб, дар фарохии қутбӣ бошад, ба равшанӣ вобаста аст.

Мавзунии шабонарӯзӣ бо ивазшавии шаб ва рӯз, ки дар натиҷаи дар атрофи тири худ даврзании замин ба вуҷуд меояд, вобаста аст. Мавзунии шабонарӯзӣ дар тағйирёбии ҳамои метеоэлементҳо дар давоми-шабонарӯзӣ намоён мегардад: фотосинтез фақат рӯзона, дар равшанӣ содир мегардад. Инсон ҳам аз рӯйи «соати офтобӣ» зиндагӣ мекунад: фаъолнокии организм аз соати 2 то 5 ва аз 12 то 14 паст мефуроянд, дар ин вакт суръати тапиши дил паст шуда хотира суст мегардад, ҳарорати бадан низ поён мефуроянд. Мавзуни яке аз қонуниятҳои муҳими ривоҷёбии қабати географӣ буда, омӯзиши онҳо дар пешгӯии дар ҳодиса табиӣ ва чораёнҳои табиӣ аҳамияти калон дорад.

Қабати географӣ, дараҷаи сохти таркибии қабати географӣ, хусусиятҳои қабати географӣ, яклухтӣ, мавзунӣ, ивазшавии моддаҳо ва ивазшавии энергия.

1. Қабати географӣ чӣ гуна сохт дорад?
2. Хосияти ба худ хоси қабати географиро гуфта диҳед.
3. Яклухтии қабати географӣ гуфта чиро мефаҳмед?
4. Ҳодисаҳои мавзунии шабонарӯзиро назорат кунед ва ба дафтаратон нависед.

## § 7. Минтақа ва сектори фарохии қабати географӣ

Донишомӯзони гиромӣ, дар синфҳои поёнӣ дар бораи қонуниятҳои умумии қабати географӣ дониши гирифтаатонро ба хотир оваред. Дар мавзӯи мазкур донишатонро боз ҳам ғанӣ месозед.

*Қонунияти минтақавӣ дар қабати географӣ дар география яке* аз қонуниятҳои аввалин ба ҳисоб меравад. Мавҷудияти минтақа ва воҳаҳои иқлимиро олимони юнонӣ ва румӣ муайян кардаанд. Онҳо рӯйи Заминро ба якчанд минтақаи иқлим ҷудо кардаанд. Дар ривоҷи қонунияти воҳавӣ (зонавӣ) хизмати А.Гумболид (асри XVIII) калон аст. Вай воҳаи иқлимӣ ва ботаникӣ географиро муайян кард. Баъдтар ин корҳо аз тарафи В.В.Докучаев ривоҷ дода, қонунияти минтақавии географӣ кашф гардид ва асоснок карда шуд.

Айни замон донишҳо оиди минтақаи географӣ ба талимоти ба В.В.Докучаев асоснок карда мешавад.

*Қонунияти минтақавӣ* дар қабати географӣ дар натиҷаи курашаклии Замин ва вобаста ба он ба сатҳи Замин нобаробар тақсим

гардидаи радиуси Офтоб, тағрёбии ҷараёнҳои гармӣ ва сардӣ дар ҳудудҳои соҳили баҳр, баробари аз укёнус ба дохили материк даромадан тағйир ёфтани намӣ ва ҳарорат ба вуҷуд меояд. Дар натиҷа дар рӯйи Замин ҳарорат, бухоршавӣ, боришот, ҷараёнҳои бодлесӣ, хокҳо, растанӣ, ҳайвонот ва ғайра минтақаҳо ҳосил карда паҳн шудаанд. Минтақаи географӣ танҳо дар рӯйи Замин (об), яъне дар ҷойи пайвандшавии атмосфера, литосфера, гидросфера равшан намоён мегардад, дар атмосфера бо ба боло бардошта шудан, дар литосфера, гидросфера бошад, баробари ба чуқурӣ афтодан минтақа нест мешавад.

*Минтақаи фарохӣ* – аз ҳисоби тағйирёбии кунҷи афтиши нурҳои офтоб қонунан тағйирёбандаи аз экватор ба сӯйи қутб компонентҳои табиат ва геонизомҳо.

Воҳидҳои аз ҳама калони минтақавии қабати географӣ минтақаҳои иқлим (географӣ) аст. Дар дохили онҳо вобаста ба гармӣ ва намӣ минтақаи табиат (географӣ) ҷудо мегардад.

*Минтақаҳои табиат* геонизомҳоеанд, ки дар доираи минтақаҳои иқлимии қабати географӣ, асосан бо назардошти микдори гармӣ ва намигарӣ ва нисбати онҳо бо тартиби қонуни муайян иваз шуда меистад. Дар ҳар як минтақаи табиат хок, растанӣ ва ҳайвоноти ба худ хос паҳн мешаванд. Инчунин ҷараёнҳои табии вобаста ба қувваҳои берунии замин – бодлесӣ, эрозия, дефлятсия, экзаратсия ва ҳоказо ҳам аз рӯйи минтақаҳои табиат фарқ мекунанд. Ҷойгиршавии аҳолии минтақавӣ ва фаъолияти хоҷагидорӣ ҳам таъсири худро мегузорад. Агар харитаи минтақаи табиати дунёро бо харитаи зичии аҳолии дунё муқоиса кунем, ҷангалзорҳои омехта ва паҳнбаргдори шароити табияшон мусоид, ҷангалзорҳои муссон ва ҷангалзорҳои доимо сабзи баргашон сахт (баҳри Миёназамин) дар минтақаи табиат зич ҷойгиршавии аҳолиро мебинем. Ҳиндустон, Хитой, Юнон, Рим барин давлатҳо, ки ба тамаддуни дунё ҳиссаи калон гузоштаанд, айнан дар ҳамин минтақаи табиат ҷойгир шудаанд.

Ҳар як минтақаи табиат иқлим, хок, олами растанӣ, ҳайвоноти ба худ хос дошта, ҳатто ҷараёнҳои географӣ-табиӣ ташаккул ёфта, дар фаъолияти хоҷагидории инсон, алалхусус дар кишоварзӣ ва сохтмон таъсири калон мегузоранд. Дар кишварҳои гарм пахта, ангур, дар кишварҳои гарм ва намнок қаҳва, меваҳои ситрусӣ, чой, шолӣ,

дар кишварҳои салқин гандум, ҷав, дар кишварҳои хунук бошад, танҳо дар гармхонаҳо сабзавот кабудӣ ва гулҳо рӯёнда мешаванд.

**Секторӣ** – ба тарафи дохили хушкӣ баробари аз уқёнус дур шудан аз ҳисоби тағйирёбии хосиятҳои иқлимӣ, дигаргуншавии компоненти табиат ва геонизомҳо.

Секторӣ дар хушкиҳо дар дохили минтақаи иқлим дар ҷудокунии типҳои иқлим мушаххас намоён мегардад. Масалан, дар минтақаи иқлими муътадил дар хушкӣ кишварҳои баҳрӣ, континентали муътадил, шиддатнок ва иқлими муссон ташаккул ёфтаанд. Ин бошад, дар фарогирии хоку растанӣ ва умуман, дар минтақаҳои табиат ҳам акси худро ёфтааст. Вобаста ба ҳолати кишварҳои иқлимӣ ҷангалзорҳои омехта ва дорои паҳнбарг, ҷангалзору дашт ва даштҳо, нимдашт, биёбонҳо, ҷангалзорҳои муссон ташаккул ёфтаанд. Ба хосияти кишвари иқлим монанд ҷангалзорҳои омехта ва дорои паҳнбарг, инчунин дар самти меридионалии ҷангалзорҳои муссон, ҷангалзору дашт, даштҳо, нимчулҳо ва чӯлҳо саросари фарохӣ тӯл кашидаанд.

*Қонунияти азоналӣ* аз қонунияти минтақавӣ фарқ карда, ба туфайли ҷараёнҳои дохилии Замин ва омилҳои маҳаллӣ байни компонентҳои табиат ва геонизом тағйир меёбанд. Омилҳои азоналӣ – тафовутҳои ҷинсҳои кӯҳии фарогирифтаи рӯйи Замин ва сохти релефӣ, бо назардошти хусусиятҳои обгузаронӣ тағйирёбии релеф ва ҷинсҳои кӯҳии сатҳи оби замин, фаъолияти хоҷагии инсон ва ғайра. Омилҳои мазкур ба қонунияти минтақаи фарохӣ тобеъ нест. Алалхусус, омилҳои – геологӣ-геоморфологӣ, ки ба қувваи дохилии Замин вобастаанд, нисбати дигарҳояш васеъ фарогиранда аст. Дар дохили омилҳои геологӣ ҳаракатҳои неотектонӣ (тектонии замони ҳозира) дар ҷойҳои гуногуни рӯйи Замин бо ҳар гуна қувва ва шиддат рӯӣ додани онҳо омили аз ҳама муҳим аст. Инчунин, хусусиятҳои кимиёвӣ ва физикии ҷинсҳои кӯҳӣ ҳам таъсири фаъол мерасонад. Масалан, дар ҷойҳои паҳншудаи ҷинсҳои кӯҳӣ, ки таркибашон аз намакҳо саршор аст, шӯрхокиҳо, дар ҷойҳои паҳншудаи ҷинсҳои кӯҳии дар об зуд ҳалшаванда бошад, кар..тҳо авҷ гирифта, ба тағйирёбии қабати хоки растанӣ ва оқибат ба дигаргуншавии хосиятҳои минтақавии ландшафтӣ сабаб мегардад.

Дар маҳалҳое, ки нишебии рӯйи Замин кам аст, одатан обҳои зеризаминӣ дар сатҳ ҷойгир мешаванд. Дар чунин шароит аз ҳисоби боронгариҳои атмосферӣ ва обҳои ҷоришавандаи атроф

намигарии зиёдӣ ҷамъ шуда, ботлоқзорҳоро ба вуҷуд меоянд. Масалан, Сибири Ғарбӣ, чӯкидагии Конго, пастхамиҳои Ла-Плата, Ориноко ботлоқзорҳо васеъ паҳн гардидаанд. Ботлоқзор – заминҳои дар шароити намигарии зиёдатӣ мудом ё ки вақти тӯлонӣ зах шуда хобида, ки растаниҳои намдӯст ва қабати торф (30 см ва аз он зиёд)-доранд. Дар ботлоқзорҳо решаи растанӣ ба зери хоку таги торф рафта намерасад. Агар қабати торф набошад ё ки тунук бошад (аз 30 см кам), заминҳои ботлоқӣ номида мешавад.

Дар Ӯзбекистон ҳам, ки дар минтақаи табиати дашт ҷойгир шудааст, ба туфайли омилҳои азоналӣ қонунияти минтақавӣ халалдор шуда, ландшафти ба худ хос ташаккул ёфтааст. Дар шакли пурраи релефи Қизилқум ва Устюрт шӯрхокҳо ба вуҷуд омадаанд. Сабаби васеъ паҳншавии шӯрахокҳо, махсусан, дар устюрт ба ғайр аз фурӯхамидагии релеф дар ин ҷо васеъ паҳншавии ҷинсҳои зуд маҳлулшаванда мисли оҳан, гипс, мергел мебошад. Дар дарёбод бошад, аз ҳамвории релеф, ба рӯйи замин наздикшавии обҳои зеризаминӣ ва аз намнок ва салқинтар будани макроиқлимҳо аз ҷӯли атроф тӯқайзорҳо ташаккул ёфтаанд.

Фаъолияти хоҷагидории инсон ҳам дар дохили минтақаи табиат ба онҳо хос набуд, яъне ландшафтҳои «азонали»- ба вуҷуд меорад. Масалан, дар Ӯзбекистон дар натиҷаи ба даштҳо об бароварда, ба азхудкунии онҳо майдонҳои калон ба воҳа табдил дода шудаанд. Воҳа заминҳои дашт ва нимбиёбони ба воситаи об ободшуда мебошад.

Гуногунӣ ва ривоҷёбии шароити табии рӯйи Замин натиҷаи маҷмӯъ ва таъсири байниҳамдигарии омилҳои минтақавӣ ва азоналӣ аст. Дар қабати географӣ ягон ҷойи фақат хусусиятҳои минтақавӣ ё азоналӣ дучоршаванда нест. Хусусиятҳои минтақавӣ ё азоналӣ ҳама вақт ва доимо якҷоя дучор омада, дар зери таъсири байниҳамдигарӣ мешаванд.

Қонунияти минтақавӣ, минтақаи фарохӣ, секторӣ, минтақаи табиат, азоналӣ, омилҳои азоналӣ, ботлоқзор, тӯқай, воҳа.

1. Дар қабати географӣ аз чӣ сабаб қонунияти минтақавӣ ба вуҷуд меояд?
2. Минтақаи фарохӣ ва секторӣ чист?
3. Ба омилҳои азоналӣ чиҳо медароянд?
4. Дар маҳалли истиқоматиатон аз боби маҷмӯи табиати азоналӣ нақл кунед.

## § 8. Қонунияти минтақашавии баландӣ

Ба шумоён аён аст, ки барфи теппагиҳои баланди кӯҳҳои осмонбӯси кишварамон ҳангоми тобистони ниҳоят гарм ҳам об намешаванд. Донишомӯзон барои истироҳат ба пастхамиҳои кӯҳии истироҳатгоҳҳои дорои шароити ниҳоят хуб мераванд. Хӯш, сабаби он дар чист? Аз ҳамворӣ ба сӯйи кӯҳҳо ба баландӣ рафтан баробар шароити табиӣ тағйир меёбад. Яъне, баробари аз пастхамиҳои кӯҳӣ боло рафтан ҳарорат паст шудан мегирад, намигарӣ мефзояд, вобаста ба ин ҳолат растаниҳо гуногун мешаванд, шароити табиӣ қулай ва хушманзара, мусаффо мегардад.

**Минтақашавии баландӣ тағйирёбии қонунии табиат** аз домани кӯҳсор ба сӯйи обҷудокунак аст. Ҳамвориҳои минтақаи баландӣ монанди минтақаҳои табиатанд, лекин маҳз худи он нестанд. Ба ташаккули онҳо баробари ба боло ҳаракат намудан пастравии ҳарорати ҳаво ва фишор, пурзӯр гардидани радиатсияи Офтоб сабаб мешавад.

Маълумотҳо дар бораи баробари ба баландӣ баромадан тағйирёбии растанӣ, тағйир ёфтани шароити табиӣ дар асари Заҳириддин Муҳаммад Бобур «Бобурнома» оварда шуда, оиди кӯҳҳои Мовароуннаҳр ва Афғонистон сухан рафтааст. Лекин қонунияти минтақакунонии баландӣ бори аввал аз тарафи А.Гумболдт баробари омӯзиши кӯҳҳои Алп ва Анд омӯхта шуда, аз нигоҳи илмӣ асоснок гардидааст.

Ба монанди он ки минтақаҳои табиати ҳамворӣ аз экватор ба сӯйи қутб пайиҳам иваз гарданд минтақаҳои баландӣ ҳам аз домани кӯҳ ба сӯйи ҷудокунак иваз мегарданд. Вале дар кӯҳҳо минтақаҳои баландӣ нисбат ба онҳо тезтар тағйир ёфта, монандии баъзе минтақаҳои баландӣ ба ҳамвории минтақаи табиат мавҷуд нест.

Миқдор ва сохти минтақаҳои баландӣ ба баландии кӯҳсор, дар кадом минтақаи табиат ҷойгиршавии он (ҳамчунин дар кишвари иқлим, иқлими кишвари), самтҳо, ҷойгиршавии он нисбат ба массаи ҳаво вобаста аст. Кӯҳҳо чӣ қадар баланд ва дар фарохии поёнӣ (ба экватор наздик) ҷойгир гашта бошанд, минтақаҳои бисёр баланд ба вуҷуд меоянд. Кишварҳои иқлимӣ ҳам ба минтақаҳои баландӣ таъсири назаррас мерасонанд. Дар кӯҳҳое, ки дар иқлими континенталӣ ҷойгир шудаанд, кӯҳ майдони калони минтақаҳои даштӣ, нимдаштиро ишғол менамоянд. Хати

барф нисбат ба кӯҳҳои дар минтақаи иқлими баҳрӣ ҷойгиршуда, аз 700–1000 метр баландтар мегузаранд. Дар кӯҳҳои дар кишвари иқлими кӯҳӣ ҷойгиршуда бошад, минтақаи кӯҳу ҷангал васеъ паҳн гардидааст, хати барф аз пойинтар мегузарад.

Минтақашавии баландӣ ба хосияти релефи баландиҳо вобастааст. Алалхусус, экспозитсияи пастхамиҳои кӯҳӣ ба аҳамияти муҳим молик аст. Дар пастхамиҳои ҷанубӣ ва шимолӣ, ба массаи ҳаво рӯбарӯ ва баръакс, минтақаҳои баландӣ гуногун мешаванд. Масалан, дар самти ҷанубии кӯҳҳои Ӯзбекистон минтақаи адир (кӯҳ дашти хушк) бошад, дар самти шимолии маҳз ҳамин баландиҳо бошад, ташаккулёбии минтақаи баландии кӯҳӣ (кӯҳ – ҷангал-дашт)-ро дидан мумкин аст.

**Экспозитсияи пастхамӣ** ҷойгиршавии кӯҳ ва пастхамиҳои кӯҳӣ нисбат ба сӯйи уфуқ, ба тарафҳои афтиши нури офтоб. Масалан, пастхамӣ ба ҷануб нигаронда шуда бошад, экспозитсияи ҷанубӣ мешавад.

Минтақашавии баландӣ бо минтақаи фарохӣ (минтақаҳои табиат) узван вобаста аст. Минтақаи баландӣ дар минтақаи табиати кадом домани кӯҳ ҷойгир шуда бошад, аз ҳамон минтақаи табиат оғоз меёбад. Масалан, барои он ки Ӯзбекистон дар мавзеи биёбони минтақаи мӯътадил ҷойгир шуда аст, дар аксарияти кӯҳҳо минтақаи якуми баландӣ биёбон ба ҳисоб меравад. Сипас минтақаҳои баландии теппагиҳо (кӯҳ, биёбон-дашт ва биёбони хушк), кӯҳ (кӯҳ – ҷангалзор), чарогоҳ (кӯҳ-дашт ва дашти чарогоҳии кӯҳӣ) ва ниҳоят минтақаи баландии глятсиал-нивал (яху барф, хунукӣ) иваз шуда меояд.

Дар кӯҳҳои Ӯзбекистон минтақашавии баландии растаниҳоро К.З.Зокиров омӯхта, чор минтақаи баландиро ҷудо кардааст ва аз истилоҳоти маҳаллӣ истифода бурда, ин тавр номгузорӣ карда-аст: дашт, теппагиҳо (адир), кӯҳ, чарогоҳ. Минтақаи баландии дашт ҳудудҳои республикаамоpor, ки то баландии мутлақи 400–500 м мебошад, дар бар мегирад. Минтақаи баландии адир аз сатҳи баҳр аз 400–500 м то 1000–1200 м, дар ҷануби республика дар экспозитсияи ҷанубӣ то 1600 м ҳудуди наздикӯҳиро дар бар мегирад. Минтақаи баландии кӯҳ кӯҳҳоро аз 1000–1200 м, дар баъзе маҳалҳо аз 1600 м то 2700–2800 м баландӣ, минтақаи баландии чарогоҳ бошад аз 2700–2800 м оғоз ёфта, то барфу яххои доимӣ, яъне то хати барф давом мекунад. К.З.Зокиров кӯҳ ва яхбастаҳои доимиро ба сифати минтақаҳои

алоҳида ҷудо намекунад. Чунки дар он ҷо растаниҳо намерӯянд. Паҳншавии растаниҳо бо хати барф маҳдуд мегардад. Барои ҳамин хати барф заминҳои баландро ба минтақаи глятсиялнивал муттаҳид месозад. Минтақаи мазкур дар ҳавзаи дарёи Пском аз баландии 3600 м, ҳавзаи Қашқадарё аз 3820 м, дар ҳавзаи Тӯпалангдарё аз 3860 м, дар ҳавзаи Сангардак аз 3850 м оғоз меёбад.

**Хати барф** – сарҳади кӯҳист, ки аз он баланд барф тамоми сол об намешавад. Баландии хати барф ба мавқеи географии ҷой, иқлим, миқдори боришот, экспозитсияи пастхамиҳо вобастааст. Ҳарорати ҳаво чӣ қадар паст ва боришот зиёд бошад, ҳамон қадар хати барф дар поён ҷойгир мешавад. Аз фарохии қутбӣ ва сатҳи баҳр мегузарад. Аз фарохии қутбӣ то тропик баландии хати барф боло меравад. Дар Замини Франс-Иосиф аз 50–100 м, дар архипелаги Шпитсберген аз 400–450 м. дар Кавказ аз 2700–3800 м баландӣ мегузарад. Ҷойгиршавии аз ҳама баланди он ба тропикҳо рост омада, аз 5800–6000 м баландӣ мегузарад. Сабаби гузаштан аз ин тропикҳо баланд будани ҳарорат ва ниҳоят кам будани боришот аст. Дар экватор бошад, баландии хати барф то 4500 метр поён мефурояд. Сабаби он бисёр будани боришот, як қадар паст будани ҳарорат аст.

Баландии хати барф танҳо аз қутб ба экватор не, балки аз тарафи баҳр ва укёнус ба дохили қитъа, яъне бинобар дурӣ ҳам боло меравад. Дар минтақаи мӯътадил сарҳади хати барф аз кишвари иқлими баҳрии соҳили укёнуси ғарбӣ ба сӯйи иқлими континентали шиддатноки дохили қитъа бардошта мешавад. Масалан, дар Алп хати барф дар баландии 1000–1300 м, Кавкази ғарбӣ 2700 м, қисми Хонтангрии Тиёншон дар баландии 4200 м ҷойгир шудааст, сабаби он дар кишвари иқлими баҳрӣ боришот бисёр, тобистон салқин мебошад. Дар кишвари иқлими континенталии шаддид бошад, баръакс, боришот кам, тобистон гарму серофтоб, то дер давом мекунад.

Минтақашавии баландӣ, экспозитсияи пастхамиҳо, хати барф, биёбон, теппагиҳо, кӯҳ, чарогоҳ, барф ва пиряхҳо.

1. Ба минтақашавии баландиҳо чӣ сабабгор аст?
2. Хати барф чист?
3. Миқдори минтақаҳои баландӣ ба чӣ вобаста аст?
4. Аз сабақҳои гарифтаатон дар синфҳои поёнӣ ва фанни биология истифода бурда, хосияти ба худ хоси шароити табиии минтақаҳои баланди Ӯзбекистонро ба дафтаратон дар шакли ҷадвал нависед.

## § 9. Геонизомҳо ва зинамонандии онҳо

Дар синфҳои ибтидоӣ шумоён бо мафҳумҳои маҷмӯи табиат, маҷмӯи ҳудудии табиӣ, маҷмӯи географӣ гуфтани ошно шудед. Синоними мафҳуми маҷмӯи географияи табиӣ будани ҳамаи онҳоро дониста гирифтед. Мафҳумҳои мазкур хеле умумӣ ва содда буда, синну сол ва доираи фикррронии шуморо ба инобат гирифта иншо гардидаанд. Акнун бошад, бо мафҳуми нисбати онҳо хеле мураккаб мафҳуми геонизом ошно мегардед.

Ҳар як фан баробари ривоҷ ёфта, такомул пайдо кардан мафҳумҳои объекти тадқиқот, предмет ва вазифаҳои он ҳам муайян мегардад. Дар миёнаҳои асри гузашта дар фанни география ҳам оид ба низом таълимот ворид шуд. Дар натиҷа ба объекти озмоиши тадқиқоти географӣ чун ҳамонвақта маҷмӯъ не, балки низом гуфта назар афкандан ба миён омад. Ба ҳамин муносибат соли 1963 аз тарафи академик В.Б.Сочава мафҳуми геонизом ба фан дохил гардид ва таълимоташ офарида шуд. Мафҳуми мазкур барои мушаххас ва мукаммал таърифкунии объекти географӣ аз ҷониби ҳамагон эътироф гардид. Ҳоло дар тадқиқотҳои географӣ ба таълимот дар бораи низомҳо амал карда мешавад ва ба объекти омӯзиш чун низом назар меафкананд.

Академик В.Б.Сочава чунин таъриф медиҳад: Геонизом синфи алоҳида ва ба худ хоси низоми идоракунанда аст. Макони дар ҳама андоза, ки компонентҳояш дар рӯйи Замин будаи он ба ҳамдигар алоқаи бонизом доштаанд ҳамчунин ба сифати яклухтии маълум бо қишри фазо ва ҷамъияти одамон дар таъсири байниҳамдигарӣ мебошад. Баробари яклухт будан низоми мазкур ба низоми хурд тақсим мегардаду сатҳи сайёраро пурра фаро мегирад баробари ин як порчаи он ба сифати макони на он қадар калон мустақилона арзи ҳастӣ мекунад ва фаъолияти махсусро ба иҷро мерасонад.

Мувофиқи таърифи мазкур геонизом бо компонентҳои ба ҳамдигар вобаста бо алоқаҳои дуруст ва баръакси тавассути муттаҳидшавӣ, инчунин бо таъсири байниҳамдигарӣ аз низоми табиат ва ҷамъияти хурд иборат аст. Ба он агар ҳамчун низоми ҳудудии ҳолаташ яклухт ва томи моддӣ-энергетикӣ нигоҳ кунем ҳам мешавад. Геонизом муҳити ҳақиқии зиндагонии инсон ё ки ба сифати низоми ҳудудии таъсираш бевоситаи табиӣ, табиӣ-антро-

пологӣ (табиии тағйирдодашуда) ё худ антропоген кардашуда (аз тарафи инсон пурзӯр тағйирдодашуда) намоён мегардад. Компонентҳои ташкилкунанда ва ривоҷдиҳандаи геонизом ба ҳамдигар таъсир расонда, алоқамандии байни онҳо дар шакли маҷрои мустақил рӯйдиҳандаи модда ва ивазшавии энергетикӣ мешавад. Ҳаракати модда ва компонентҳои геонизом қисми таркибии он геонизоми хурдтар ва компонентҳои табиат, объектҳои антропогенро мепайвандад, инчунин яклухтии онро таъмин месозад.

Геонизом мувофиқи хосиятҳои **модда** ва **ивазшавии энергия** ба ду намуд ҷудо мешавад:

а) геонизоми пӯшида, ки аз сарҳади ивазшавии модда ва энергия берун баромада наметавонад. Масалан, қабати географӣ;

б) геонизми кушода, ки аз сарҳади ивазшавии модда ва энергия берун баромада метавонад. Масалан, ландшафтҳо.

Ба назардошти доирои геонизом, яъне калону хурд буданаш В.Б.Сочава онро ба дараҷаи *сайёравӣ, минтақавӣ, топологӣ* тақсим мекунад. Ҳар яки геонизоми мазкури миқёсан сайёравӣ, минтақавӣ ва топологӣ (маҳаллӣ) бо ҳаҷму синну соли ба худ хос тавсиф гардида, шакли ба худ хоси модда ва ивазшавии энергияро молик аст. Ин геонизомҳои семиқёса аз ҷиҳати синну сол аз якдигар фарқ мекунанд. Масалан, синну соли геонизми миқёсан сайёравӣ ва минтақавӣ бо андозаи даврии геонизом чен гардад, синну соли геонизоми дар миқёси топологӣ якчанд даҳҳо, садҳо ҳазорон солҳо чен шуданаш мумкин аст.

Ба геонизоми миқёси сайёравӣ қабати геонизом дохил мешавад. Вай баробари геонизоми калон ва аз ҳама мураккаб буданаш дар айни замон ба геонизоми дорои қимати ниҳоят зиёд ва гуногуни таксономӣ тақсим мегардад. Геонизоми дараҷаи минтақавӣ инҳоянд: қитъаҳо, кишварҳо, минтақаҳо, музофотҳо, округҳо, ноҳияҳо. Дар ин ҷо мо танҳо тақсимоти геонизоми хушкиҳоро нишон додем. Минтақаҳои обӣ бошанд, дигар хел тақсим мегарданд. Геонизомҳои миқёсан топологӣ (хурд) – ландшафт ҷой урочише фатсия.

Геонизомҳо (ба ғайр аз фатсия) аз ҷиҳати сохти дохилиашон дар як вақт ҳам яклухт, ҳам гуногун аст, яъне аз геонизомҳои аз худаш хурд ташкил ёфтааст. Ин геонизомҳо вобаста ба хурдию калониашон арзиши зинапояшакли таксономиро молик ҳастанд. Масалан, қабати географӣ ба геонизомҳои аз худаш нисбатан хурд

– хушкӣ ва уқёнусҳо, хушкӣ дар навбати худ, ба қитъаҳо, қитъаҳо бошанд, аз геонизомҳои аз худ нисбатан хурд – кишварҳои географии табиӣ ташкил ёфтаанд ва ҳоказо. Геонизомро мувофиқи калониву хурдиаш, яъне зина ба зина гузоранд, ин тавр сурат мегирад: қабати географӣ – хушкӣ – материкҳо, кишварҳои географии табиӣ – минтақаҳои географии табиӣ музофотҳои географии табиӣ – округҳои географии табиӣ – ноҳияҳои географии табиӣ – ландшафтҳо – маҳалҳо – урочишеҳо – фатсияҳо. Лекин геонизомҳо, одатан чуноне ки дар боло зикр ёфт, паси ҳам не, балки геонизомҳои хурд якҷоя бо калониашон, онҳо бошад, дар навбати худ аз онҳо калонашонро ҳосил намуда, яъне «дар дохили калонҳо хурдҳо»-яш ҷойгир мешаванд.

Дар тадқиқотҳои географӣ аз геонизомҳои дар боло оварда асосан ландшафт ва қисмҳои он, ҷой урочише ва фатсия омӯхта мешаванд.

**Ландшафт** – калимаи немисӣ буда, (ланд – замин ва шафт – суффиксест, ки алоқадорӣ, вобастагии байниҳамдигариро акс мекунонад), дар забони умумадабӣ маънои намуд, манзара, ҷойро мефаҳмонад. Дар география бошад, истилоҳи илмӣ буда, барои номгузорӣ ва тавсифи зинаи яктаксономии геонизомҳо ба кор бурда мешавад. Ландшафт – геонизоми яклухт, ки аз ҷиҳати генетикӣ аз маҷмӯи геонизомҳои ба ҳамдигар вобастаи сохти геологияш якхела, як намуди релеф, иқлими якхела ва фақат ба ҳамин ландшафтҳо хос иборат аст. Ландшафт аз ҷиҳати дигар назар афканем, минтақа, музофот, округ, ноҳия барин ташкилкунандаи геонизоми минтақавӣ, геонизоми аз ҳама оддӣ, воҳиди аз ҳама оддиву хурди қабати географист. Аз ҷиҳати дуюм вот, фатсия барин қисмҳои аз худаш хурд ва аз дастаи оддии геонизом ҳосилшуда геонизоми бисёрқабата





***Расми 3.*** а). Ландшафти дашти Қизилқум. б) Ландшафти қаторкӯҳҳои Чотқол.

ва динамикӣ аст. Ландшафт бо ландшафтҳои гирду атроф тавассути ивазкунии модда ва энергия мудом дар зери таъсир мебошад ва геонизоми кушод ба ҳисоб меравад. Маҳалҳои ҷойгиршудаи ландшафт аз низоми вотҳо, вотҳо бошад, аз низоми фатсияҳо иборат аст.

*Ҷой* – геонизомест, ки аз муҷассамии воти ба ҳамдигар вобаста ва монанд иборат аст. Дар табақакунонии ҷойҳои ландшафт релеф дорои аҳамияти калон аст. Ҷой ба мезошаклҳои релеф рост меояд. Маҷрои поёнии дарёҳо ҷойҳои дарёбодро ташкил медиҳанд. Барои ин гурӯҳи ҷойҳо дар сатҳи замин наздик ҷойгиршавии обҳои зеризаминӣ, барои ҳосилшавии хок иштироки фаъолонаи онҳо, асосан гидроморф, яъне ривоҷёбии хоки аллювиалӣ, паҳншавии растаниҳои намдӯст сабаб мегардад. Қисмҳои маҷрои болову поёни дарё қариб, ки дар Ӯзбекистон аз худ гардида, дар онҳо бо деҳқонии обёришаванда машғул мегарданд.

**Вот (рош)** геонизомест, ки дар шакли мезои релеф ҷойгир шуда, аз ҷиҳати саромад ва ривоҷёбӣ аз фатсияҳои узван вобаста иборат аст. Барои ба воти алоҳида ҷудошавии асоси литогении он – сохти литологии ҷинсҳои кӯҳӣ аҳамияти калон дорад. Дар ҳамвориҳо вотҳо (ҳудудҳо) бисёр вакт ба ҷариҳо, маҷрои мураккаби сохташуда, терассаҳои поёнӣ, терассаҳои болоии фурӯхамида, дар чӯкидагии кӯлҳои хурди сохташудаи делтаҳо, дар кӯҳҳо ба сойҳо, назди кӯҳи қиру ёнаҳо ва дигарон мутобиқ меоянд.

**Фатсия** – (аз лотинии fasies – маънои қиёфаи берунаро дорад) – геонизоми аз ҳама оддӣ таркибёфта ва аз ҳама хурди бо якхелагии аломатҳои худ, ки ба таркиби литологии ҷинсҳои кӯҳӣ, сохти релеф, намнокии якхела, микроиқлим, хок, олами растанӣ ва ҳайвоноти якхела, яъне компонентҳои ҳосилкунандаи он хос мебошад, тавсиф мегардад. Фатсияҳо бо микрошаклҳои релеф рост меоянд. Масалан, фатсияи дохили ғорҳо, қаъри пастхамиҳо. Фатсияҳо дар дохили геонизом аз ҳама кушод ба ҳисоб меравtotalandanand ва танҳо бо фатсияҳои ҳамсоя дар шароити бо ҳам вобаста, аз алоқадорӣ ташаккул меёбанд. Барои ҳамин ҳам ба геонизомҳо таъсири фаъолияти хоҷагидории инсон ва оқибатҳои ба худ хоси он саравтал дар миқёси фатсияҳо рӯй медиҳад. Аз он ҷумла тағйиротҳои мазкур дар растаниҳои фатсияашон аз ҳама ҳаракатнок, растаниҳои ба тағйирот моил ба чашм мерасад ва минбаъд хусусиятҳои дигари онҳо тағйиротҳое мисли микроиқлимӣ, намнокӣ, тартиби гармӣ тағйиротҳо оварда

мерасонад. Ҷинсҳои кӯҳӣ бисёр вақт тағйир намеёбанд. Аз ҳамин сабаб дар фатсияҳо мавҷуд будани таъсири инсон боздошта шавад, фатсияҳои тағйирёфта боз барои ба ҳолати аввалаи худ баргаштан ҳаракат менамоянд.

Ба як хел шароит молик будани геонизом онҳоро барои аз нигоҳи илмӣ ва амалӣ омӯхтан муҳим буданашро нишон медиҳад. Чунки тағйирпазирӣ, ривоҷёбӣ, ҷойгиршавии захираҳо, маҳсулнокӣ ва хусусиятҳои дигари онҳоро тадқиқ кардан, роҳҳои аз ҳама пурсамари ба мақсади тараққиёти хоҷаги дорӣ истифода бурдани онҳоро боз менамояд.

Геонизом, табақагардонии геонизомҳо, геонизомҳои сайёравӣ, минтақавӣ ва топологӣ, ландшафт, ҷой, вот (рош), фатсия.

1. Геонизомҳо чист?
2. Геонизомҳо чӣ тавр тартиб ёфтаанд?
3. Ландшафтҳо аз чӣ гуна геонизомҳо иборат аст?
4. Дар маҳалли истиқоматиатон оид ба ҷой, вот ва фатсия мисолҳо оваред.



# БОБИ III. ҶАМЪИЯТ ВА ТАБИАТ

## § 10. Муносибатҳо байни ҷамъият ва табиат

Инсон дар давоми ҳаёти худ барои эҳтиёҷоташ тамоми маводи заруририро аз табиат мегирад. Баробари рушди илму техника олоти меҳнати инсон такомул меёбад. Оқибат вай хосиятҳои табиии иҳотакунии худро тағйир дода, «муҳит»-и ба худ хосро ба вуҷуд меоварад. Барои ҳамин баробари ҳарф задан оид ба муносибатҳои ҷамъият ва табиат муҳити табиӣ, муҳити географӣ, муҳити атроф, муҳити техногенӣ барин мафҳумҳо истифода мегарданд.

Табиат – ҳастӣ, оламе, ки моро иҳота намудааст. Табиат дар вақту фазо номаҳдуд буда, беист дар ҳаракат аст, дар ривоҷу тағйирот мешавад. Ҷамъият ҳам як порчаи ба худ хоси олами моддӣ, табиат мебошад.

**Муҳити табиӣ** – таҷассуми шароити табиӣ, ки ҷисму моддаҳои табиӣ, чизе ё касеро иҳота карда, фаъолияти ҳаётии он содир мешавад. Дар адабиётҳои географӣ мафҳуми мазкур бисёр вақт нисбати як қисми таъсири байниҳамдигарии қабати географии инсон ва ӯро иҳотакунанда истифода мегардад.

**Муҳити географӣ** – шароити табиии иҳотакунандаи ҷамъият, дар марҳалаи таърихии муайяни истеҳсолоти иҷтимоӣ як қисмест, ки бо ҷамъият дар зери таъсири байниҳамдигарианд. Муҳити географӣ яке аз шароитҳои доимӣ ва зарурии тараққиёти ҷамъият буда, дар тақсимоти меҳнат ва ҷойгиршавии соҳаҳои хоҷагӣ таъсири фаъол мерасонад.

*Муҳити техногенӣ* – як қисми муҳити атрофи аҳолиро печонда гирифта, объектҳо, ҷисм ва моддаҳои аз тарафи инсон офаридашуда аст.

**Муҳити атроф** шароити зиндагонӣ ва меҳнати муҳити табиӣ ва техногение, ки аҳолиро иҳота кардааст.

Таъсир ва муносибатҳо байни ҷамъият ва табиат дар макону замон тағйир ёфта, гуногун мешавад. Фаъолияти инсон ба мақсади дуруст равона гардида бошад, аз табиат оқилона истифода бурда, ба нашъунамои ҳамин маҳал, ҳудуд, кишвар оварда расондааст. Агар таъсир баръакс бошад, ба сар задани шароити ноқулай сабабгор мешавад. Дар давоми таърихи инсоният муносибати ӯ бо табиат доимо тағйир ёфта, мураккаб гардидааст. Пурзӯр гардидани таъсири табиат ба ҷамъият ва тағйир ёфтани муносибат ба табиат дар панҷ марҳала шуданаш мумкин аст.

**1. Давраи ҷамоаи ибтидоӣ** – тарзи ҳаёт, ки ҳолати табиии геонизоми ҷамъиятро халалдор насохтааст. Баробари пайдоиши одам оғоз ёфтааст. Хосиятҳои мазкур: сараввал аз неъматҳои тайёри табиат бо неъматчинӣ умр ба сар бурдан, силоҳи сангин ихтироъ шуда, бо шикор ва моҳидорӣ шуғл варзидаанд, оташ кашф гардидааст, ҳайвоноти аввалини хонагӣ, яъне саг хонагӣ гардидааст, инсон ба табиат умуман мутеъ гардида, ба сифати як пораи табиат ҳаёт ба сар бурдааст, табиатро ба худ мутобиқ нагардондааст, геонизомҳо ба пуррагӣ ба имконияти аз нав эҳё бахшидан соҳиб будаанд ва ғайра. Одами ибтидоиро манзили иқлимаш қулай, аз ресурсҳои биологӣ бой (ҳайвоноту меваҳои калон) бештар шавқманд гардондааст. Дар ин марҳила инсон фаъолияти хоҷагидориро ниҳоят содда карда ба тағйирёбии муҳити табиӣ сабабгор нагардидааст. Дар ин марҳала табиати инсон

тағйир наёфтааст, фаъолияти хоҷагӣ ниҳоят содда буда, ба тағйир ёфтани муҳити табиӣ сабабгор гардид, растаниҳои мевадорро эҳтиёт намудан ва мувофиқи меъёр чидан, қоидаҳои шикор кардан ба сабаби он ки дар он давр навиштаҷот набуд, ба тарзи даҳанӣ ба роҳ монда шудааст.

2. **Даври инқилоби кишоварзӣ** – тарзи ҳаёт, ки дар ҳудудҳои хурд ба кам вайроншавии геонизомҳои ҷамъияти сабабгор шудааст. Аз ин 6–8 ҳазор сол муқаддам оғоз ёфтааст. Дар ин давр одам аз шикорчигӣ ва моҳидорӣ ба деҳқонӣ гузаштааст. Тағйирёбии сусти ландшафти табиӣ рӯй додааст. Хосияти ин давр: дар даври неолит дар натиҷаи инқилоби кишоварзӣ бо деҳқонӣ ва чорводорӣ машғул гардидаанд. Муғонагӣ оид ба таъсиррасонии инсон ба табиат ва имкон доштани тағйирдиҳии он нуқтаи назар пайдо гардид. Олоти меҳнат хеле такмил ёфта, мувозинатро байни инсон ва табиат халалдор сохт, баъзе ҳайвоноти шикорӣ ва растаниҳо аз ҷиҳати микдор кам гардиданд, намудҳои нахустини соҳаҳои хоҷагидорӣ пайдо шуда ривоҷ ёфтаанд ва аввалин шаҳрҳо пайдо шудаанд. Дар ин қабил маҳалҳои ҷамъо-мадаи аҳолӣ дар микёси фатсия ё ки рош мувозинати экологӣ вайрон шуда, ба сар задани таркиби муаммоҳои геоэкологӣ оварда расондааст. Мувофиқи маълумотҳо дар ҳудуди Ӯзбекистон дар асри II пеш аз мелод аввалин ҷӯйҳо, дар асрҳои IV–VI мелодӣ каналҳо кофта шудаанд.

Дар ин давр таъсири инсон ба табиат пурзӯр гардида, ҳунармандӣ ривоҷ ёфтааст, дар хоҷагидорӣ аз захираҳои табиӣ васеъ истифода бурдаанд. Кишоварзӣ ва чорводорӣ боз ҳам ривоҷ ёфта, аммо онҳо бо қувваи даст асоснок буданд, ба мувозинати экологӣ таъсир расонда наметавонистанд. Пас, дар ин давр ба табиат таъсир асосан ба мақсади рушди кишоварзӣ амалӣ гардид, он марҳилаи нисбатан ниҳоят дароз буда, ба табиат он қадар таъсири пурзӯр нарасондааст. Баъзе компонентҳои табиат таъсири пурзӯре расондаанд (ҷадвали 4). Қонунҳои ҳифзи муҳити атроф ва аз ресурсҳои табиӣ оқилона истифода бурдан ба тарзи навишт ба роҳ монда шуда, амалӣ гардидааст. Ба манбаъҳои диниӣ асос карда, ҳукмдорон дар даври гуногун қонунҳо ва фармоишҳои ҳархелаи экологиро интишор намудаанд.

**3. Даври инқилоби саноат** – тарзи ҳаёт, ки ба мақсади қонеъ гардондани эҳтиёҷи моддӣ ва маънавии худи ҷамъият аз табиат бебаркаш истифода бурда мешавад. Ин давр аз асри XVIII сар

зада, хусусиятҳои асосии он: соли 1784 баробари офаридани мошини буғӣ «инқилоби саноатӣ» оғоз ёфтааст; Дар миёнаи асри XX бошад, «Инқилоби сабз», яъне дар кишоварзӣ гардиши куллӣ ба амал омада, ин «инқилобҳо» баъдтар дар геонизомҳо тангии экологиро ба вуҷуд оварда, инсон ба «қувваи геологӣ»-и асосӣ табдил ёфт; муаммоҳои геологии миқёси минтақавӣ таркиб ёфт; ба муҳити табиӣ таъсири пурзӯр расонда шуд (ҷадвали 1). Таъсири ҷамъият ба табиат пурзӯр гардид. Ландшафтҳои табиӣ бо суръати баланд тағйир ёфт. Ба туфайли кашфиётҳои бузурги географӣ дигар қитъаҳо ҳам аз худ гардиданд. Таъсири табиат ба ҷамъият ҳам пурзӯр гардид. Бо мақсади конеъ гардондани эҳтиёҷи ҷамъият, баланд бардоштани дараҷаи зиндагӣ, сарпур кардани хароҷотҳои ҳарбии рӯз то рӯз афзоянда, аз оғӯши табиат бойигариҳои он бешафқатона дарҳам-барҳам «кашида гирифта шудаад».

**4. Даври инқилоби фан ва техника** – тарзи ҳаёт, ки аз захираҳои табиии ҷамъият оқилона истифода бурда ва муҳити мавҷудаи табиат нигоҳ дошта мешавад. Ин давр аз нимаи дуюми асри XX оғоз меёбад. Дар ин давр дониши экологӣ, шуур, маданият ташаккулу ривоҷ ёфт, ташкилотҳои экологӣ созмон ёфтанд, миқдори аҳолӣ ба тезӣ инкишоф ёфт ва инсон бо илм «мусаллаҳ гардид», яъне «инқилоби фанну техникӣ» амалӣ гардид, азхудкунии фазо сар шуд. Аз тамоми элементҳои системаи даврии Менделеев истифода бурда, дар табиат пайвастаҳои сунъии бегона пайдо шуданд, қонунҳои табиат ба қонунҳои иҷтимоӣ мувофиқ гардиданӣ шуд, вазъи геоэкологии ҳудудҳои инқирозӣ ва муаммоҳои геоэкологии глобалиро ба вуҷуд овард, ба тамоми компонентҳои табиат таъсири пурзӯр расонд. Баробари ин дар ин давр ба ҳифзи растанӣ ва ҳайвонот эътибори алоҳида нигаронда шуд, қонунҳои экологии ихтисосонидашуда қабул гардид. Алалхусус баъди ба истиқлол расидани республика қонунҳои мазкур ба андозаҳои байналхалқӣ мутобиқ гардонда, қонунияти экологӣ дар низоми таълим омӯзонда шуданд. Пас, ин давр аз ҳама нисбатан кӯтоҳ давом карда, бо тағйирёбии аз ҳама пурзӯри геонизомҳо фарқ карда меистад. Ба муносибати ба дараҷаи ниҳоят баланд ривоҷ ёфтани фан ва техника захираҳои табиӣ ба миқёси ниҳоят калон аз худ гардид. Таркибёбии муаммоҳои геоэкологии гуногуншакл ва гуногунмиқёс ва пурзӯршавии офатҳои табиӣ ҳамоҳангии қонунҳои ҷамъиятӣ ва қонунҳои табиатро тақозо дорад.

**5. Даври муносибатҳои экологӣ** тарзи ҳаёт, ки ҷамъияти солим ва муҳити атрофи тозаи экологиро барои баробари пешрафти иқтисодӣ арҷгузорӣ кардан асоснок гардидааст. Баъзе аломатҳои даври мазкур дар баъзе давлатҳои мутараққӣ ба назар расида, инсонро ба сифати организми биологӣ ва иҷтимоӣ нигоҳ доштан ва ба мақсади бехавф нигоҳ доштани муҳити атрофи экологӣ муҳофиза кардан ҳамчун вазифаи асосӣ ҳисобида шудааст, аз нав барқарор кардани захираҳо аз ҳисоби ҷамъият амалӣ мегардад, қонунмандии экологӣ боз ҳам такомул ёфтааст, барои сарпур кардани зарари ба табиат расондашуда вазъияти геоэкологии ҳар як ба ҳисоб гирифта шуда, дар ҳоли табақагардонӣ муайян карда мешавад, «инқилоби маданияти экологӣ» ба вуҷуд меояд.

*Ҷадвали 4*

**Пурзӯр гардидани таъсири ҷамъият ба табиат**

| Қисми таркибии муҳити табиӣ | Таъсири ҷамъият ба табиат | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | Даври ҷамоаи ибтидоӣ | Даври инқилоби кишоварзӣ | Марҳалаи инқилоби саноатӣ | Даври инқилоби фанну техника | Даври муносибати экологӣ |
| Ҷинсҳои кӯҳӣ | | 1 | 2 | 3 | 5 |
| Релеф | | 1 | 2 | 4 | 5 |
| Хок | | 1 | 3 | 4 | 5 |
| Растанӣ | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
| Ҳайвонот | 1 | 2 | 3 | 5 | 5 |
| Ҳаво (иқлим) | | 1 | 3 | 3 | 5 |
| Об | | 1 | 3 | 4 | 5 |
| Геонизомҳо | 1 | 1 | 3 | 4 | 5 |

*Дараҷаи таъсири ҷадвал: 1 – бемадор; 2 – пурзӯртар; 3 – пурзӯр; 4 – ниҳоят пурзӯр, лекин сарфакор; 5 – ниҳоят пурзӯр ва аз нав эҳё бахшидан, муҳофиза кардан.*

Табиат, ҷамъият, захираҳои табиӣ, муҳити географӣ, муҳити табиӣ, муҳити техногенӣ, муҳити атроф, кишоварзӣ, инқилоби саноатӣ.

1. Дар кадом давр инсон табиатро тағйир надода, ба он мутобиқ гардидааст?
2. Инқилоби саноатӣ кай содир гардид?
3. Дар кадом марҳала мувозинати экологӣ вайрон шуд?
4. Марҳалаҳои инқилоби саноатӣ ва фанну техникаро муқоиса намоед.

## § 11. Ландшафтҳои антропогенӣ

Дар рӯйи замин инсон пайдо шудан баробар беист ба табиат таъсир расонда аз он фойида бурдан ва ба мақсади ба худ қулай сох-тан тағйир дода мешавад. Таъсири фаъолияти хоҷагидории инсон таъсири антропогенӣ номида шуда, бар асари он дараҷаи тағйирёбии геонизом, миқёс ва суръатфизогиаш гуногун мешавад. Он аз як тараф бо хосияти ба худ хоси геонизом, аз тарафи дигар ба таъсиррасонии инсон ба геонизом вобаста мебошад.

Хосиятҳои табиии геонизом, яъне, хосияти иқтидори худидоракунӣ ва эҳё ё ки пурзӯршавӣ дар зери таъсири антропогенӣ аз рӯйи тобоварӣ ё тобнаоварӣ дар геонизоми гуногун ҳар хел мешавад. Баробари ин фаъолияти инсон ҳам гуногун мебошад. Масалан, инсон ба геонизомҳо ба воситаи саноати маъдангудозӣ як хел таъсир расонад, дар сохтани шаҳр дигар хел, кишоварзӣ, чорводорӣ, ҷангалзор бошад, боз дигар хелтар таъсир мерасонад. Дар натиҷа дар инсон дар ҳар хел дараҷа ва намуд геонизоми мусбӣ ва манфии тағйирёбанда ҳосил мегардад.

Бисёр вақт фаъолияти хоҷагидории инсон бо компонентҳои табиат вобаста мегардад. Дар кишоварзии лалмикорӣ бо хок, дар чорводорӣ ва ҷангалбонӣ бо растанӣ (алафҳо ва дарахтон), дар саноати маъдан бо ҷинси кӯҳӣ (канданиҳои фойиданок) алоқаманд мешаванд. Бинобар ин компонентҳои мазкур дар ҳамон ҳудудҳо ба дараҷаи маълум ба тағйирот рӯбарӯ мегардад. Баъзан ин тағйиротҳо баробари дигар компонентҳо ҳам ба ин ё дигар дараҷаи тағйиротҳо оварда мерасонанд. Дар баъзе соҳаҳои хоҷагидорӣ инсон бо ду ва аз он зиёд компонентҳо дар муносибат мешавад. Дар кишоварзии обёришаванда бо хок ва об, дар истеҳсолоти саноатӣ бо хок, об, ҳаво, растанӣ дар муносибат мегардад. Компонентҳои табиат, ҳамчунин геонизоми пахлӯи якдигар узван вобаста ба содиршавии таъсири бо ягон мақсад амалишаванда ба яке аз компонентҳо, ба компонентҳои дигар бисёр вақт ба амалишавии таъсири дониста иҷронашуда оварда мерасонад (сохтани обанборҳо ба замини атрофро пахш кардани об, гирифта шудани обҳои зеризаминӣ ба фурӯравии сатҳи замин ва ҳоказо). Дар асл, қариб тамоми намуди фаъолияти хоҷагидорӣ (истеҳсолот, рекреатсия, ҳифзи табиат, озмоиши илмӣ) дар амал доимо ва дар вақт-вақташ ба геонизом таъсир мерасонад. Дар асоси миқёс, суръат ва дигар нишондиҳандаҳои таъсири мазкур геонизомҳо ба

дараҷаи маълум ба тағйирот дучор меоянд. Тағйиротҳои геонизом дар навбати худ ба саломатии аҳолӣ ва фаъолияти хоҷагидорӣ оқибатҳои мусбӣ ва манфӣ меоваранд. Аслашро гирем, инсон ҳоло ба офариниши тамоми ландшафт қодир нест. Инсон дар давоми фаъолияти хоҷагидории худ ин ё он хусусияти ландшафтҳои табиатро тағйир медиҳад. Ягон тағйироти ба ландшафт воридшаванда (яъне растанӣ, ҳайвон, ҷинси кӯҳӣ, об ва ғайра) дар асл аз дигар ландшафт гирифта мешавад. Инчунин, қисмҳои таркибии «бегона», ки аз тарафи инсон дароварда мешавад, дар асоси қонунияти табиии ана ҳамин ландшафт ривоҷ меёбад. Масалан, каналҳо монанди дарёҳо соҳил ва қаъри худро «мекобанд», аз онҳо об бухор мешавад, дар соҳилҳо растаниҳои ба тӯқай хос пайдо мешаванд. Обанборҳо мисли кӯҳҳо соҳилҳои худро «фурӯ» мебаранд, таги онҳо бо ҷинсҳои озуқавӣ ғанӣ мегардад, ба сатҳи обҳои зеризаминӣ таъсир мерасонанд. Иншоотҳои муҳандисӣ ва роҳҳо «хӯрда» мешаванд, растаниҳои маданӣ бо растаниҳои ба ҳамин ландшафт хос омехта гардида, мутобиқ мегарданд ва ҳоказо. Аз ин нуқтаи назар дар натиҷаи таъсири антропогенӣ ландшафтҳои тағйирёфтаро то ландшафтҳои антропогенӣ номидан ландшафтҳои бо таъсири омили антропогенӣ тағйирёфта гуфтан дурусттар мешавад. Лекин ин истилоҳот барои истифодабарӣ қулай нест, аз ин рӯ истилоҳоти ландшафти антропогенӣ ба кор бурда мешавад.

Чуноне ки дар боло зикр намудем, ба муносибати гуногунии хосиятҳои геонизом ва ҳархела будани фаъолияти хоҷагидории инсон дар рӯйи замин ландшафтҳои антропогении мухталиф пайдо шуданд. Ин бошад, барои табиатро дуруст ва оқилона ташкил додан расмӣ гардондани онҳоро тақозо дошт. Аз тарафи олимон чунин намудҳои ланшафти антропогенӣ ҷудо карда шудааст. Ф.Н.Милков намуди фаъолияти инсон ва ба ландшафтҳо ба кадом дараҷа инъикосёбии онро ба ҳисоб гирифта, тамоми ланшафтҳои антропогениро ба 8 синфи ландшафтҳо тақсим намуд (ҷадвали 4). Синфҳои ландшафт ба намудҳо тақсим гардиданд.

*Ҷадвали 4*

**Намудҳои ландшафти антропогенӣ**

| № | Синфҳои ландшафти антропогенӣ | Намудҳои ландшафти антропогенӣ |
|---|---|---|
| 1 | Ландшафтҳои кишоварзӣ | Кишоварзӣ, боғдорӣ, алафзор-чарогоҳ, омехта. |

| | | |
|---|---|---|
| 2 | Ландшафти саноатӣ | Карер ва партовҳо, терриконҳо псевдокарст ва ҳоказо. |
| 3 | Ландшафтҳои хатӣ-роҳӣ | Роҳҳои автомобилгард, роҳи оҳан, қубурҳои нефту газ ва дигарҳо. |
| 4 | Ландшафтҳои антропогении ҷангал | Дарахтзорҳо (иҳотазорҳо), ба ҷойи ҷангали бурида ташкили ҷангалзорҳои нав ва дигарҳо. |
| 5 | Ландшафти антропогении об | Обанборҳо, каналҳо, кӯлҳо, ҳавзаҳои моҳипарварӣ ва дигарҳо. |
| 6 | Ландшафти рекреатсионӣ | Санаторияҳо, масканҳои истироҳатӣ, боғу дарахтзорҳои атроф ва ҳоказо |
| 7 | Ландшафти селитеб | Шаҳрҳо ва деҳот |
| 8 | Веллигеративӣ (лотинии веллигеро – ҷанг) | Теппагиҳои хушк, шахракҳои ҳимоявӣ, деворҳо, қалъаҳо, хандақҳо, окобҳо ва ғайра. |

А.Г.Исаченко дар зери таъсири антропогенӣ ба кадом дараҷа тағйир ёфтани геонизомро асос карда гирифта, тамоми ландшафти антропогениро ба 4 гурӯҳ тақсим менамояд:

**1. Шартан тағйирнадода (ландшафти ибтидоӣ).** Онҳо бевосита ландшафтҳое мебошанд, ки дар зери таъсири инсон ва фаъолияти хоҷагидорӣ дучор наомадаанд. Дар онҳо таъсири беқувва ва бавоситаи фаъолияти инсонро фақат дар изҳор пай бурдан мумкин асту халос. Масалан, барфу яхпораҳои кӯҳҳои баланд ва ҷангалзор, мамнӯъгоҳҳо ва ҳоказо.

**2. Ландшафти бе қувваи тағйирдодашуда.** Онҳо асосан, ландшафтҳои дар зери таъсири навъи экстансивии фаъолияти инсон (шикорчигӣ, моҳидорӣ барин) дучороянда мебошанд. Дар ин гуна ландшафтҳо фаъолияти инсон фақат ба баъзе компонентҳо таъсир расонда, алоқадории табиӣ ҳануз вайрон нашудааст ва ҳолати пештараи худро эҳё карданаш мумкин аст.

**3. Ландшафти пурқуввати тағйирдодашуда (вайроншуда).** Ландшафтҳои гурӯҳи мазкур асосан дар зери таъсири суръатнокии фаъолияти инсон ландшафти тағйирёбандаанд. Бисёр компонентҳои онҳо тағйир ёфта, барои ба дараҷаи зарурӣ вайрон шудани сохти ландшафт оварда расонд. Масалан, карерҳо, ашёи партовҳои саноати канданиҳои фоиданок ва ҳоказо.

**4. Ландшафти маданӣ.** Ландшафтҳое мебошанд, ки аз тарафи инсон манфиати ҷамъиятро ба назар гирифта сохта шуда, дар асоси илмӣ оқилона тағйир дода шудаанд. Масалан боғҳои кор кардашуда, пахтазор, плантатсияҳо ва ҳоказо.





***Расми 4.*** а) Пастхамиҳо – ландшафти маданӣ. б) Карерҳо – заминҳои вайроншуда.

Агар сухан дар бораи ландшафти антропогенӣ равад, истилоҳоти ландшафтҳои маданӣ ва вайроншуда бисёр кор фармуда мешавад. **Ландшафти маданӣ**. Ландшафтҳое, ки бо назардошти манфиати ҷамъият хусусиятҳояш аз тарафи инсон дар асоси илмӣ ва оқилона тағйир дода шудаанд. Ба он ин ду сифати ниҳоят муҳим хос аст: 1) барои зиндагонии одамон муҳити кӯмакрасон; 2) маҳсулнокии баланд ва самарадории иқтисодӣ. Дар ин бобат аз тарафи инсон имконияти дохилаи ландшафт ривоҷ дода, фаъол гардондани ҷараёнҳои табиӣ ва баланд бардоштани самаранокии ландшафтҳо мақсади асосӣ мегардад. Дар республикаамон солиёни зиёд воҳаҳо аз худ карда, обод мегарданд. Он ландшафти маданӣ аст (расми 4 а). Барои одамоне, ки дар дашт ё геонизоми кӯҳии атрофи воҳа ҳаёт ба сар мебаранд, муҳити экологӣ қулай аст, фаъолияти хоҷагидорӣ бошад, чанд баробар пурсамар аст. Онро аз зеринҳо пай бурдан душвор нест. Аз 9/10 қисм аҳолии республика дар воҳаҳо зиндагӣ мекунанд. Заминҳои обёришаванда 1/10 қисми фонди заминро ташкил медиҳад, маҳсулоти умумии кишоварзии рӯёнда бошад, ба қариб 9/10 қисм баробар аст.

Ландшафти вайроншуда мафҳуми умумӣ буда, дар асл ландшафтҳо дар натиҷаи ягон таъсири табиӣ ё ки антропогенӣ ба вайроншавии пурраи табиӣ дучор намеоянд. Балки дар қисмҳои таркибии онҳо – ягон компонент ё ки баъзе қисмҳо тағйироти пурзӯр, вайронгарӣ рӯй медиҳад. Барои ҳамин ифодаи «заминҳои вайроншуда» маъқул аст. Заминҳои вайроншуда – ҳудуди манзаравии нофорам, ки ба муносибати дар натиҷаи фаъолияти инсон ва ҷараёнҳои табиӣ қимати хоҷагии худро гум карда, ба ҳолати корошоям ё кам коршоям омада, тағйирёбии режими рупӯши хокрастанӣ ва гидрологӣ, ба вуҷуд овардани релефи техногенӣ манбаи таъсири манфӣ ба муҳити атроф гардидаанд. Онҳо манбаи ифлос-

шавии хок, об, ҳаво ба ҳисоб рафта, шароити зиндагонӣ ва муҳити фаъолияти меҳнатии одамонро мураккаб месозанд. Чунин заминҳо бештар дар натиҷаи таъсири нооқилонаи инсон нисбати табиат ба вуҷуд меоянд. Ҷараёнҳои дар наздикии майдонҳои кишт, ботлоқзорҳои шафати обанборҳо, ноҳамвориҳо ва ярч, рахнаҳо, партовхонаҳо ва ҳ.к (расми 4 б). Барои аз нав ба кор андохтани онҳо маблағи зиёда талаб карда мешавад. Дар республикаамон ҳоло дар ин заминҳо чарогоҳҳо, боғҳо, кӯлҳо, марказҳои рекреатсия барпо шуда, дар корҳои хоҷагӣ истифода мегарданд.

Як намуди таъсири омили антропогенӣ ба табиат ин таъсири техника буда, дар натиҷаи бо ҳам омехташавии техникаву табиат низомҳои яклухти табиӣ-техникӣ ба вуҷуд меоянд. Онро дар фан *геотехнизом* номбар мекунанд. **Геотехнизом** намуди ба худ хоси географии алоҳидаи низоми табиӣ техникист. Яъне ҳамоҳангии низоми техника ва табиат, ё ки низоми хурди табиӣ ва техника фаҳмида мешавад ва мафҳуми яклухтии низом дорои аҳамияти алоҳида ба ҳисоб меравад. Ба тариқи мисол ба геонизомҳо обанборҳо, каналҳои калон, майдонҳои озоди обёришаванда, завод ва фабрикаҳои гуногун, ландшафтҳои онҳо ҷойгиршуда, инчунин ландшафтҳоеро дохил кардан мумкин аст, ки бо атрофиён алоқаи мутақобил доранд. Дар геонизомҳо ҷараёнҳои дар қисми техникӣ рӯйдиҳанда бо ҷараёнҳои дар ландшафт рух диҳанда бо ҳам бо суръати баланд дохил мешаванд. Масалан, дар ландшафтҳое, ки обёрӣ карда, кишоварзиро ба роҳ мондаанд, хосияти компонентӣ, аз қабили хок бо кӯмаки техника аз тарафи инсон ишора шуд, ба эътидол оварда мешавад. Дар навбати худ режими низоми обёрӣ нисбати ҳолати ландшафт муайян мегардад. Яъне алоқамандии геотехнизоми идорашаванда бо кӯмаки алоқаҳои дуруст ё баръакс ҳосил мегардад. Дар ин ҳолат бо кӯмаки техника ба сифати идоракунии объект компонентҳои биотикии ландшафт, об ва ҳоказо хизмат мерасонанд.

Геотехнизомҳо танҳо дар каналҳо ё ки обанборҳо не, балки дар атрофи объектҳои калони саноатӣ ҳам ташаккул ёфтанашон мумкин. Дар ин геотехнизомҳо ба сифати низоми хурд табиат, яъне ландшафт ва объекти саноат дар алоқаву таъсири байниҳамдигарӣ мешаванд. Алоқаҳои асосӣ бошад, боз бо кӯмаки обу ҳаво ба амал меояд. Вазифаи қисми техникии геотехнизомро истгоҳҳои гуногуни барқии гармӣ, комбинатҳои маъданҳои кӯҳӣ, конҳои калони канданиҳо ва ғайраҳо ба иҷро расонданашон мумкин.

Таъсири антропогенӣ, ландшафти антропогенӣ, намудҳои ландшафтҳои антропогенӣ, ландшафтҳои маданӣ, заминҳои вайроншуда, геотехнизомҳо.

1. Инсон ба табиат чаро таъсир мерасонад?
2. Кадом намудҳои ландшафти антропогениро медонед?
3. Ландшафтҳои маданӣ бояд дорои кадом хислатҳо бошанд?
4. Дар маҳалли истиқоматиатон геотехнизомро тавсиф намуда, ба дафтаратон нависед.

## § 12. Асосҳои географии муҳофизат кардани табиат

Ба муносибати босуръат зиёдшавии аҳолӣ, тараққиёти фанну техника таъсири ҷамъият ба табиат торафт пурзӯр мегардад. Таъсири мазкур боиси ҳам оқибатҳои мусбӣ ва ҳам манфӣ мегардад. Аз ин рӯ, муҳофизати табиат, барои инсон нигоҳ доштани муҳити мусоиди экологӣ ва аз захираҳои табиӣ оқилона истифода бурдан яке аз масъалаҳои умдатарин аст. *Ҳифзи табиат* гуфта мо чунин мефаҳмем: нигоҳ доштани табиат бо назардошти манфиати инсон ва бошуурона азхудкунии он, маҳсулнокии онро нигоҳ доштан, инчунин ҳамаи тадбирҳои ба истифодаи оқилонаи захираҳо нигарондашуда. Тадбирҳои мазкур аз тарафи ташкилотҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ амалӣ гардонда мешаванд. Масъалаҳои аз ҳама асосии муҳофизати табиат пешгирии ифлос нагардидани муҳити атроф, оқилона ва сарфакорона истифода бурдани тамоми намудҳои захираҳои табиӣ: об, замин, иқлим, растанӣ аст.

Ду роҳи муҳофизати табиат мавҷуд аст. Якум, ҳудудҳои алоҳида муҳофизатшавандаро ҷудо карда, ландшафти табиии он ҷо ё ки ёдгориҳои табиати ноёбро нигоҳ доштан, тадбирҳои баъзе намудҳои табиат ва ҳайвонотро нигоҳ доштану зиёд намудан амалӣ гардонда мешавад. Дуюм, васеъмиқёс буда муҳофизат кардани, табиатро дар ҷараёни ба мақсади хоҷагидорӣ истифода бурдан дар бар мегирад.

Ҳудудҳои алоҳида муҳофизатшаванда – майдонҳои замин ва оби (акватория)-и бо мақсадҳои ҳифзи табиат, солимгардонӣ рекреатсия, таърихиву маданӣ ҷудогардида ба ҳисоб меравад.

*Боғи миллӣ* – шакли аз ҳама калони ҳудудҳои алоҳида муҳофизатшаванда буда, барои нигоҳ доштани маҷмӯи табиати дорои аҳамияти илмӣ, маданӣ, эстетикӣ ё худ таърихӣ буда, объектҳои нодири табиӣ, ландшафти хушманзара ташкил гардида, бо режими

махсуси ҳифзи табиат нигоҳ дошта мешавад. Боғҳои миллӣ дар мамлакатҳои хориҷӣ шакли асосии ҳифзи ҳудудҳо аст. Калимаи «миллӣ» маънои мулки хусусии ҳудуди мазкур не, балки ба тамоми миллат дахлдор будани онро мефаҳмонад ва тадбирҳои муҳофизат аз тарафи давлат амалӣ гардонда мешавад. Ҳудуди боғи миллӣ ба майдонҳои режими истифода ва муҳофизаташ гуногун – ба минтақаҳо (мамнӯъгоҳ, супоришхона, ёдгориҳои табиат, минтақаи истироҳат ва ғайраҳо) тақсим мегарданд. Ҳамин тавр, дар ташкили боғҳои миллӣ майдони боғ, шароити табиӣ (релеф, растанӣ)-ро ба ҳисоб гирифтан зарур аст. Ин бошад, барои ба муддати дароз нигоҳ доштани ландшафти табиии боғ имкон медиҳад.

**Мамнӯъгоҳ** – ҷое, ки ҳар гуна фаъолияти хоҷагидорӣ манъ карда шудааст, компонентҳои табиат ва ландшафтҳо дар асоси қонун таҳти муҳофизати қатъиянд. Мамнӯъгоҳ яке аз шаклҳои пурсамари муҳофизат кардани табиат аст. Дар байни ҳудудҳои алоҳидаи ҳифзкунанда мамнӯъгоҳҳо роли муҳим мебозанд. Вазифаи асосии онҳо нигоҳ доштани ҳудудҳои табиати тағйирнаёбанда ё ки кам тағйирёбанда, ландшафти гаронбаҳои ҷамъиятӣ мебошад. Аз ҳудуди мамнӯъгоҳҳо бо мақсади хоҷагидорӣ ҳатто алаф даравидан, шикор кардан, моҳӣ доштан, замбӯруғ чидан манъ аст.

Атрофи онҳо бояд минтақаи кам истифодабаранда, муҳофизатшаванда бошад. Шароити табиии мавҷудаи ҳудуд дар ҳоли худ нигоҳ дошта мешавад. Ҳудуди мамнӯъгоҳ барои нигоҳ доштани намудҳои ҳайвоноту растанӣ, миқдори ҳайвонот барои шикор ва нигоҳ доштани фонди генетикӣ ҷудо карда шудааст. Онҳо барои ҳудудҳои ҳамсоя, ки аз ҷониби инсон тағйир меёбанд ё тағйир ёфтаанд, намуна шуда хизмат мерасонанд. Ин қабил намунаҳо барои мо мусоид ё ғайримусоид будани фаъолияти хоҷагидории инсонро муқоиса кардан, ҳангоми аз табиат истифода бурдан барои назорат кардани чи қадар ба мақсад мувофиқ будани ин ё он усул имконият медиҳад. Вай алоқадории узвии байни компонентҳои табиатро омӯхта, аз барои кор кардани роҳҳои истифодаи пурсамар аз боигариҳои табиӣ зарур аст. Мамнӯъгоҳҳо муассисаҳои илмӣ ба ҳисоб мераванд. Дар республикаамон 8 мамнӯъгоҳ ҳаст.

**Резервати биосферӣ** (аз лот. *rezervo* – нигоҳ медорам) – ҷое, ки бо мақсади нигоҳ доштани гуногунии биологӣ ва дар як вақт таъмин кардани рушди иқтисодии барқарори минтақа ландшафтҳои маданӣ ва табиӣ муҳофизат карда мешаванд. Консептсияи резервати

биосфера аз тарафи ЮНЕСКО дар доираи барномаи. «Инсон ва биосфера» кор карда шудааст. Аввалин ҳудуди биосфера соли 1976 ташкил гардидааст. Ҳоло резерватҳои биосфера 411-то буда, ба 97 мамлакат дахлдор аст. Мувофиқи мезонҳои байналхалқӣ ҳудуди резерватҳои биосферӣ ба се минтақа ҷудо мегарданд: минтақаи муҳофизаткунанда, минтақаи буфер ва минтақаи фосилавӣ. Дар республикаамон резервати Амударёи поёнӣ ташкил ёфтааст.

**Хонаи фармоишӣ** – ҳудуди табиӣ ё ҳавзаи об, ки барои нигоҳ доштани баъзе объектҳои табиӣ ва ландшафтҳо, зиёдкунии такрорӣ ва барқароркунӣ пешбинӣ гардида, муҳофизат карда мешавад. Дар ҳудуди онҳо ба истифодабарии баъзе захираҳои табиӣ, ба фаъолияти хоҷагидории ба табиат таъсири пурзӯр нарасонанда рухсат дода мешавад. Аз мамнӯъгоҳҳо фарқ намуда, майдонҳои хонаи фармоишӣ аз фонди замин ҷудо карда намешавад. Хонаҳои фармоишӣ доимӣ ва муваққатӣ мешаванд. Хонаҳои фармоиши муваққатӣ бисёр вақт дар хоҷагиҳои шикорӣ ба мақсади барқарор кардан, зиёд намудани ҳайвон ва паррандаҳои ба шикор таъингардида ба муддати маълум ташкил меёбад. Солҳои минбаъда хонаҳои фармоишии *ботаникӣ, зоологӣ, геологӣ, ихтиологӣ, орнитологӣ* ва дигар хел хонаҳои фармоишӣ ташкил мегарданд.

**Ёдгориҳои табиат** – объектҳои ҷондор ва беҷони ноёб, ба диққат сазовори табиат офарида: ғорҳо, шаршараҳо, харсангҳои шаклашон аҷиб (расми 5), дараҳо, гейзерҳо, чашмаҳо, шаклҳои ғаройиби релеф, ҷойҳои геологии кушод монда, дарахтони бузурги синну солашон калон ва ғайра. Ёдгориҳои табиӣ аз боғи миллӣ, мамнӯъгоҳ ва хонаҳои фармоишӣ фарқ карда, асосан объектҳои ба муҳофизат гирифтаи табиии нодир ё ки антропогенӣ мебошад. Аҳамияти хоҷагидории ба чашм назаррас набудани ёдгориҳои табиӣ мумкин аст набошад. Лекин онҳоро ба мақсади илмӣ, эстетикӣ, рекреатсия, саёҳат, туризм, истироҳат, таҷриба истифода мебаранд.



***Расми 5.*** Ёдгориҳои табиати «Қирққиз»

Ёдгориҳои табиатро ба хосияти умумиашон нигоҳ карда, ба ёдгориҳои геологӣ-геоморфологӣ, ботаникӣ, палеонтологӣ, астрономӣ ва ландшафт тақсим мекунанд. Ҳифзи табиат ва аз захираҳои

табиӣ фойида бурдан низоми тадбирҳои мураккаб буда, барои оқилона ташкил кардани онҳо ба тамоилҳои зерини географӣ-экологӣ амал карда мешавад.

Мувофиқи тамоили мувозанати экологии байниҳамдигарии геонизоми ҷоннок ва беҷон аз ҳар як ҳудуди маҳдуди табиии байни ҳудуди ҷоннок ва беҷон ҳамин хел мувозинат мавҷуд аст, ки дар ин ҳолат онҳо бо якдигар дар мувозинати табиӣ муайян мегарданд. Лекин дар натиҷаи таъсири беруна вайроншавии якеи онҳо барои мувозинати дарозмӯҳлатро аз кор баровардан оварда мерасонад. Мувозинати экологӣ дар табиат хеле ҳам мӯрт шуда, дар бисёр ҳолат олами набототро қашшоқ мегардонад, мароми обро вайрон месозад ва ба харобшавии қабати хок вобаста мегардад.

Мувофиқи тамоили аз нигоҳи экологӣ тозаи фаъолияти меҳнатии инсон асосан пеш аз ба муҳити атроф партофтани партовҳое, ки дар ҷараёни истеҳсолот ва ҳаёти рӯзмарра ба вуҷуд меоянд, онҳоро тоза карда, батамом безарар гардондан лозим. Дар амал татбиқ кардани тамоили мазкур барои таъмини бехатарии экологӣ, мустаҳкамкунии саломатии инсон, нест кардани манбаъҳои ангезанда ва паҳнкунандаи беморӣ ва ҳамин қабил муаммоҳоро пешгирӣ кардан самараи калон мебахшад.

Тамоили мувофиқи меъёр истифодабарии захираҳои табиӣ барои ба микдори маълум соҳиб будан ба захираҳои табиӣ, мавҷудияти миқдори худӣ ва истифодабарии меъёрии онҳо асоснок карда мешавад. Ба меъёри мазкур амал накардан боиси қашшоқшавӣ, исрофгарӣ, вайроншавии мубодилаи модда ва энергия мешавад. Дар натиҷа мувозинати экологии геонизом вайрон гашта, ба тағйирот оварда мерасонад, ҷараёни истифодабарӣ аз захираҳои табиӣ мураккаб мегардад, ба камчинии сунъӣ оварда мерасонад. Масалан, дар кишоварзӣ аз меъёр бештар истифодабарии об ҷараёни географии табиӣ, эрозия, суффозия, карст, ярчи ҳудудҳои наздикӯҳӣ ва ландшафти суфачаҳоро суръат мебахшад ё ба вуҷуд меоварад. Дар ландшафтҳои суфачаи поёнӣ бошад, камчинии об, ботлоқшавӣ, камшавии набототу ҳайвонот барин бисёр муаммоҳои экологӣ, иқтисодӣ-иҷтимоиро ба миён меоварад.

**Тамоили дурустии ахбор.** Дар бораи хусусият ва ривоҷи геонизом маълумоти мутлақо боварбахш ва аз нигоҳи илмӣ асоснок нагирифта, барои онро аз худ кардан кӯшидан, ба осонӣ зарар гирифтан мумкин аст. Дар бораи геонизомҳо соҳиби маълумоти аниқ нагардида, бар

асари амалӣ гардидани тадбирҳо дар табиат тағйироти муайян рӯй медиҳад, таъсири баръакси табиат аз ҳаҷми таъсири он чанд баробар зиёд шуданаш мумкин. Масалан, муаммоҳои экологӣ ва иҷтимоиву иқтисодии баҳри Арал ва соҳилҳои назди Арал.

**Тамоили зарурияти ҳархела.** Ҳангоми ҳифзи табиат ва татбиқ кардани тадбирҳои истифодабарии табиат ба усулҳои гуногун, алалхусус, гуногунии биологӣ, асосан ба элементҳои маҳаллӣ эътибори калон додан лозим аст. Зеро растаниҳо барои эрозия, сел, тарма (ярч) барин ҷараёнҳоро пешгирӣ кардан ва таъмини барқарории геонизом омили ниҳоят муҳим ба ҳисоб меравад. Алалхусус, ландшафтҳои антропогенӣ аз киштҳои якхела (масалан, пахта, шолӣ, гандум, ҷуворимакка) иборат бошад, каме тағйироти обу ҳаво ё ки баъзе касалӣ ва зараркунандаҳо ин ландшафтро якбора хароб карданашон мумкин. Ҳангоми ҳифзи табиат ва истифодабарӣ аз табиат ин ҳолатро ба ҳисоб гирифтан лозим.

Ҳифзи табиат, ҳудудҳои алоҳида ҳифзшаванда, боғи миллӣ, мамнӯъгоҳ, резервати биосфера, хонаҳои фармоишӣ, ёдгориҳои табиат.

1. Ҳифзи табиат гуфта чиро мефаҳмед?
2. Кадом шаклҳои муҳофизати табиат мавҷуданд?
3. Ҳангоми тадбирҳои ҳифзи табиат ва истифодабарии захираҳои табиӣ ба кадом тамоилҳои географӣ-экологӣ амал мекунанд?
4. Дар бораи ягон ҳудуди муҳофизати алоҳидаи республикаамон ахбор тайёр кунед.



# БОБИ IV. ТАДҚИҚОТҲОИ ГЕОГРАФИИ АМАЛӢ

## § 13. Ҷараёнҳои географии табиӣ

Маълум аст, ки тамоми ҷараёнҳои дар табиат содиршаванда дар натиҷаи таъсири қувваҳои беруна ва дохила ба вуҷуд меоянд. Дар зери таъсири омилҳои табиӣ содиршавии ҷараёнҳои географии табиӣ, яъне фурӯравӣ, сел, эрозия, абразия, ярч, карст, шӯрхок барин сабабҳои ба вуҷудомадаро омӯхта, ҷараёнҳои содиршавандаро таҳлил намудан мувофиқи мақсад аст.

Омилҳои антропогение, ки ба ҷараёнҳои дар табиат содиршаванда таъсир мерасонанд. Масалан, чораҳои пешгирии шӯрахокшавии заминҳо, эрозияи ирригатсия, тармаҳо, таҳлил кардани биё-боншавӣ, пешгирӣ кардани роҳи онҳоро андешидан муҳим буданаш дар давоми омӯзиши мавзӯъ дониста мегиред.

**Ҷараёнҳои географии табиӣ** гуфта ҷараёнҳое ба забон гирифта мешаванд, ки дар зери таъсири қувваҳои берунии (экзогени) замин ва фаъолияти хоҷагидории инсон содир мегарданд.

Ҷараёнҳои географии табиӣ дар фурӯравии ҷинсҳои кӯҳӣ, тағйирёбии ҳолати физикии ҷинсҳои кӯҳӣ, ташкилёбӣ ва тағйирёбии релефи рӯйи Замин, ривоҷёбии ҳодисаҳои атмосфера намоён мегардад. Онҳо дар ҳудудҳои ривоҷёбанда ҷойгир сохтани бунёди ба кор андохтани душвориҳои муайянеро ба вуҷуд меоваранд. Барои ҳамин дар маҳалҳои ин қабил ҷараёнҳо ривоҷёбанда ва паҳншуда сохтани иншоотҳои гуногун асоси аз нигоҳи илмӣ сар задани муаммоҳоро ба миён меоварад. Дар маҳалҳое, ки сел, ярч, тарма, ботлоқшавӣ, пиряхҳои чандинсола, хушкиҳо ва рахна паҳншуда барои пеш бурдани корҳои бунёдкорӣ ҳоло қоидаҳои махсус, тавсияномаҳо кор карда шудаанд.

Омилҳои табиӣ, дар навбати худ, ба ду гурӯҳи калон тақсим мегарданд: омилҳое, ки ба қувваи дохила ва берунии Замин вобастаанд.

Қувваи дохилии Замин эндоген (юнонии – дохилӣ, «генос» – пайдоиш, номида мешавад. Дар зери таъсири он вулканҳо зада мебароянд, заминларзаҳо, ҳаракатҳои тектонӣ содир мегардад. Ҷараёнҳои мазкур ҷараёнҳои эндогенӣ ё ки геологӣ номида мешаванд.

Омилҳои берунӣ омили экзоген (юнонии «экзо» – беруна, «генос» – пайдоиш ё ки қувваҳо номида мешавад. Ҷараёнҳоеро, ки дар зери таъсири қувваҳои беруна ба вуҷуд меоянд, ҷараёнҳои экзогенӣ ё ки ҷараёнҳои табиии географӣ меноманд. Ҷараёнҳои мазкур дар зери таъсири гармии Офтоб, қувваи вазнинӣ, обҳои болову пасти замин, инчунин дар зери таъсири организмҳо ба вуҷуд меоянду ривоҷ мeёбанд. Ба ҷараёнҳои экзоген ҳодисаҳое, аз қабили фурӯравӣ, эрозия, абразия, дефлятсия, ярч, карст, сел тармаи барф шомиланд.

**Фурӯравӣ** – фурӯравии ҷинсҳои кӯҳӣ зери таъсири тағйирёбии ҳарорат, ҷараёнҳои кимёвӣ, атмосфера, об ва организмҳо.

Фурӯравӣ ба се навъ тақсим мегардад: фурӯравии физикӣ, кимиёвӣ ва органикӣ.

Фурӯравии физикӣ асосан дар натиҷаи тағйирёбии ҳарорат ва намигарӣ содир мегардад. Дар натиҷаи рӯзона ҳарорат хеле афзуданаш дар ҷинсҳои кӯҳӣ дарзҳо ҳосил мешаванд. Онҳо ба порчаҳо тақсим мегарданд. Аммо таркиби кимиёвии ҷинсҳои кӯҳӣ тағйир намеёбад. Фурӯравии физикӣ дар биёбонҳо ва кӯҳҳои қулладор васеъ паҳн гардидааст.

Фурӯравии кимиёвӣ гуфта, дар зери таъсири ҳаво, об вожгуншавии ҷинсҳои кӯҳӣ, тағйирёбии кимиёвии онҳо фаҳмида мешавад. Дар зери таъсири фурӯравии кимиёвӣ минералҳои барқарор ҳосил мегардад. Фурӯравии органикӣ гуфта дар зери таъсири организмҳо фурӯравии ҷинсҳои кӯҳӣ номида мешавад..

**Эрозия** (лотинии «erosis» – вайроншавӣ, шусташавӣ) гуфта дар зери обҳои ҷоришаванда шустани ҷинсҳои кӯҳӣ ва хок фаҳмида мешавад. Эрозия ба намудҳои сатҳӣ ва хаттӣ ҷудо мегардад. Ҷараёни эрозияи сатҳӣ дар пастхамиҳои кӯҳӣ васеъ паҳн гардидааст. Бар асари он ҷинсҳои пастхамиҳои кӯҳӣ шуста шуда, ба паст мефуроянд. Дар маҳалҳои нишебие, ки аз ҷинсҳои мулоим таркиб ёфтаанд, дар натиҷаи шусташавӣ ҷариҳо ба вуҷуд меоянд. оқибат маҷрои дарё ва соҳилҳои он шуста мешаванд.

Шустани соҳилҳои дарё дар Хоразм ва Қароқалпоқистон «дейгиш» номида мешавад. Амударё соли 1925 аз шафати собиқ шаҳри Тӯрткӯл ҷорӣ мешуд. Дар соли 1938 шаҳрро Амударё шустан гирифт. Соли 1950 дарё шаҳри Тӯрткӯлро бакуллӣ шуст. Баъдтар аз соҳили дарё ниҳоят дур шаҳри Тӯрткӯли ҳозира бунёд ёфт.

**Абразив** (лотинии «abrasio» – тарошидан) гуфта вайрон шудан ва ҳамвор гардидани соҳилҳои уқёнус, баҳр ва кӯлҳо аз тарафи мавҷҳо фаҳмида мешавад. Дар натиҷаи абразив дар соҳилҳои уқёнус, баҳр, кӯл ҳамвориҳо ҳосил мегарданд. Дар ин соҳилҳои кӯлҳои калонтарини республикаамон ва обанборҳо ҷараёни абразивро назорат кардан мумкин аст.

**Дефлятсия** (лотинии «deflatsio» – пуфкунӣ) – дар зери таъсири шамол фурӯравии ҷинсҳои кӯҳӣ, кӯчидани зарраҳои майдашуда ба ҷойи дигар. Дефлятсия дар кишварҳои хушк, алалхусус, дар даштҳои регнок пурқувват мегардад. Шамол регҳоро пош дода,

аз як ҷой ба ҷойи дигар «кашонда» ба хонаҳо, роҳҳо, қудуқҳо зарар мерасонад. Алалхусус, ба қабати растанӣ зарар расонда ба чорводорӣ зиён меоварад. Барои пешгирии дефлятсия ва камтар кардани зарар ниҳоли дарахтон ва буттаҳоро шинондан лозим.

**Сел** – аз водиҳои кӯҳӣ, сойҳо ва ҷариҳо дар фурсати кӯтоҳ бо суръати ниҳоят баланд ҷорӣ шудани оби лойолуди дорои омехтаҳои сангин. Селҳо дар кишварҳои кӯҳӣ дар натиҷаи боридани боронҳои сел ба вуҷуд меоянд. Селҳо бо худ лойқа ва сангҳоро меоваранд. Суръати онҳо соате 10–15 км-ро ташкил карданаш мумкин. Он тамоми чизи дар роҳаш бударо шуста, зарари калони моддӣ ва маънавӣ мерасонад.

**Карст** гуфта ҷинсҳои кӯҳии дар об хуб ҳалшавандаи дар зери таъсири обҳои рӯйизаминӣ ва зеризаминӣ об шуда, ҷоришаванда ва ба зери замин ба воситаи холигиҳои ҳархела (барфҳо), дар рӯйи замин бошад, обхезӣ ва чуқуриҳоро ҳосил менамояд, фаҳмида мешавад. Ба маводи дар об тез ҳалшаванда оҳаксанг, доломит, бӯр, мергел, газ ва ҳар гуна намакҳо дохил мешавад. Дар маҳалҳои ин гуна мавод паҳншуда корҳои бунёдкориро ба роҳ мондан ҷараёни мураккаб ба ҳисоб меравад.

**Ярч** гуфта дар зери таъсири қувваи вазнинии ҷинсҳои кӯҳӣ дар пастхамиҳои кӯҳӣ ба паст ғеҷида афтодан фаҳмида мешавад. Ярчҳо асосан дар кишварҳои кӯҳӣ содир мегарданд (расми 6). Бисёр вақт дар қабатҳои гилии обнок ва об нагузаранда дар пастхамиҳои кӯҳии рости болои ҳам ҷойгиршуда рӯй медиҳад. Ярчҳо ҳам монанди селҳо ба хоҷагидорӣ зарари ниҳоят калони моддӣ мерасонанд. Аз пастхамиҳо хок ва растаниҳоро оварда, роҳ ва иншоотҳоро мепӯшонад. Барои пешгирии ярч дар пастхамиҳо тадбирҳои камкунии миқдори оби ба қабати обӣ фурояндаро ба иҷро расондан лозим.



***Расми 6***. Ярчи Орқутсой

Ба омили антропогенӣ фаъолияти мухталифи инсон медарояд: кишоварзӣ, хоҷагии об, саноати маъданӣ, маъдангудозӣ, сохтмон, нақлиёт ва ҳоказо.

Дар зери таъсири омили антропогенӣ ҷараёнҳои антропогенӣ

ва техногенӣ содир мегарданд. Ба ин ҷараёнҳо ярчҳо, чӯкидани сатҳи замин, фурӯравиҳо, баланд шудани сатҳи обҳои зеризаминӣ ё ки пастравӣ, хушкшавии дарёҳо ва кӯлҳо, ба вуҷуд омадани ҳавзаҳои нави обӣ, шӯрхокшавии замин баринҳо медароянд. Ҷараёнҳои мазкур ба фаъолияти хоҷагидорӣ зарари калон мерасонанд.

Дар натиҷаи ривоҷёбии кишоварзӣ шӯрпахшкунӣ, эрозияи шамол ва ҳам тараққӣ мекунад, сатҳи обҳои зеризаминӣ ба сатҳи замин наздик ҷойгир шуда бошад ҳам, дар натиҷаи бухоршавии об хок «шӯра» мебандад. Чунки ҳангоми бухоршавии об намакҳои таркиби он дар хок монда, ба афзудани миқдори намак оварда мерасонад. Ҳолати мазкур дар воҳаи Хоразм ва Мирзочӯл намоён мегардад.

Дар натиҷаи азхудкунии замин, рондан ва обёрӣ кардан эрозия ривоҷ меёбад. Ҷараёни мазкур *эрозияи ирригатсия* номида мешавад.

Эрозияи ирригатсия дар ҳудудҳои наздикӯҳӣ дар заминҳои ҷинсҳои лёс ва лёсшакл паҳн гардида, нишебиҳояш аз 2° калон буда, дар ҳолати риоя накардан ба меъёр ва қоидаҳои обёрӣ ниҳоят пурқувват рӯй медиҳад. Оқибат заминҳо ба ҷарӣ табдил ёфта, қабати хоки ҳосилхез шуста мешавад.

Сохтани иншоотҳои обӣ ҳам ҳодисаҳои нохушро ба миён меоварад. Дар оқибати сохтани канали Қоракум ва ба обёрӣ сарф кардани обҳои Амударё, Сирдарё сатҳи оби баҳри Арал аз соли 1960 боз паст шудан гирифт. Дар натиҷаи аз қисми кушодмондаи қаъри баҳри Арал бо ёрии шамол парида рафтани намакҳо дараҷаи шӯрнокшавии заминҳо баланд мегардад.

Ба муносибати ривоҷи соҳаҳои саноат ҷараёнҳои гуногуни нохуши географӣ ба вуҷуд меоянд. Масалан, дар натиҷаи ривоҷдиҳии саноати кӯҳканӣ ярчҳои бузург, фурӯравии сатҳи замин, чӯкишҳо, пастравии сатҳи обҳои зеризаминӣ ва дигар ҳодисаҳои табиӣ рӯй медиҳанд. Дар водии Оҳангарон дар давоми 20–25 сол бар асари ангиштро бо газ иваз кардан дар зери замин аз 1 км$^3$ зиёдтар майдон холигӣ ҳосил гардидааст. Оқибат, дар пастхамиҳои кӯҳӣ барқарорӣ халалдор гардида, беш аз 700–800 млн м$^3$ ярчро ҳосил кард ва ба хоҷагӣ зарари калони иқтисодӣ расонд. Дар ҷараёни кофта гирифтани кандаиҳои фойданок бар асари обҳои зеризаминиро ба берун аз кон бароварда партофтан сатҳи обҳои зери заминӣ қатъан паст гардида, дар майдонҳои ниҳоят калон истихроҷи нафту газ ба чӯкидани сатҳи замин оварда мерасонад.

Чангҳое, ки корхонаҳои саноатӣ ба атмосфера паҳн мекунанд, ҳаворо ифлос карда «самараи гармхона»-ро ба амал меоварад, оқибат дар рӯйи замин ҳарорати миёна меафзояд.

Ҷараёнҳои табиии географӣ, омилҳои табиӣ, омилҳои антропогенӣ, фурӯравӣ, сел, эрозия, абразия, дефлятсия, ярч, карст.

1. Чаро ҷараёнҳои табиии географӣ меноманд?
2. Дар зери таъсири қувваҳои беруна чӣ гуна ҷараёнҳои табиии географӣ ба вуҷуд меоянд?
3. Дар маҳалле, ки шумо истиқомат доред, чӣ гуна ҷараёнҳои табиии географӣ содир мешаванд?
4. Рӯйхати бар асари ривоҷи саноати кӯҳканӣ ҷараёнҳои содиршавандаро тартиб диҳед.

## § 14. Арзёбии географӣ

Дар натиҷаи арзёбии муҳити табиӣ мусоидии он аз нуқтаи назари эҳтиёҷи иҷтимоӣ ё ки коршоямӣ омӯхта мешавад. Дар натиҷаи баҳогузорӣ дар деҳқонӣ, чорводорӣ, истироҳат, сохтмон ва соҳаҳои дигари ягон ҳудуд ё компоненти табиат дар истифода чӣ қадар мусоид будани он муайян карда мешавад. Ба мақсади истифодаи шароити табиӣ ва захираҳо ё геонизомҳо баҳогузорӣ арзёбии географӣ номида мешавад.

Арзёбии географӣ аз марҳалаҳои зерин иборат аст:

а) муайянкунии мақсад ва вазифаҳои корҳои баҳодиҳӣ (масалан, ба мақсади сохтани обанбор арзёбӣ кардани як қисми маълуми водии дарё);

б) тартиб додани рӯйхати нишондихандаҳо ё ки маълумотҳои барои арзёбӣ зарурӣ;

в) нишондиҳандаҳо ё ки хосиятҳои омӯзиш ва ченкунии ҳолати имрӯза ва ояндаи ҳудуди омӯхташавандаи водии дарё (сохти геологии ҳудуд, дарозӣ, фарохӣ, баландӣ, моилии пастхамиҳо, сарфи об, лойқанокӣ, меъёр ва ҳ.к).

г) дар асоси ба ҳамдигар муқоисакунии маълумот ва нишондиҳандаҳои гирифташуда аз рӯйи ҳар як компонент ба амал баровардани арзёбии алоҳида (релеф, сохтори геологӣ, андозаҳои об ва ҳ.к.

д) дар асоси арзёбии алоҳида баҳодиҳии умумиро ба амал баровардан (обанборро дар ҷойи мазкур сохтан мумкин аст ё не);

е) ҷадвал ва харитаи хотимавӣ тартиб додан.

Мувофиқи мақсади муайяни арзёбии географияи табиӣ аз усулҳои сифат ва миқдор истифода бурда мешавад. Нишондиҳандаи сифат бо назардошти дараҷаи мусоидияш «ниҳоят мусоид», «мусоид», «мусоиди миёна», «камтар мусоид», «мусоид нест» арзёбӣ мегардад.

Арзёбӣ бо усули миқдорӣ дар асоси нишондиҳандаҳои рақамӣ ба амал бароварда мешавад. Масалан, барои пухта расидани ҷав суммаи ҳарорати зерин шуданаш шарт аст. Дар давраи обёрикунӣ аз 10°С зиёд шудани ҳарорат суммааш то 1000° С шуданаш барои пухта расидани навъи аз ҳама тезпази ҷав кифоя нест, чунин навъ дар ҳарорати 1000–1400°С пухта мерасад. Дар 1400–1800°С бошад, миёнапаз, аз 1800°С афзояд, навъҳои аз ҳама дерпаз пухта мерасанд. Нишондодҳои миқдори мазкури нишондода дараҷаи бонитетноки маълуми арзёбӣ ба ҳисоб меравад.

**Арзёбии захираҳои замин.** Захираҳои замин аз ҷиҳати хоҷагидорӣ барои мақсадҳои зиёд арзёбӣ мегарданд. Алалхусус, ба мақсадҳои кишоварзӣ арзёбӣ кардан васеъ паҳн гардидааст.

Амалӣ гардондани кишоварзӣ, асосан, бо релеф, захираҳои агроиқлимӣ, шароити хок, ҷойгиршавии хосиятҳои қулайи обҳои сатҳи рӯйизаминӣ ва дигар омилҳо муайян карда мешаванд. Азхудкунии заминҳои ба кишоварзӣ боб ва дараҷааш мураккаб ба хосиятҳои геонизом нигоҳ карда, мухталиф мегардад. Дар асоси таҳлили омилҳои дар боло нишондода Ӯзбекистон мувофиқи мураккабнокии геонизом ба чор гурӯҳ тақсим мегардад: геонизомҳои оддӣ, мураккаби миёна, мураккаб ва ниҳоят мураккаб (ҷадвали 5).

Ба геонизоми оддӣ ҳамвориҳои пролювиали наздикӯҳӣ ва суфачаҳои болоии водии дарёҳо шомил аст. Ҳаракати горизонталии обҳои зеризаминӣ ба дараҷаи баланд таъмин гардида, сатҳи ин обҳо баланд бардошта мешавад. Чунки дар зери ҷинсҳои лёсшакл сангҳои шағал мехобанд. Ҷойҳои мазкур барои кишоварзӣ ниҳоят мусоиданд.

Дар геонизоми мураккабиаш миёна пармаи конусшакл ва қисмҳои болоии делтаи дарёҳо дохил мегардад. Ҳаракати горизонталии обҳои зеризаминӣ таъмин гардидааст. Аммо дар баъзе ҷойҳои пастхамӣ он наздик ба сатҳи замин бардошта мешавад ва боиси шӯрнокӣ шуданаш мумкин. Рӯй додани эрозияи шамол ва об аз эҳтимол дур нест.

*Ҷадвали 5.*

**Дар минтақаҳои даштӣ ва нимдаштии Ӯзбекистон мезонҳои муайянкунандаи дараҷаи мураккабнокии геонизомҳои ба обёрӣ коршоям**

| Геонизомҳо ва мураккабии мелиоратсия | Релеф | | Таркиби хобондашуда | Хокҳо | | | Обҳои зеризаминӣ | | Ҳолати мелиоративии замин |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Гуногун | Хосияти сатҳӣ | | Ном | Ба шӯрнокӣ додашавӣ | Моилӣ ба эрозия | Чуқуриаш, м | Дараҷаи минералшавӣ | |
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 |
| Тадбирҳои оддӣ (махсус талаб менамоянд) | Ҳамвории пролювиалии наздиккӯҳӣ | Моил | Дар зери хобрафтаҳои лёсс ва лёсшакл ҷинсҳои дағал мавҷуд | Сурф типик сурсурф | Дода шудааст | Шуста нашудааст дар ҷойҳо камтар шуста шудааст | 20–100 | то 3 г/л | Барқарор |
| Мураккаби миёна (тадбири пешгирии он зарур) | Пармаҳои комисионӣ ва қисми асосии делтаи дарё | Мавҷшакл | Реги лёсшакл хобондашуда, баъзан якчоя бо шағал дучор меояд, дар зери онҳо ҷинсҳои дағал ҳастанд | Сурф типик, сур-сурф, даштӣ, регдор, тақардор | Додана-шудааст | Ба дараҷаи мухталиф шуста, дар маҳал эрозияи шамол мавҷуд | 10–15 ва аз он паст | 3–10 г/л ва аз он зиёд | Бисёр барқарор |
| Мураккаб (маҷмӯи тадбирҳои махсус зарур аст) | Пармаҳои комиссионӣ ва қисмҳои миёнаи делтаи дарёҳо, суфачаҳои поёнӣ | Моил | Хобравандагони регину регнок, қабати рег бо қабатчаҳои рег дар ҳолати омехта дучор меояд | Суф-сурф дашти регнок тақир | Ба дараҷаи мухталиф | Дар эрозияи шамол дода шудааст | 5–10 | 5–10 г/л ва 10–30 г/л | Барқарор нест |
| Ниҳоят мураккаб (дар ҳаҷми калон маҷмӯи тадбирҳои махсус зарур) | Пармаҳои комисионӣ ва қисмҳои оғозии делтаи дарёҳо, теппагиҳо, платоҳо | Байзашакл, фурӯхамидаи мавҷшакли моил | Хобравандагони таркибаш душвори механикӣ (гил, регзори душвор), регзори омехта, шағал (часпида) | сур-суф, чарогоҳи тақир, шӯрхоки тақирнок | Дар таркиби хобондашудагон намак ва газ мавҷуд аст. | Дар эрозияи шамол ба дараҷаи гуногун дода шудааст | 3–5, 10–20 ва аз он паст | 10–30 г/л ва аз он зиёд | Ниҳоят барқарор |

Барои ҳамин дарахтзорҳои иҳотавиро ба вуҷуд овардан лозим.

Ба геонизоми мураккаб резишгоҳи конусшакл ва қисми миёнаи делта, суфачаи аллювиалӣ медарояд. Ҳаракати горизонталии обҳои зеризаминӣ хуб нест, ҳангоми обёрӣ сатҳи онҳо боло меравад ва дар хок намак ғун мешавад. Барои пешгирии он захбӯрҳои горизонталӣ ва ростро кандан лозим. Ба геонизоми мураккаб қисмҳои оғозии делта, қисми ҳамвориҳои пролювиалӣ ё ки чойҳои канораи онҳо, теппагиҳо, плато ва баландиҳо дохил мешаванд ҳаракати горизонталии обҳои зеризаминӣ таъмин нагардида бошад, сатҳи онҳо баробари обёрӣ ба тезӣ боло меравад. Ба мақсади пешгирии он шабакаи захбурҳои зичро сохтан, сифатнок обшӯй кардани замин ва ҳамворкунии он, ба муқобили эрозияи шамол дарахтони иҳотавиро ба вуҷуд овардан лозим.

**Арзёбии захираҳои рекреатсия.** Хусусиятҳо ё компонентҳои бо мақсади истироҳатӣ истифодабарии геонизомҳо захираҳои рекреатсионӣ номида мешавад. Масалан, ҷангалзори хушманзара, соҳилҳои баҳр ва укёнусҳо, водиҳои кӯҳӣ, кӯлҳо, ғорҳо, растаниҳои манзаравиву зебо, шаклҳои аҷиби релефҳои пиряхҳо ба ҷумлаи онҳо медароянд.

Фарогирии рекреатсия (эҳё, ҷояшро пур кардан) доманадор буда, ба маънои истироҳати одамон, эҳёи саломатии онҳо, дамгирии маданӣ истифода мегардад.

Геонизомҳоро аз нуқтаи назари рекреатсия тадқиқ намудан асосан аз имкониятҳои рекреатсия ва дар он таъсири фишори рекреатсияро арзёбӣ кардан иборат аст.

Истироҳат ташкилӣ ва ғайриташкилӣ (ихтиёрӣ) шуданаш мумкин аст. Истироҳати ташкилӣ аз ҷониби ташкилотҳои гуногун ташкил карда мешавад. Истироҳати ғайриташкилӣ (ихтиёрӣ) бошад, мувофиқи хоҳиши одамон аз як нафар то чанд нафар дар ҳудуди интихобгардида ташкил меёбад.

Истироҳат мувофиқи мавсим гуногун шуда метавонад. Намудҳои истироҳати тобистона инҳоро дар бар мегирад: оббозӣ кардан, ванначаҳои офтобӣ гирифтан, пиёда сайр намудан (даво: барқарор-кунии саломатӣ, экскурсия), варзиши қайиқӣ, шикори моҳӣ, чиндани меваҳои гуногун ва занбӯруғ, сайр бо асп, бо алпинизм машғул шудан ва ҳ.к

Зимистон бо чунин намудҳои истироҳат шуғл варзидан мумкин: варзиши лижаронӣ, шикори моҳии зери ях, шикори варзишӣ, даво, эҳёи саломатӣ, пиёда сайр намудан.

Объектҳои арзёбии рекреатсионӣ – ландшафтҳо ва қисмҳои он шуданаш мумкин. Ҳангоми лоиҳагирии ҷойгирсозии маҷмӯи рекреатсия ландшафтҳоро таҳлил намудан самараи хуб мебахшад. Дар ин ҳолат мувофиқи дараҷаи истифодабарӣ ба мақсади реакреатсионӣ аз ландшафтҳои гуногун ландшафти аз ҳама қулай интихоб мегардад. Масалан, водии дарё, пастхамиҳои кӯҳӣ, сохили кӯл ё ки обанбор, ҳамворӣ, соҳили укёнус ё бахр, ҷангал ва ҳ.к.

Ҳангоми ба лойиҳагирии маҷмӯъҳои алоҳидаи рекреатсионӣ (хонаҳои истироҳат, санаторияҳо, маҷмӯи сайёҳӣ ва ғайра) ягон ҷойи мушаххасро арзёбӣ кардан натиҷаи хуб мебахшад.

Ҳангоми арзёбӣ ба мақсади рекреатсионӣ онҳоро аз нигоҳи эстетикӣ баҳо додан ҳам ҷойи муҳимро ишғол менамояд. Дар ин ҳолат имконияти аз ҷиҳати эстетикӣ завқ бахшидани шароити табиӣ, релеф, растаниҳо, намуди умумии ландшафт ба эътибор гирифта мешавад. Дар марҳалаи хотимавии арзёбӣ коршоямии биноҳои ҷойгиршудаи рекреатсионии геонизом ва дараҷаи барқарорӣ ба фишори реакреатсионӣ ба ҳисоб гирифта мешавад.

Арзёбии географӣ, кишоварзӣ, рекреатсия, марҳалаҳои арзёбӣ.

1. Чаро арзёбии географӣ меноманд?
2. Арзёбии географӣ аз кадом марҳалаҳо иборат аст?
3. Кадом усулҳои арзёбии географиро медонед?
4. Марҳалли истиқоматиатон ба кишоварзӣ мусоид аст ё не? Фикратонро асоснок намуда ба дафтаратон нависед.

## § 15. Пешгӯии географӣ

Инсон бо фаъолияти хоҷагидорӣ машғул шуда, на танҳо ба ҳолати имрӯзаи шароити табиӣ, балки ба тағйиротҳои гуногуне, ки дар оянда рӯй медиҳанд, ҳам марoқ зоҳир менамояд. Бинобар ин тағйироти шароити табииро аз нуқтаи назари манфиати инсон пешакӣ пешгӯӣ кардан ва амиқ тахмин намудан дорои аҳамияти калон аст.

Дар ин фан тағйирёбии ягон ҳодиса ё ки ҳолати ягон объектро пешакӣ дида тавонистан ва гуфтан *прогноз (пешгӯӣ)* номида мешавад.

**Пешгӯикунии географӣ** ҷараёне барои ривоҷёбии муҳити табиӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва тағйиротҳо маълумот ҷамъ овардан ва аз нав кор кардан ба ҳисоб меравад.

**Пешгӯии географӣ** гуфта аз ҷиҳати илмӣ пешакӣ асоснок кардани самтҳои асосии тағйиротҳои муҳити табиӣ ва маҷмӯи истеҳсолии ҳудудӣ дар назар дошта мешавад.

Пешгӯии географӣ дар якчанд намунаҳо ба амал бароварда мешавад. Аз онҳо сараввал якчанд беҳтаринаш, сипас яке аз шакли мақбулаш интихоб мегардад ва дар асоси намунаи мазкур тамоми корҳои ҳисобу китоб ба амал бароварда мешавад.

Пешгӯии географӣ ба муддатҳои гуногун тартиб дода мешавад. Барои ҳамин пешгӯиҳо мувофиқи муддаташон ба намудҳои зерин тақсим мегарданд: пешгӯии оперативӣ ба 1 моҳ, пешгӯии кӯтоҳмуҳлат аз 1 моҳ то 1 сол, пешгӯии мӯҳлаташ миёна аз 1 то 5 сол, пешгӯии дарозмӯҳлат аз 5 то 15 сол, пешгӯии мӯҳлаташ ниҳоят дароз аз 15 сол зиёдтар кор карда мешавад.

Барои амалӣ гардондани пешгӯии географии табиӣ муайянкунии хосиятҳои пешгӯии компонентҳои геонизомҳо талаб карда мешавад. Релеф, ҷинсҳои кӯҳӣ, хок, об, олами растанӣ ва ҳайвоноти ҷойи маълум дорои хусусиятҳои ба худ хос мебошад. Маълумотҳо оид ба хусусияти мазкур дар пешгӯии табиии географӣ истифода мегардад.

Хосиятҳои кам кардани ифлосшавии муҳити табиии компонентҳои геонизомҳо аз инҳо иборат аст:

**1. Релеф.** Фурӯхамидаҳо ғункунандаи маҳсулоти техногенӣ (партовҳо) аст. Баландиҳо бошанд, парокандакуниҳо ҳастанд. Ҷойҳои моили пастхамиҳо, дараҷаи порчашавӣ, зичӣ, ба ҳаракати обҳои зеризаминӣ мусбӣ ва манфӣ таъсир расонданаш мумкин.

**2. Ҷинсҳои кӯҳӣ.** Ҷинсҳои обгузаронанда ва обнагузаронанда, ғафсии онҳо ба муҳити табиӣ таъсир мерасонад.

**3. Обҳо.** Миқдори моддаҳои органикии дар он ҳалшуда, миқдори маҷрои солона, суръати маҷро ба аҳамияти муҳим молик аст. Суръати маҷро чӣ қадар баланд бошад, моддаҳои ифлоскунанда ҳамон қадар тез гирифта бурда мешавад. Моддаҳои органикии об ҳалшавии маъданҳои вазнинро суръат мебахшанд.

**4. Хокҳо.** Шароити оксидшавӣ-бозгашт, кислотавӣ-коркунанда. Моддаҳои ифлоскунандаи моддаҳо қобилияти худтозакуниро муайян месозанд.

**5. Растаниҳо.** Намудҳои растаниҳои фурӯбарандаи моддаҳои ифлос-кунанда. Дар асоси хосиятҳои мазкур тағйиротҳои муҳити табииро пешакӣ гуфтан мумкин.

**Пешгӯиҳои географӣ** дар миқёсҳои сайёравӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ бурда мешавад.

**Пешгӯиҳои сайёравӣ** ба як ҳудуди маълум алоқадор набуда, дар доираи қабати географӣ, ба муаммоҳои ба тамоми инсоният дахлдор бахшида мешавад. Мақсади асосии пешгӯии географии сайёравӣ пешгӯии муаммоҳои ҳаёти ояндаи инсоният ва нигоҳ доштани замин аст. Барои ҳамин ҳам бисёрии мутахассис ва олимон ҳоло бо пешгӯии ҳодисаҳои гуногуни нохуши дар миқёси дунё ба амал оянда шуғл меварзанд. Муаммоҳои ифлосгардии ҳавои атмосфера, ғафсшавии қабати азон, ба вуҷудоии «самаранокии гармхона», ҷараёни биёбоншавӣ, ифлосгардии гидросфера ва оби софи ошомиданӣ ба ҷумлаи он медароянд.

**Пешгӯиҳои минтақавӣ** дар доираи ягон минтақа тағйирёбии ояндаи муаммоҳои ба чанд давлат дахлдорро ба пешакӣ асоснок кардан нигаронда мешавад. Дар қисмҳои ба дараҷаи баланд ривоҷёфтаи хоҷагидории ҷаҳонӣ муносибат байни ҷамъият ниҳоят шадид мегардад.

Бар асари он муаммоҳои гуногуни экологӣ ба вуҷуд моянд, дар натиҷа шароитҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ мураккаб мегарданд. Ба минтақаҳои мазкур баҳрҳои Миёназамин, Балтика, Шимолӣ, Сиёҳ, Мексика, гулӯгоҳи Форс ва дигар ҷойҳо медароянд. Дар маҳалҳои мазкур кашондани нафт, ба воситаи дарёҳо овардани моддаҳои гуногуни зарарнок, ба баҳрҳо партофтани партовҳои гуногуни саноатӣ боиси ифлосшавӣ мегардад. Оқибат, баҳр ба олами наботот ва ҳайвонот зарари калон мерасонад, имкониятҳои рекреатсионии соҳилҳои баҳрҳо маҳдуд мегарданд ва шароити зиндагонии аҳолӣ бад мешавад.

**Пешгӯии географии маҳаллӣ.** Таъсир ба муҳити табиии гурӯҳи иншоотҳо ё иншооти муҳандисиро пешакӣ асоснок карда додан пешгӯии географии маҳаллӣ номида мешавад. Иншоотҳои муҳандисии ба табиат таъсир расонанда корхонаи саноат, обанбор, шахтаҳо, роҳҳо, аэродромҳо, шаҳрҳо ва ғайра шуданаш мумкин. Масалан, кони канданиҳои фойиданок бо тарзи кушод кофта гирифта шавад, дар ҳудуд ҷойи фурӯхамида ҳосил мегардад, сатҳи обҳои зеризаминӣ паст мефуроянд, ҷараёни нохуш (ярч, тарма, фурӯравиҳо) ривоҷ ёфта, об, хок, олами растанӣ ва ҳайвонот дар ҷойҳои маълум батамом нест мешавад, дар баъзе ҷойҳои маълум бошад, тағйиротҳои калон вомехӯрад.

*Ҷадвали 6.*

## Пешгӯии тағйиротҳои маҷмӯи табиати чарогоҳҳои Ӯзбекистон дар зери таъсири фаъолияти инсон

| Маҷмӯи табиат | Омилҳои таъсиркунанда | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Чорводорӣ | Буридани дарахт ва бутҳо | Эрозияи техникӣ, ҳаракати автомобил ва дигар механизмҳо | Ба вуҷуд овардани иҳотазорҳо, афзун гардондани маҳсулнокии чарогоҳҳо | Ҷараёнҳои табиии географии эҳтимолӣ | Самтҳои асосии тағйиротҳои пешгӯишаванда |
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 |
| Дар хокҳои хокистариву сиёҳтоби баландиҳои боқимонда ва плато | Бе-қувват | Бақувват | қувваи ҳаракати бетартиб | Ҳоло ба амал бароварда нашудааст | Пурзӯр гардидани дефлятсияи роҳҳои автомобил | Дар қисми марказии Устюрт хок ва растанӣ 10-20 % кам шуданаш мумкин. |
| Шӯрхокҳои чӯкидагиҳо бо галофитҳо, баъзан бо шӯр банд аст | Бе-қувват | Дар маҳалхо пуркувват | Камтар | | Дефлятсия, дар натиҷаи пармакунӣ бо ҳаҷми калон об мебарояд, кӯл, ботлоқ ба вуҷуд меояд. | Буридани буттаҳо пурзӯр мегардад, кӯл, кӯлмак ва ботлоқзори нав таркиб меёбад |
| Дар ҳамвории регнок паҳншавии псаммофитҳо | То-рафт пурзӯр мегар-дад | Буридан | Дар ҷараёни ҷустуҷӯи конҳои нав пурзӯр мегардад | Суръаташ ниҳоят паст | Дар атрофи қарияҳои аҳолинишин майдони пармакунӣ васеъ мегардад | Майдони регзори ҳаракатнок васеъ, маҳсулнокии чарогоҳҳо паст мегардад |
| Дар хоки тақири делта ва тақирҳо саксовули сиёҳи бояличӣ мавҷуд аст | Бекув-ват | Joylarda kuchli | Дар маҳалҳо пуркувват мешавад | | Ҳаракати бетартиби автомобилҳо дефлятсияро пурзӯр мегардонад | Ба дефлятсия дода шудани хок пурзӯр мегардад, майдони онҳо ба 15–25 % мерасад |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Дар ҳамвориҳои баҳр рег ва псаммофитҳои шӯрхок паҳн шудааст | | | Камтар | Корҳои амалӣ оғоз наёфтааст | Ба тақири шӯрхокҳо ва шӯрхоки боқимонда бо роҳи эволютсия мегузарад, дефлятсия пурзӯр мегардад | Майдони регзор васеъ, сатҳи шӯрхокҳо аз намак тоза мегардад, баъдтар бо растанӣ фарогирӣ пурзӯр мегардад |
| Дар кӯҳҳои паст явшон заминҳои даштро ишғол намудааст | Бекув-ват | | Ҳаракат ба оянда пурзӯр мегардад | | Баробари пурзӯр гардидани чараёни техноген миқдори конҳо ва карерҳо зиёд мегардад | Ландшафти техноген ва майдони заминҳои вайроншуда васеъ мегардад |
| Дар ҳамвориҳои пролювиали наздикӯҳҳои хоки даштӣ явшонзори шӯр паҳн шудааст | Боқув-ват | | Аз рӯйи роҳи маълум дар оянда пурзӯр мегардад | Дар муносибат паст | Дар оянда пурзӯр гардидани ҳакати пармакунӣ ва автомобилҳо дефлятсия ва эрозияро ба миқдори зиёд пурзӯр мегардонад | Чуқурии релеф меафзояд, чарогоҳҳо аз кор мебароянд |
| Дар хоки марғзори делта қамишзор, шӯрхокҳои боқимон-да ҳар гуна алафҳо, дар тақир саксовули сиёҳ мавҷуд | Боқув-ват | Кам шуданаш мумкин | Дар чойҳо пурзӯр мегардад | Дар муносибат паст | Дар делтаи Амударё дефлятсия, вайроншавии чарогоҳҳо, хушкшавии тӯқайҳо пурзӯр мегардад | Шаклҳои релефи рег ба вуҷуд меояд ва махсулнокии чарогоҳ паст мегардад |
| Дар назди кӯҳҳо, теппагиҳо ва кӯҳҳои пастхоки даштӣ дашти гуногуни алафин мавҷуд | Боқув-ват | Дар маҳалҳо бақувват | Қувваи ҳаракати бетартиб | Ба амал наомадааст | Дефлятсияи хок, дода шудан ба эрозия ва дефлятсияи чарогоҳ тезкор | Чуқурии релеф меафзояд, маҳсулнокии чарогоҳ паст мешавад |
| Дар баландиҳои паст ва баландии кӯҳҳо алафҳои гуногун мерӯяд | Боқув-ват | Бақувват | Тартибнок | Ниҳоят паст | Бетартибона молбонӣ кардан, шудгор кардани заминҳои нишебӣ, буридани дарахтон ба вуҷуд овардани чараёни табииро пурзӯр мегардад | Шусташавии хок, эрозияи чар, ярч, сел пурзӯр мегардад |
| Дар пастхамиҳои хокҳои кӯҳҳои баланд ксерофилҳо бо шашир иваз шуда меояд | Бекув-ват | | | | Дар ҳаракати чараёнҳои табиӣ таъсири инсон бақувват аст | Маҷмӯи табиат дар ҳолати табиӣ ривоҷ меёбад |

**Пешгӯии тағйиротҳои маҷмӯи табиати Ӯзбекистон**. Асосҳои қонунӣ ривоҷ ёфтан ва ташкили маҷмӯи табиати дар Ӯзбекситон ташаккулёфта, ҷараёнҳои табиии географии дар онҳо ба вуҷудоянда, дар зери таъсири инсон тағйиротҳоро барои оянда пешгӯӣ кардан мумкин аст (ҷадвали 6).

Дар Ӯзбекистон асосан маҷмӯи табиати ҳамворӣ, наздикӯҳӣ ва кӯҳӣ паҳн гардида, барои ҳамин корҳои пешгӯӣ кардан дар ду самт ба иҷро бояд расанд. Дар Ӯзбекистон ҳоло аз маҷмӯи табиати ҳамворӣ асосан ба мақсади чорводорӣ ва деҳқонии обёришаванда истифода бурда мешавад. Дар маҳалҳое, ки канданиҳои фойиданок ёфт шудаанд, дар саноати маъдангудозӣ кор фармуда мешаванд. Маҷмӯи табиат вобаста ба ҳолати ҳамворӣ дар фаъолияти хоҷагидории инсон ба дараҷаи гуногун тағйир ёфтааст. Дар маҷмӯъҳои табиати наздикӯҳӣ ва кӯҳӣ фаъолияти хоҷагидорӣ бо гуногун буданаш фарқ мекунад. Маҷмӯи табиати наздикӯҳӣ пурқувват тағйир ёфтааст, теппагиҳо ва кӯҳҳои паст камтар тағйир меёбад ва маҷмӯи табиати бақувват тағйирёбанда ба ҳисоб меравад.

Пешгӯӣ, пешгӯии географӣ, пешгӯикунии географӣ, муддатҳои пешгӯиҳои географӣ, намудҳои пешгӯиҳои географӣ.

1. Чаро пешгӯиҳои географӣ мегӯянд?
2. Пешгӯиҳои географӣ ба кадом мӯҳлат сохта тайёр карда мешаванд?
3. Кадом хосиятҳои маҷмӯи географӣ ифлосгардии муҳити атрофро кам мекунад?
4. Дар маҳалли истиқоматиатон муҳити табиии дар зери таъсири омилҳо тағйир ёфтанашро ба дафтаратон нависед.

## § 16. Мониторинги муҳити атроф ва асосҳои экспертизаи географӣ-экологӣ

Аз нимаи дуюми асри XX эътиборан дар натиҷаи инқилоби фан ва техника таъсири ҷамъият ба табиат пурзӯр гардиданашро ба эътибор гирифта, зарурияти ташкили низоми махсуси назоратӣ пайдо гардид. Дар натиҷаи назорати махсус маълумотҳои ҷамъгардида барои арзёбии тағйиротҳои рухдиҳандаи муҳити табиат ва хулосаи даркорӣ бардоштан имкон медиҳад. Барои ҳамин ҳам таклифҳо оид ба ташкили низоми мониторинг ба миён гузошта шуд. Масъалаи мониторинги ҳолати муҳити атроф дар арафаи конференсияи

Созмони Милали Муттаҳид, ки соли 1972 дар Стокголм баргузар шуда, ба муҳофизати муҳити табиӣ бахшида шуда буда, ба вуҷуд омад. Ба ҳамин муносибат дар фан мафҳуми мониторинги нав (лотинии «монитор» – ба ёд оварда, огоҳсозанда) пайдо гардид.

Мониторинг – ба мақсади оқилона истифода бурдани захираҳои табиӣ, муҳофизаи муҳити атроф, ҳолати шароити табиии ягон ҳудуди маълум ба зери назорат гирифта мешавад ва он низоми назоративу идоракунист.

Мақсади асосии мониторинг назорат намудани омӯзиши тағйирот дар зери таъсири фаъолияти инсон, дар асоси маълумоти ба даст омада арзёбӣ кардан ва истифода бурдани тадбирҳои дахлдори идоракунӣ мебошад.

Дар асоси мониторинг ифлосшавии ҳавои атмосфера, ҳавзаҳои об, обҳои зеризаминӣ, хок, қабати растанӣ бо партовҳои гуногун, моддаҳои кимиёвии заҳрнок, ҷузъҳои радиоактив мушоҳида мегардад. Корҳои назоратӣ ба вайроншавии шароити зиндагонии экологии маълуми инсоният нигаронда мешавад.

Аз ҷониби академик И.П.Герасимов мониторинги экологӣ, геоэкологӣ ва марҳалаҳои биофсера ташкил ёфт. Дар марҳалаи мониторинги биоэкологӣ ифлосшавии муҳити атроф аз нуқтаи назари таъсири он ба саломатии инсон мушоҳида мегардад. Дар марҳалаи мазкур беморшавии одамон, фавт, таваллуд, умри дароз дидан ва дигар маълумотҳоро истифода мебаранд. Маълумотҳои мазкур таъсири акси инсон ба тағйироти муҳити атроф ба ҳисоб меравад. Дар марҳалаи мазкур ба маълумотҳои шабакаҳои назорати мониторинг ва хизмати санитарӣ-гигиенӣ такя намуда, кор пеш бурда мешавад.

Мониторинги биоэкологӣ назорати партовҳои ба саломатии инсон зараровар ва моддаҳоро ташкил медиҳад. Дар марҳалаи мониторинги геоэкологӣ асосан геонизомҳои табиӣ, табиӣ-антропогенӣ, ҳудудҳои рекреатсионӣ ба назар гирифта назорат карда мешавад. Барои марҳилаи мазкур маълумотҳо оиди микдори рухсатшудаи моддаҳои ифлоскунандаи табиат ва қобилияти худ тозакунии геонизомҳо маълумотҳои муҳим ба ҳисоб мераванд.  Мушоҳидаҳо дар статсионарҳои географӣ, минтақаи махсус ё ки полигонҳо пеш бурда мешаванд.

Дар амалӣ гардондани мониторинги геонизом бинобар ҳаво, об, хок, дунёи растанӣ ва ҳайвонот, омилҳои ба саломатии инсон таъсири манфӣ расонанда, манбаъҳои ифлоскунанда назорат ба роҳ монда мешавад.

Вазифаи асосии марҳалаи мониторинги биосфера аз муҳити атрофро дар миқёси дунё назорат кардан иборат аст. Дар ин ҳолат ба бо чанг фарогирии атмосфера, ифлосгардии уқёнуси дунё ва боз бисёр нишондодҳо эътибор нигаронда мешавад. Мақсади асосии мушоҳида дар миқёси дунё баҳогузории таъсири тағйирёбиҳо ба саломатии инсон ва фаъолияти он мебошад. Ба низоми полигонҳои биосфера мамнӯъгоҳҳо ва минтақаҳои фаъолияти хоҷагидории аҳолӣ шомил аст.

Ҳангоми мушоҳидаи атмосфера ба афзудани миқдори гард, ба вуҷуд омадани «самараи гармхона», дар минтақаи қутбӣ ба ғафсшавии қабати озон роҳ нагузоштан эътибори асосӣ нигаронда мешавад.

**Амалӣ гардондани мониторинги муҳити атроф дар Ӯзбекистон.** Дар Ӯзбекистон дар давоми 50–60 соли охир дар натиҷаи бо суръати баланд ривоҷёфтани хоҷагии деҳот ва об, конҳо, кимиё, маъдангудозӣ ва дигар соҳаҳои саноат дар муҳити атроф тағйиротҳои пурзӯр рӯй дода, муаммоҳо ба миён омаданд. Дар натиҷа зарурати мушоҳидаи мунтазами муҳити атроф, назорат кардан ва кор карда, амалӣ сохтани низоми ягонаи давлатии идоракунӣ ба вуҷуд омад.

Мониторинги муҳити атроф дар мамлакатамон аз ҷониби якчанд муассиса ва ташкилотҳо ба амал бароварда мешавад. Ифлосшавии ҳавои атмосфера ва ҳавзаҳои об аз ҷониби сарраёсати гидрометеорологияи Ӯзбекистон, ифлосгардии обҳои зеризаминӣ, ривоҷ додани ҷараёнҳои нохуши табиии географӣ аз ҷониби корхонаи корхонаи «Ӯзбекгидрогеология»-и мутааллиқи Кумитаи давлатии захираҳои геологӣ ва минералии Ӯзбекистон, шӯрхокшавии хокҳо ва меъёри обҳои зеризаминӣ, дараҷаи минералишавии обҳои коллекторӣ аз ҷониби Вазорати кишоварзӣ ва хоҷагии об, ҳолатҳои ҷангалзорҳо аз ҷониби Кумитаи хоҷагии ҷангал, масъалаҳои вобаста ба таъсири муҳити атроф ба саломатии инсон аз ҷониби Вазорати ҳифзи тандурустӣ назорат карда мешавад. Фаъолияти ин ташкилоту муассисаҳо дар соҳаи мониторинг аз ҷониби Кумитаи давлатии экология ва муҳофизати муҳити атроф идора карда мешавад. Кумитаи мазкур аз рӯйи ҳолати муҳити атроф ахбор ва маълумотҳои гуногунро ҷамъ оварда, вазъияти экологии ба вуҷуд омадаро баҳогузорӣ мекунад. Вазъияти нохуш ба амал омада бошад, ба ташкилотҳои дахлдор хабар мерасонад, барои пешгирии он чораву тадбирҳои дахлдор меандешад ва иҷрои онро назорат мекунад. Маълумотҳои мушоҳида ва назоратҳои дар

давоми сол бинобар мамлакатамон бурдашуда ҷамъоварӣ гардида, нишондиҳандаҳои миёнаи моҳона муайян карда мешавад.

**Асосҳои экспертизаи географӣ-экологӣ.** Аз солҳои 60–70-уми асри XX эътиборан сохтани корхонаҳои калони хоҷагӣ ва дигар тадбирҳои лоиҳавӣ аз таҳти назорати ҳамаҷонибаи мутахассисон гузашта, танҳо бо рухсати онҳо амалӣ гардонда мешавад. Ҷараёни мазкур ба маънои умумӣ **экспертиза** номида мешавад.

Экспертиза гуфта аз нигоҳи мутахассисон гузарондани лойиҳаҳои сохтмони иншоотҳои калони муҳандисӣ дар назар дошта мешавад. Калимаи «эксперт» аз лотинӣ гирифта, маънои «соҳибтаҷриба»-ро ифода месозад. Эксперт мутахассисест, ки дар ягон соҳа экспертиза мегузаронад. Масалан, экспертиза оид ба соҳаҳои сохтмон, геология, хоҷагии деҳот, хоҷагии об, энергетикаи атом, мошинасозӣ ва ғайра асосан аз рӯйи арзёбии таъсири ба муҳити атроф ба иншоотҳои муҳандисии лоиҳашаванда гузаронда мешавад. Экспертизаҳо ба экспертизаи географӣ ва экологӣ тақсим мегардад.

**Экспертизаи географӣ** гуфта, ба талабҳои муҳити атрофи иншооти муҳандисии лоиҳашаванда мувофиқ омадан ё наомаданро муаян кардан дар назар дошта мешавад. Экспертизаи экологӣ гуфта арзёбии таъсири қисми биологикии фаъолияти инсон ба муҳити атроф (дунёи растанӣ ва ҳайвонот, микроорганизмҳо) фаҳмида мешавад.

Экспертизаи географӣ ва экологӣ ба ҳамдигар аз тамоми ҷиҳатҳо наздик ва якдигарро тақозо намуданро ба эътибор гирифта, экспертизаи географӣ-экологӣ номида мешавад. Экспертизаи географӣ-экологӣ ҳангоми эскпертиза чӣ тавр ба муҳити атроф, саломатии инсон таъсир расондани иншооти муҳандисӣ ба эътибор гирифта мешавад.

Экспертиза дар дараҷаи гуногун амалӣ мегардад: экспертизаи давлатӣ, вазоратӣ, экспертизаи Кумитаи давлатии фанну техника, экспертизаи илмӣ ва ҷамоавӣ ва ғайра. Экспертиза оид ба муҳити атроф аз тарафи Кумитаи давлатии экология ва муҳофизати муҳити атроф муайян мегардад. Дар ташкилоти мазкур раёсати экологӣ-географӣ мавҷуд аст.

**Гузарондани экспертизаи географӣ-экологӣ дар Ӯзбекистон.** Дар Ӯзбекистон аз солҳои 90-уми асри гузашта эътиборан лоиҳаҳои иншоот ва объектҳои калон аз экспертизаи географӣ-экологӣ гузаронда мешаванд. Ҳоло дар Ӯзбекистон масъалаҳои лоиҳаҳои иншоот ва объектҳои калон ба талабҳои экологӣ мувофиқ, ҷойгиршавӣ, истеҳсоли маҳсулоти корхонаҳои мавҷуда, партовҳои ба муҳити атроф паҳнкунанда ҳамаҷониба таҳлил гардида,

мукаммалгардонии чараёнҳои технологӣ, ба ... кардани ускунаҳои замонавии газ ва гардгиранда, тозакунии онҳо аҳамияти калон дода мешавад. Корхонаҳои калон ва миёнаи дар мамлакатамон сохташаванда дар баробари бо тартибу қоидаи экологӣ, дар асоси меъёрҳои муайянгардида сохта шудан, дар чараёни кор мувофиқи меъёр будани паҳншавии партовҳои зарарноки муҳити атроф кафолат дода мешавад. Масалан, дар заводи мошинаҳои сабукрави Асака, заводи азнавкоркарди нафти Қаровулбозор ва дигар корхонаҳо экспертизаи экологӣ амиқ ва ҳамаҷониба гузаронда шудааст.

Мониторинг, мониторинги биоэкологӣ, мониторинги геоэкологӣ, экспертиза, эксперт, эскпертизаи географӣ, экспертизаи экологӣ.

1. Моҳияти мафҳуми мониторинг ва мақсади асосии он аз чиҳо иборат?
2. Амалӣ гардондани мониторинг дар Ўзбекистон аз тарафи кадом ташкилот идора карда мешавад?
3. Фарқу монандии экспертизаи географӣ ва экологӣ дар чист?
4. Дар маҳалли истиқоматиатон рӯйхати корхонаҳоеро тартиб диҳед, ки хок, об ва ҳаворо ифлос мегардонанд.



# БОБИ V. АҲОЛИИ ДУНЁ

## § 17. Аҳолии дунё ва вазъияти демографии замонавӣ

То асри XIX микдори аҳолии дунё ба оҳистагӣ зиёд шуда, соли 1820 ба 1 миллиард нафар расид. Чараёни мазкур бо пастии зиёдшавии табиии аҳолӣ муайян гардида буд. Чунки дар марҳалаи гузаштаи таърихӣ нишондиҳандаи ҳам таваллуд, ҳам фавт баланд буда, фарқи байни онҳо он қадар хурд набуд. Лекин барои зиёдшавӣ аз 1 миллиард то 2 миллиард барои инсоният вақти кӯтоҳ, яъне 107 сол зарур шуд (байни солҳои 1820–1927). Солҳои минбаъда миқдори аҳолии дунё ба тезӣ зиёд гардид. Ба соли 1960 омада аҳолии дунё 3 миллиард нафарро ташкил дод. Ба соли 1975 омада ба 4 миллиард нафар, соли 1987 ба 5 миллиард нафар, соли 1999 ба 6 миллиард нафар, соли 2011 ба 7 миллиард нафар рост омад. Мувофиқи ҳолати соли 2017 миқдори аҳолӣ дар атрофи 7,5 миллиард нафар шуда, зиёдшавӣ давом дорад.

Пас, дар нимаи дуюми асри XIX афзоиши аҳолӣ қатъан зиёд гардид. Ҷараёни мазкур дар фан таркидани демографӣ номида мешавад. Сабаби асосии ҳодисаи мазкур ба туфайли тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва илму техника дараҷаи зиндагонии аҳолӣ боло рафт, шароити зист беҳтар гашт, низоми нигаҳдории тандурустӣ ривоҷ ёфта, давомияти умргузаронии инсон дароз шуда, дараҷаи фавт коҳиш ёфт. Сараввал таркиши демографӣ дар аввали асри XIX – нимаи якуми асри XX дар Аврупои Ғарбӣ ва Амрикои Шимолӣ рӯй дода бошад, дар нимаи дуюми асри XX нуфуси аҳолии мамлакатҳои мутараққии Осиё, Африқо, Амрикои Лотинӣ ва Океания бо суръати баланди худ акси худро пайдо намуд. Дар айёме, ки аҳолии мамлакатҳои мутараққӣ бо суръати баланд мефзояд, зиёдшавии табиии аҳолии давлатҳои Аврупо ва Япония қатъан паст гардид.

Сабабҳои ҷараёни пастравии таваллудро баъди таркиши демографӣ бо кӯмаки назарияи гузаштани демографӣ эзоҳ додан мумкин аст. Мувофиқи назарияи мазкур дар ҷамъият такроран барпо гардидани аҳолӣ аз 4 марҳала гузашта тағйир ёфта меистад (расми 4). Дар марҳалаи якуми ибтидоӣ суръати таваллуд ва фавт ниҳоят баланд буда, тавофути байни онҳо, яъне зиёдшавии табиии аҳолӣ ба дараҷаи ҳаддалимкон нигоҳ дошта мешавад. Ин вазъияти демографӣ «бозмондагии анъанавӣ» номида мешавад. Дар давоми марҳалаи минбаъдаи 2 дараҷаи фавт қатъан кам шуда, ҳодисаи таркиши демографии дар боло таърифшуда рӯй медиҳад. Дар марҳалаи сеюми гузариши демографӣ ҷараёни пастравии фавт ба поён расида, пастравии дараҷаи таваллуд рӯй медиҳад. Пастравии дараҷаи таваллуд дар натиҷаи тағйирёбии тарзи зиндагонӣ (шаҳришавӣ, саноатигардонӣ, боло рафтани ҳосилнокии меҳнат, тағйирёбии мавқеи бонувон дар ҷамъият ва ҳоказо) ба вуҷуд меояд. Дар марҳалаи чоруми хотимавӣ бошад, нишондиҳандаҳои таваллуд ва фавт ниҳоят паст буда, зиёдшавии табиии «барқарории замонавӣ» ном вазъияти демографӣ ба вуҷуд меояд.




***Расми 7.*** Марҳилаҳои гузариши демографӣ

Баъзан ҷараёни гузашти демографӣ бо ин ҳолат маҳдуд нагардида, ба марҳалаи депопулятсия ҳам мегузарад.

Дар мамлакатҳои мухталифи дунё ҳар гуна марҳалаи гузаштани демографиро аз сар мегузаронанд. Мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ, Япония, Канада, Австралия, Зеландияи нав барин мамлакатҳои мутараққӣ дар марҳалаи чорум буда, бо паст будани дараҷаи таваллуд ва бо роҳи табиӣ афзудани аҳолӣ фарқ менамоянд. Дар Осиё Куриёи Шимолӣ ва Ҷанубӣ, Сингапур, Таиланд ва ҳатто Чине, ки аз ҷиҳати сершумории аҳолӣ дар дунё сару сарвар аст, ба марҳалаи хотимавии гузашти демографӣ ворид гардид. Дар баъзе мамлакатҳои ривоҷёфтаи Амрикои Лотинӣ ҳам вазъияти демографии ба ҳам монанд ба назар мерасад. Нишондиҳандаи аз ҳама пасти таваллуд ва бо роҳи табиӣ афзудани аҳолӣ дар Венгрия, Булғория, Германия, Руминия, Латвия, Литва, Украина барин давлатҳои иқтисодиёташ гузарандаи Аврупо хос аст.

Аксари мамлакатҳои мутараққӣ марҳалаи сеюми гузашти демографиро аз сар мегузаронанд, дар онҳо нишондиҳандаҳои таваллуд ба оҳистагӣ коҳиш меёбад. Суръати аз ҳама пасти ҷараёни гузашти демографӣ ба давлатҳои Африқо хос аст. Алалхусус, дар мамлакатҳои Африқои Ғарбӣ, Марказӣ ва Шарқӣ дараҷаи таваллуд ва афзоиши табиии аҳолӣ баланд аст. Аз он ҷумла, мувофиқи ҷамъбасти соли 2016 аз рӯйи суръати зиёдшавии табиии аҳолӣ дар байни 10 давлати пешбар 9 тояш дар қитъаи Африқо ҷойгир шуда, дар панҷгонаи аввал бошад, фақат мамлакатҳои Африқо (Малавӣ, Уганда, Бурундӣ, Нигер, Малӣ) ҷой гирифтаанд. Пас, бисёр давлатҳои аз ҳама мутараққии дунё, инчунин давлатҳои иқтисодиёташон гузаранда гузашти демографиро хотима бахшида бошанд ҳам, мамлакатҳои аз нигоҳи иҷтимоӣ-иқтисодӣ суст ривоҷёбанда дар арафаи марҳилаҳои дуюм, сеюми гузариш истодаанд. Ҳоло аҳолии дунё ба ҳисоби миёна соле 70–80 миллион нафар афзояд. 97 фоизи ин зиёдшавӣ ба давлатҳои мутараққии Африқо, Осиё ва Амрикои Лотинӣ рост меояд (ҷадвали 6). Тафовути вазъияти демографии мамлакатҳои мутараққӣ ва рӯ ба инкишоф ниҳода ба дараҷаи ривоҷи иҷтимоӣ, иқтисодӣ, шаҳришавӣ, дараҷаи тарзи зиндагонӣ ва арзишҳои анъанавӣ барин омилҳо вобастагӣ дорад.

*Ҷадвали 7.*

**Нишондиҳандаҳои асосии демографии дунё ва минтақаҳои калон (соли 2016).**

| № | Ҳудудҳо | Таваллуд (нисбати 1000 кас) | Фавт (нисбати 1000 нафар) | Бо роҳи табиӣ афзудани аҳолӣ | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Нисбати ҳар 1000 нафар | % |
| 1 | Дунё | 20 | 8 | 12 | 1,2 |
| 2 | Мамлакатҳои мутараққӣ | 11 | 10 | 1 | 0,1 |
| 3 | Давлатҳои ривоҷёбанда | 22 | 7 | 15 | 1,5 |
| 4 | Аврупо | 11 | 11 | 0 | 0 |
| 5 | Осиё | 18 | 7 | 11 | 1,1 |
| 6 | Африқо | 36 | 10 | 26 | 2,6 |
| 7 | Амрикои Шимолӣ (ИМА ва Канада) | 12 | 8 | 4 | 0,4 |
| 8 | Амрикои Лотинӣ | 17 | 6 | 11 | 1,1 |
| 9 | Австралия ва Океания | 17 | 7 | 10 | 1,0 |

Ҳифз гардидани бо суръати баланд афзудани аҳолӣ ё ки ба дараҷаи ниҳоят паст фуромадани он барои иқтисодиёти мамлакат муаммоҳои гуногунро ба вуҷуд меоварад. Дар мамлакатҳои мутараққӣ муаммоҳои мазкур бекорӣ, камбудиҳо дар соҳаи таълим ва нигаҳдории тандурустӣ бошад, дар давлатҳои рӯ ба тараққӣ дар нарасидани захираҳои меҳнатӣ, беқарорӣ дар соҳаҳои нафақа ва андоз зоҳир мегардад. Баъзе давлатҳо бо мақсади тағйир додани вазъияти демографӣ чораҳои махсуси моддӣ, маъмурӣ ва тарғиботиро истифода мебаранд. Сиёсати демографӣ асосан ду навъ: ба паст кардани афзоиши табиии аҳолии мамлакат ё ки баланд бардоштани он нигаронда мешавад. Таҷрибаҳои сиёсати демографии самти аввал дар Чин, Ҳиндустон, Покистон, Бангладеш, Эрон ва дигар давлатҳои мутараққӣ мавҷуд бошад, дуюмӣ дар мамлакатҳои Аврупо ба амал бароварда мешавад.

Теъдоди аҳолӣ, таваллуд, фавт, афзоиши табиии аҳолӣ, таркиши демографӣ, гузаштани демографӣ, вазъияти демографӣ, сиёсати демографӣ.

1. Мафҳуми таркиши демографӣ чиро мефаҳмонад ва бо кадом сабаб рӯй медиҳад?
2. Дар мамлакатҳои мутараққӣ ва рӯ ба инкишоф вазъияти демографӣ чӣ гуна фарқ мекунад?
3. Дар бораи сиёсати демографӣ фикратонро баён созед, ки ба мақсадҳои гуногун нигаронда шудааст.

## § 18. Ҷиҳатҳои глобалӣ ва минтақавии ҷараёнҳои урбанизатсия

Маълум аст, ки урбанизатсия (аз лотинии «urb» – шаҳр) – ин ҷараёни афзоиши шаҳр ва аҳолии шаҳр, васеъ паҳншавии тарзи зиндагонии шаҳр мебошад. Шаҳрҳо дар давраҳои қадим ба вуҷуд омадаанд, якҷоя бо қишлоқҳо яке аз ду навъи асосии манзилгоҳҳои аҳолиро ташкил додаанд. Шаҳрҳо таърихан дар натиҷаи тақсимоти меҳнат пайдо шуда, ривоҷ ёфтаанд. Дар давлатҳои қадима шаҳрҳо дар заминаи ҳунармандӣ, савдову тиҷорат, идоракунии маъмурӣ, корҳои мудофиа, ибодатхонаҳои динӣ ва зиёратгоҳҳо ба вуҷуд омадаанд. Аз таърих маълум аст, ки якчанд ҳазор сол муқаддам дар рӯйи Замин Фива, Бобул (Вавилон), Ур, Афина, Рим, Искандария, Карфаген, Мохенҷо-Даро, Самарқанд (Мароқанд) барин шаҳрҳои калон мавҷуд буданд. Аммо ҷараёни ҳақиқии шаҳришавӣ бо суръати баланд танҳо дар асри XIX сараввал дар Аврупо, баъдтар дар Амрикои Шимолӣ оғоз ёфтааст. Ҳодисаи мазкур дар давлатҳои Ғарб натиҷаи ҳамон вақт дар саноат рӯй додани инқилоб гардид. Дар мамлакатҳои ривоҷёбандаи дунё бошад, ҷараёни урбанизатсия дар миёнаҳои асри XX ба туфайли тағйиротҳои мусбӣ дар соҳаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсӣ дар миёнаҳои асри XX оғоз ёфта, ҳоло бо суръати баланд идома дорад.

Дар давоми 200 соли охир саҳми аҳолии шаҳр нисбати аҳолии дунё ба таври мунтазам меафзояд. Соли 1800 тахминан 3 фоизи аҳолӣ дар шаҳр истиқомат кардааст. Соли 1900 ин рақам 14 фоизро ташкил додааст. Баъди ним аср соли 1950 дараҷаи урбанизатсияи ҷаҳонӣ ба 29 фоиз баробар шуд. Ин нишондиҳанда соли 1990-ум ба 45 фоиз, соли 2001 бошад, ба 47 фоиз расид. Соли 2010 саҳми шаҳриён нисбати таркиби аҳолии дунё аз 50 фоиз афзуд ва ҳоло ба 54 фоиз расид.

Ҷараёни урбанизатсия аз 3 марҳилаи асосӣ иборат аст.

I. Дар марҳалаи ташаккулдиҳии урбанизатсия саҳми аҳолӣ аз 50 фоиз паст буда, шаҳрҳои нав ба вуҷуд меоянд, баъзе қишлоқҷойҳо ба тоифаи манзилгоҳҳои шаҳр мегузаранд. Алалхусус, шаҳрҳои калон босуръат афзоиш меёбанд. Дар ин ҳолат шаҳри аз ҳама калон нисбати дигарон хеле пеш меравад. Афзоиши шаҳрҳои калон дар баъзе ҳолатҳо бо тарзи урбанизатсияи «сохта», яъне

намуди дар канори шаҳрҳо зич ҷойгиршавии манзилгоҳҳои аҳолии пастдаромади кӯчида омада ҷилвагар мегардад. Ҳоло дар як қатор мамлакатҳои ривоҷёбандаи Осиё ва Африқо урбанизатсия ана ҳамин марҳаларо аз сар мегузаронад.

II. Марҳалаи урбанизатсияи ривоҷёфта бо суръати баланд ривоҷ ёфтани шаҳрҳои «миллионер», инчунин бо дар атрофи шаҳрҳои калон ба вуҷуд омадани агломератсия тавсиф мегардад. Саҳми ҷамъи аҳолии шаҳр аз 50 фоиз меафзояд, яъне амалан шаҳрҳо ба вуҷуд намеоянд, шаҳрҳои мавҷуда бошад, алалхусус калонҳояш босуръат ривоҷ меёбад, сохти манзилгоҳҳои шаҳр ташаккул меёбад. Марҳалаи мазкури урбанизатсия ба мамлакатҳои Аврупои Шарқӣ, давлатҳои ИДМ, Амрикои Лотинӣ, Африқои Шимолӣ, Осиёи Ҷанубӣ-Ғарбӣ, Океания хос аст.

III. Марҳилаи урбанизатсияи пешбар. Он дар давлатҳои аз ҳама ривоҷёбандаи Аврупо, ИМА, Канада, Австралия, Япония, Исроил ба назар мерасад. Дар ин ҳолат аҳолӣ аз марказҳои шаҳрҳои калон ба оҳистагӣ ба атрофи шаҳр кӯчида меравад. Лекин дар шаҳр кор кардан, хондан, пеш бурдани фаъолияти гуногунро давом медиҳад. Баробари ривоҷёбии нақлиёт ва технологияи замонавии алоқа дар ин марҳилаи урбанизатсия соҳаҳои иқтисодиёти шаҳр ва тарзи ҳаёти шаҳр дар деҳот ҳам васеъ паҳн мегардад, дар натиҷа шароити зиндагонии шаҳру деҳот торафт наздик мегардад, яъне қишлоқҷойҳо расман мақоми қишлоқ будани худро нигоҳ доранд ҳам, дар асл ба маънои том шаҳр мешавад. Байни шаҳру қишлоқҷойҳо ҷараёни нест шудани фарқ ва сарҳади иҷтимоиву иқтисодӣ бо истилоҳи урбанизатсия пеш бурда мешавад.

*Ҷадвали 9.*

**Дараҷаи урбанизатсияи дунё ва минтақаҳои калон (соли 2016).**

| № | Худудҳо | Урбанизатсия, % |
|---|---|---|
| 1 | Дунё | 54 |
| 2 | Давлатҳои мутараққӣ | 78 |
| 3 | Давлатҳои ривоҷёбанда | 49 |
| 4 | Аврупо | 74 |
| 5 | Осиё | 48 |
| 6 | Африқо | 41 |
| 7 | Амрикои Шимолӣ (ИМА ва Канада) | 81 |

| | | |
|---|---|---|
| 8 | Америкои Лотинӣ | 80 |
| 9 | Австралия ва Океания | 70 |

Пас, дар мамлакатҳои ҷаҳон ҷараёни урбанизатсия дар марҳалаи гуногун ривоҷ меёбад ва он дар навбати аввал бо дараҷаи ривоҷи иҷтимоиву иқтисодӣ муайян мегардад. Дар давлатҳои калон, аз қабили Аврупо, Амрикои Шимолӣ, Амрикои Лотинӣ, Австралия ва Океания нишондиҳандаи урбанизатсия ба ҳисоби миёна аз 70 фоиз зиёд шудааст (ҷадвали 7). Дар ин бора алалхусус давлатҳои дараҷаи шаҳришавияшон аз 90 фоиз баланд мисли Исландия, Британияи Кабир, Белгия, Дания, Нидерландия, Австралия, Зеландияи нав, Аргентина, Венесуэла ба назар мерасанд. 60 фоизи аҳолии ҷаҳон ва дар қитъаи Осиё, ки нисфи шаҳриёни дунё зиндагӣ мекунанд, дараҷаи умумии урбанизатсия каме паст аст. Он дар атрофи 50 фоиз буда, афзоишаш давом мекунад. Дар Африқо дараҷаи урбанизатсия аз 40 фоиз каме бисёр аст. Лекин дар ҳар ду қитъа ҳам мамлакатҳои дараҷаи урбанизатсияшон паст мавҷуданд. Аммо солҳои охир миқдори умумии аҳолии шаҳр ва саҳми аҳолии дунё аз ҳисоби ҷараёнҳои урбанизатсияи дар давлатҳои Осиё ва Африқо ба амал омада зиёд мегардад. Ба ин ҳиссаи назарраси шаҳрҳои бо суръати баланд ривоҷёбандаи давлатҳои Чин ва Ҳиндустон тааллуқ доранд.

Дар марҳалаи кунунии урбанизатсияи ҷаҳонӣ аз ҳисоби ривоҷёбии савдову иқтисодиёти байналхалқӣ ва муносибатҳои бонку молия, васеъшавии доираи фаъолияти корпоратсияҳои трансмиллӣ, ба вуҷуд омадани нақлиёт ва соҳаҳои замонавии алоқа таъсири доираи баъзе шаҳрҳои калон бо давлати ҷойгиршудаш маҳдуд нагардида, дигар мамлакатҳо ва минтақаҳо, баъзан ҷаҳонро ҳам фаро мегирад. Миқдори аҳолии ин шаҳрҳо ба якчанд миллион нафар баробар буда, қароргоҳҳои корпоратсияҳои трансмиллӣ ва ташкилотҳои байналхалқӣ, бандар, корхонаҳои саноатӣ, бунёди молиявӣ ва биржаҳои аз ҳама калон ҷойгир шуда аз дигар шаҳрҳо фарқ мекунанд. Ба ин тоифа шаҳрҳо нисбатан истилоҳи шаҳрҳои глобалӣ ё ки ҷаҳонӣ истифода мегардад. Ба қатори шаҳрҳои глобалӣ саравал Ню-Йорк, Лондон, Токио, Шанхай, Гонконг, Париж, Дубай, Сингапур баринҳо шомил мегарданд, ки салоҳияти савдову молия, нақлиётиашон ниҳоят баланд мебошад. Сафи шаҳр-

ҳои глобалӣ торафт васеъ мегардад, доираи таъсири онҳо бошад, тамоми қитъа ва қисмҳои калони онҳоро барои фаро гирифтан мекӯшад.

Ҷараёнҳои урбанизатсия қисми таркибии тараққиёти ичтимоиву иқтисодӣ ва ҳосилаи бевоситаи онҳо буда, як қатор муаммоҳоро ба миён меоварад. Доираи фарогирии муаммоҳои мазкур васеъ гардида, бо ҷиҳатҳои экологӣ, иқтисодӣ, ичтимоӣ, тиббӣ, маданӣ, маънавиву ахлоқӣ тавсиф мегардад. Дар ин ҳол фишори истеҳсолот ба муҳити атроф баланд гардида, камбудиҳои таъминоти об, боркашонӣ дар нақлиёт аз меъёр зиёд шуданаш, паҳншавии маризиҳои вобастаи тарзи зиндагонии шаҳр, афзоиши ҷинояткорӣ ва дигар муаммоҳо умда ба ҳисоб меравад.

Урбанизатсия, шаҳр, аҳолии шаҳр, марҳалаҳои урбанизатсия, урбанизатсияи «сохта», субурбанизатсия, рурбанизатсия, шаҳрҳои глобалӣ, муаммоҳои урбанизатсия.

1. Аз чӣ сабаб ҷараёни урбанизатсия маҳз дар мобайни ду асри охир бо суръати баланд ривоҷ ёфт?
2. Ривоҷёбии урбанизатсия чӣ гуна марҳалаҳоро тай намуд?
3. Ҷиҳатҳои мусбӣ ва манфии шаҳрҳои калонро дар шакли ҷадвал ба дафтаратон нависед.

## § 19. Ҷараёнҳои миграцияи байналхалқӣ ва муаммоҳои он

Ба таркиби аҳолии мамлакатҳои ҷаҳон ва ҷойгиршавии он миграция таъсири калон мерасонад. Миграция (лотинии «миграцио» – кӯчидан) – аз як ҳудуд ба ҳудуди дигар ба муддати доимӣ ё ки муваққатӣ кӯчидан мебошад. Кӯчиш дар дохили манзилгоҳ миграция ба ҳисоб намеравад. Миграция мувофиқи якчанд мизонҳо тасниф шуданаш мумкин. Аз ҷиҳати миқёси ҳудудӣ ба миграцияи беруна ва дохила тақсим мегардад. Миграцияи беруна гуфта ба дигар давлат кӯчидан аст. Баъзан миграцияи беруна ба миграцияи дохили қитъа ва байниқитъавӣ тақсим мегардад. Миграцияи дохилӣ дар дохили як мамлакат ба ҳудуди дигар кӯчидан аст.

Миграция мувофиқи мӯҳлаташ ба намудҳои доимӣ ва муваққатӣ тақсим мешавад. Миграцияи муваққатӣ мавсимӣ, вахтавӣ, инчунин миношакл (маякшакл) (албонҷхӯрда) мешавад. Миграцияи мавсимӣ бештар бо корҳои кишоварзӣ вобаста бошад,

миграциияи вахтавӣ асосан дар конҳои канданиҳои фоиданоки ҳудудҳои шароити табииаш ноқулай, ё ки бо кор дар объектҳои бинокорӣ алоқаманд мебошад.

Минтақаҳои миношакл бошад, дар шаҳр ва атрофи байни он ба тартиби рӯзона ва ҳафтагӣ мегузарад: ба шаҳр аз атрофи деҳоту шаҳрҳои хурд аҳолӣ барои кор кардан, хондан ё дигар мақсадҳо, шаҳриён бошанд, ба канор, асосан барои истироҳат, зиёфат ё ки шуғл бо деҳқонӣ тез-тез рафта меоянд.

Ба миграциияи аҳолӣ иқтисодӣ, оилавӣ, этникӣ, динӣ, сиёсӣ, экологӣ (табиӣ) сабаб мегарданд. Миграцияҳо асосан, бо сабабҳои иқтисодӣ, яъне шароити муайяни зиндагонӣ, ҷустуҷӯи коргоҳ вобаста аст. Миграциияи оилавӣ дар бораи муттаҳидшавии байниҳамдигарии аъзои оилаи дар ҷойҳои гуногун зиндакунанда ба амал меояд. Миграциияи этникӣ ва динӣ гуфта ба давлат ё ҳудуди дигар кӯч бастани намояндагони миллат ё дини маълум фаҳмида мешавад. Миграциияи сиёсӣ дар натиҷаи ҷангу набард ё ки инқилобҳои сиёсӣ рӯй медиҳад. Мигрантҳои экологӣ ба туфайли вайрон шудани муҳити табиӣ ҳудуди зистро тарк мекунанд. Ба ғайр аз ин, миграциияи аҳолӣ ба намудҳои ихтиёрӣ ва маҷбурӣ, ташкил шуда ва ташкил нашуда ҳам тақсим мегардад.

Ҳоло мавҷи миграциияи калон аз мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ ба мамлакатҳои мутараққӣ равона гардидааст (ҷадвали 9). Дар ин ҳол миқдори зиёди муҳоҷирони хориҷиро ИМА қабул мекунад. Солҳои охир дар ин давлат миқдори иммигрантҳо аз 45 миллион нафар газаштанашро қайд кардан лозим меояд. Ба байни давлатҳои Аврупои Ғарбӣ иммигрантҳои аз ҳама бештар ба Германия, Британияи Кабир, Фаронса омадаанд. Дар ҳар яки ин давлатҳо 7–10 миллион нафар иммигрантҳо зиндагонӣ мекунанд. Дар Аврупои Ғарбӣ қисми асосии иммигрантҳо аз давлатҳои Осиёи Ҷанубӣ-Ғарбӣ, Ҷанубӣ, Африкои Шимолӣ, инчунин Аврупои Шарқӣ рафтаанд.

Дар байни давлатҳои рӯ ба тараққии қисми аксарияташ ба балансі миграциияи манфӣ молик ҳам ҷараёнҳои пурзӯри миграционӣ ба вуҷуд омадааст. Аз он ҷумла ба миқдори зиёд мигрантҳои хориҷиро мамлакатҳои араби соҳили гулӯгоҳи Форс, хусусан, Арабистони Саудӣ, АМА, инчунин Корея, Сингапур, Малайзия, барин давлатҳои саноатгардониаш нав ҷалб мекунанд. Ба ин давлатҳо аз Ҳиндустон, Покистон, Бангладеш, Яман, Индо-



***Расми 9.*** Самтҳои асосии миграцияи байналхалқии аҳолӣ.

незия, Ветнам, Миср барин мамлакатҳои Осиё ва Африқо миллионҳо нафар иммигрантҳо рафта, меҳнат мекунанд.

Дар қитъаҳои Америкаи Лотинӣ, Осиё ва Африқо дар байни давлатҳои ҳамсоя на фақат ба омилҳои иқтисодӣ, балки сиёсӣ, экологӣ, этникӣ вобаста аз ҷиҳати миқдор зиёд, лекин домани ҳудудиаш аз нуқтаи назари доираи ҳудуд ҷараёнҳои миграционии локалӣ (маҳаллӣ) ҳам рӯй медиҳад. Масалан, аз Сурия ба Туркия, аз Афғонистон ба Эрон, аз Уганда ба Кения миллионҳо нафар мекӯчанд. Ҷараёнҳои калони миграция дар ҳудуди ИДМ ҳам мавҷуд буда, бисёр вақт ба Руссия нигаронда шудааст.Ба миграцияи байналхалқии аҳолии замони кунунӣ як қатор хусусиятҳо ва ҷиҳатҳои муаммовӣ хос аст. Миграцияи берунӣ дар баъзе ҳолатҳо, хусусан дар давлатҳои мутараққӣ ва давраи гузаришро аз сар гузаронда ба зиёдшавии умумии аҳолӣ нақшӣ калон мебозад. Аммо ҷараёни миграцияи байналхалқӣ, ки ба маркази иммиграция табдил ёфтааст, ба таркибу ҳаракати аҳолии давлатҳо, гуногунхелии этникӣ ва конфессионалии (динӣ) ҷамъиятӣ, муносибатҳои байнимиллӣ ва байнидинӣ ба дараҷаи назаррас таъсир мерасонад.

Баробари ин солҳои охир дар дунё миграциияи маҷбурии аҳолӣ пурзӯр мегардад. Ба сифати оташдони ин маҷроҳои миграционӣ Сурия, Ироқ, Фаластин, Ливия, Афғонистон ва дигар давлатҳоро ба таври алоҳида ҷудо кардан мумкин аст, ки вазъияти ҳарбӣ-сиёсӣ душвор ва ба табақаи васеи аҳолӣ хавфнок ба ҳисоб меравад.

Боз як ҷиҳати муҳими миграцияи замонавӣ аз ҳамин иборат аст, ки таркиби сифатии миграцияи байналхалқӣ (масалан, аз нуқтаи назари таълимӣ) тағйир мeёбад, ба маҷрои миграцияи байни давлатҳо иштироки мутахассисони баландмалака фаъолтар мегардад. Вазъияти мазкур барои давлатҳои мутараққие, ки марказҳои иммиграционӣ ба ҳисоб меравaнд, аҳамияти мусбӣ касб менамояд.

Миграцияи аҳолӣ, миграцияи берунӣ ва дохилӣ, сабабҳои миграция, маҷроҳои миграционӣ, маркази иммиграция, қӯраи эмиграция.

1. Миграцияи аҳолӣ аз рӯйи чӣ гуна мезонҳо ба кадом намудҳо тақсим мегардад?
2. Маҷрои миграцияи аз ҳама калони байналхалқӣ дар кадом давлатҳо мавҷуданд?
3. Дар кадом ҳолат нисбат ба миграцияи хориҷии давлатӣ бо мақсади онро ба равияи маълум тағйир додан ё ба тартиб овардан ё сиёсати махсусро пеш бурдан лозим гуфта фикр мекунед? Дар ин бора фикрҳои худро баён созед.



# БОБИ VI. МАНЗАРАИ ГЕОСИЁСИИ ДУНЁ ВА МУАММОҲОИ ГЛОБАЛӢ

## § 20. Низоми геосиёсии дунё ва шаклҳои он

Мафҳуми «геосиёсат» ба фан бори аввал аз тарафи олими швед Рудолф Челлен дароварда шуда бошад ҳам, дар манбаъҳо оиди фан ба сифати «падар»-и фан номи олими немис Фридрих Ратсел қайд мегардад. Ба ривоҷи фан география, сиёсатшиносӣ, таърих, этнография, сотсиология барин фанҳо аҳамияти калон доранд. Объекти фан сохти геосиёсии дунё ва мафҳуми тарғиботи дунёвии байналхалқӣ фаҳмида шавад таҳлили ривоҷи воқеаҳои

дар худ инъикоскунандаи, ҷараёнҳои иҷтимоӣ-сиёсии дараҷааш гуногуни дар ҷамъият содиршаванда, пайдоиш, ҳаракатнокӣ ва тағйирёбии онҳо предмети онро ташкил медиҳад.

Фанни геосиёсат, асосан дар зери таъсири се самти илмӣ ривоҷ ёфтааст. Тарафдорони самти сивилизатсионӣ таърихи инсониятро давлатҳо ё ки империяҳои калон не, балки ҷамоаҳои гуногуни маданӣ-динӣ, сивилизатсия (тамаддун) ривоҷ медиҳад гуфта фикр мекунанд. Н.Й.Данилевский, К.Н.Леонтев, П.Н.Савитский, А.Н.Гумилёв, А.Тёнби, С.Хантингтон баринҳо ба ривоҷи ғояҳои ин ҷараён ҳиссаи калон гузоштаанд. Профессори Донишгоҳи Гарвард С.Хантингтон дар китоби худ «Бархӯрди тамаддунҳо», ки соли 1993 чоп кардааст, таъкид мекунад, ки ба сифати маркази бархӯрдҳои мунозираноки асосии асри XXI иқтисод ё мафкура не, балки ҳудудҳои марзҳои тамаддунашон буридашуда ба ҳисоб меравaнд.

Тарафдорони ҷараёни ҳарбӣ-стратегӣ Н.Макиавелли, Кфон Клаузес, Х.И.Молтке, А.Мехен, Д.А.Милютин баринҳо фикри таърихи давлатҳои соҳили баҳр дар зери таъсири омилҳое мисли мавқеи географӣ, дарозии хатҳои сарҳадии соҳил, намои он, миқдори аҳолии истиқоматкунанда ва хусусиятҳои ба онҳо хос ташаккул ёфтанашро баён сохтаанд. Ғояҳои вакилони ҷараёни мазкур дар ҳолати умумӣ барои дар саҳнаи сиёсии ҷаҳон ба пешбарӣ расидани давлатҳои назди баҳрӣ нисбат ба давлатҳои континентал (дохили хушкӣ) аз зарурати амалишавӣ, самти ҳаракатро нишон додан иборат аст.

**Детерминизми географӣ** дар геосиёсат самти аз ҳама қадимаи мавҷуда ба ҳисоб меравад. Тарафдорони ғояи мазкур муҳити табиӣ (иқлим, хок, дарё, баҳр ва ғайра) ба таърихи ҷаҳон ва инчунин ба тарзи ҳаёти инсон таъсир мерасонад гуфта фикр мекунанд. Фикрҳои мазкур аз тарафи олимони қадимии дунё аз қабили Геродот, Гиппократ, Полибий, Аристотел ташаккул ёфта, баъдтар дар ривоҷи он Ҷ.Баден, Ш.Монтеске, А. фон Гумболдт баринҳо хизмати калон кардаанд. Дар байни унсурҳои муҳити табиии аз тарафи онҳо нишондодашуда маҳз иқлим барои ташаккул ёфтани атвори инсон ва дар давлатҳо ба вуҷуд омадани хусусиятҳои сиёсати мавҷуда ба сифати омили асосӣ дониста шудааст.

Аз нуқтаи назари геосиёсат таърихи инсоният аз пайдарҳамии қатъии даврҳои гуногуни геосиёсӣ иборат аст. Дар ташаккулёбии низоми геосиёсии дунё давраҳои Вестфал, Вена, Версал, Потсдам ва Беловеҷ аҳамияти калон доранд. Соли 1648 ба муносибати ба анҷом расидани ҷанги сисола ба имзо расидани Шартномаи Вестфал дар Аврупо барои дар байни ҳамдигар баҳри дар майдони сиёсии ҷаҳон ба мубориза шурӯъ кардани давлатҳои пурқудрати марказонидашуда мисли Испания, Португалия, Голландия, баъдтар Англия, Шветсия ва Фаронса сабабгор шудааст. Марҳалаи мазкур то оғози асри XIX идома ёфтааст.

Моҳҳои сентябри соли 1814-июни соли 1815 инқилоби Франсия рӯй дод ва бо мағлубияти лашкари Наполеон ҳолати сиёсии дар Аврупо ба амал омада дар конгресси Вена омӯхта шудааст ва чораёни мазкур ба оғози даври нави геосиёсии Вена сабабгор шудааст. Азбаски мавқеи сиёсии Руссия, Австро-Венгрия, Британия, Германия, Фаронса ва империяи Усмониён афзуда, дар байни онҳо пурзӯр шудани рақобати сиёсӣ оиди тақсим кардани дунё; охири асри XIX бо суръати баланд аз ҷиҳати иқтисодӣ ривоҷёбии ИМА ва Германия; дар натиҷаи аз ҷиҳати сиёсӣ якҷояшавии Германия, Австро-Венгрия ва Итолиё ба вуҷуд омадани Иттиҳоди сегона; ба Иттифоқи Антанта муттаҳидшавии Фаронса, Англия ва Руссия; дар байни ду иттифоқ ба вуҷуд омадани ҷанги якуми ҷаҳон ва дар он мағлуб шудани иттифоқи сегона воқеаҳои муҳими геосиёсии ҳамон давр ба ҳисоб меравад. Рӯзи 28 июни соли 1919 дар шаҳри Версали Фаронса ба муносибати ба анҷом расидани Ҷанги якуми ҷаҳон ба имзо расидани шартнома дар геосиёсат даври Версал оғоз ёфт. Мувофиқи шартнома ба империяи континенталӣ табдил ёфтани Фаронса, ба давлати пурқуввати баҳрӣ мубаддалшавии Англия, ба инқироз дучоршавии Германия, Австро-Венгрия, Руссия ва империяи Усмониён; аз моҳи октябри соли 1917 эътиборан пайдошавии иттифоқи республикаҳои дорои аввалин низоми сотсиалистӣ: дар байни давлатҳои ҷаҳон пурзӯр гардидани мавқеи сиёсӣ ва иқтисодии ИМА; соли 1939 оғозёбии Ҷанги дуюми ҷаҳон воқеаҳои таърихии асосии ба ин давр хос ба ҳисоб меравад.

Соли 1945 дар шаҳри Потсдами Германия ба муносибати ба анҷом расидани Ҷанги дуюми ҷаҳон баробари ба имзо расидани

шартномаи Потсдам даври чоруми геосиёсӣ оғоз ёфт. Дар дунё ба вуҷуд омадани ҳолати биополяр (дуқутби) боиси собиқ иттифоқ ва тарафдорони он ба давлати континентал, ИМА ва тарафдорони он бошад, ба давлатҳои қудратноки баҳрӣ табдил ёфтанаш; байни ду блоки қудратнок хавфи ҷанги сарди ядроӣ ба вуҷуд омадан дар даври мазкур ҷараёни асосии сиёсӣ ба ҳисоб меравад. 8 декабри соли 1991 дар мамнӯъгоҳи Беловеҷ Пушчи Белорус ба муносибати расман барҳамхӯрии СССР (ИҶШС) ба имзо расидани шартномаи Беловеҷ дар даври кунунӣ ба оғозёбии марҳалаи геосиёсии охирин сабабгор гардид. Ба ҷойи он пайдошавии 12-то давлати мустақил ва муттаҳидшавии онҳо дар таркиби ИДМ; дар ҷаҳон вожгуншавии сохти сотсиалистӣ; дар як қатор давлатҳои Аврупо (РФГ, Югославия, Чехославакия) рӯй додани тағйиротҳои сиёсӣ; пурзӯр гардидани мавқеи блоки ҳарбии НАТО баринҳо тағйиротҳои ба худ хоси асосии давр ба ҳисоб мераванд. Чуноне ки зикр намудем, ин давр ҳанӯз ба поёни худ нарасидааст.

Геосиёсат, муносибати геосиёсӣ, муносибати тамаддунӣ, муносибати ҳарбӣ-стратегӣ, детерминизми географӣ, категорияҳои геосиёсӣ, назорат аз болои макон, даврҳои Вестфал, Вена, Потсдам ва Беловеҷ.

1. Фанни геосиёсат бо кадом ҷиҳатҳояш аз дигар фанҳои географӣ фарқ мекунад?
2. Фикри Рудолф Челлен: «Геосиёсат – ин ба сифати организми географӣ давлатҳои мавҷударо меомӯзад»-ро чӣ тавр эзоҳ медиҳед?
3. Аз маълумотҳои мавзӯъ истифода бурда, дар даври Беловеҷ дар минтақаи ҷаҳон ба амал омадани тағйиротҳои сиёсиро дар ҷадвали поёнӣ ифода созед.

| № | Минтақаҳо | Воқеияти асосии геосиёсӣ |
|---|---|---|
| | | |
| | | |

## § 21. Вазъияти географии замонавии ҷаҳонӣ. Иттиҳодияи интегратсионии давлатҳо

Тақсимшавии собиқ Иттифоқ, ки дар саҳнаи сиёсии ҷаҳон қудрати давлатҳои континенталиро намоиш дода, барои ба вуҷуд омадани бисёр тағйиротҳои сиёсӣ сабабгор гардид. Аз даврҳои

қадима боз дар дунёи дуқутба, яъне дунёи биполяр дар фурсати кӯтоҳ як қатор марказҳои геосиёсӣ ташаккул ёфта.

Маълум аст, ки Аврупо дар байни минтақаҳои ҷаҳон ҷараёнҳои сиёсӣ ва тағйиротҳоро бисёртар аз сар гузарондааст. Шартномаи Потсдам дар даврҳои баъди ҷанг ба аз ҷиҳати сиёсӣ пеш рафтан, рушди иқтисоди ба муносибатҳои капиталистӣ асоснокшудаи Аврупои Ғарбӣ бо ёрии давлатҳои ИМА, Британияи Кабир ва Фаронса сабаб гардид. Ривоҷи сиёсӣ, иқтисодиву иҷтимоии давлатҳои Аврупои Шарқӣ бошад, дар зери таъсири давлати собиқ Иттифоқ ба амал омада, дар ин ҷо сохти сотсиалистӣ ба мафкураи асосӣ табдил ёфтааст.

Баъди бартараф гардидани талафоти ҷанг, давлатҳои асосии ин субминтақа дар ҳамкорӣ бо мақсади тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ муваффақ гардидан, дар ҳудудҳои ғарбӣ пешгирии густариши сохти сотсиалистии дар давлатҳои шарқӣ ба вуҷудомада  баъдтар раёсати интегратсионии дар ҷаҳон аз ҳама пурқувват эътирофгардида Иттиҳоди Аврупо ташкил ёфт.

Оқибатҳои манфии инқирози молиявӣ-иқтисодии соли 2008 рӯйдода ба иқтисодиёти давлатҳои Аврупо ҳоло ҳам ҳис карда мешавад. Дар натиҷаи нооромиҳои гуногуни сиёсӣ дар давлатҳои Африқо ва Шарқи Наздик ба ҳудудҳои минтақа ба миқдори зиёд дохил гардидани мигрантҳо барои як қатор муаммоҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодиро ба вуҷуд овардан сабабгор мешаванд. Баробари тоифаҳои гуногуни мигрантҳо дар Аврупо ғояҳои мухталиф, маданияти гуногун ва урфу одатҳо ҳам ворид мегарданд. Он дар навбати худ дар байни мигрантҳо ва аҳолии таҳҷоӣ зиддиятҳои гуногунро ба вуҷуд меоварад.

Соли 1776-ум мустамликаи Англия дар Амрико мустақилияти сиёсии худро эълон намуд. Асосан дар ҳудуди ИМА-и замонавӣ, ки штатҳои ғолибиқисми шимолӣ-шарқӣ ва шарқиро дар бар мегирад, ба мақсади васеъ гардондани ҳудуд як қисми заминҳо харида (масалан, аз Фаронса Луизиана, аз Руссия Аляска) ва аз штатҳои марказӣ як қисмаш дар натиҷаи набардҳо бо давлатҳои Испания ва Мексика кашида гирифта шудаанд. Аз охири асри XIX эътиборан сараввал бо самти меридиналӣ тамоми қитъаи Амрико, баъдтар бошад, идоракунии ҳудудҳои Аврупо, Осиё, Африқо, Австралия, инчунин Океанияро ба оҳистагӣ ба даст

овард. Дар даври ҳозира ИМА дар атрофи рақибҳои асосии худ – Руссия, Чин, Германия, Эрон, давлатҳои Араб, ки ба дини ислом эътиқод мекунанд, нуктаҳои такягоҳии геосиёсии худро ташаккул дода, имконияти ба ҳудудҳои саросари соҳилҳо баромадани онҳоро то қадри имкон барои маҳдуд сохтан ҳаракат мекунад. Ба воситаи он дунёи яккутбаро ташаккул дода, назорати минтақаи саросари дунёро барои ба даст гирифтан мекӯшад.

Порашавии ИҶШС (СССР) дар назди Россия, ки давлати аз ҳама қудратнок ҳисобида мешавад, аз як тараф ҳал кардани масъалаҳои дохилии иҷтимоиву иқтисодӣ, аз тарафи дуюм вазифаи мураккаби барқарор кардани мавқеи сиёсии ҷаҳонро аз нав кӯндаланг гузошт. Россия барои ҳалли муаммоҳои худ бахри вақти заруриро аз даст надодан, сараввал дар ҳудуди ИДМ аз нигоҳ доштани сулҳу амонӣ манфиатдор аст. Баробари ин давлатҳои ба зери таъсири Ғарб мондаи ИДМ-ро барои дар доираи таъсири худ нигоҳ доштан ҳам ҳаракат менамояд.

Омилҳои дохилии дарои хусусияти иҷтимоиву иқтисодии аз сохти собиқ шӯравӣ боқимонда, ба ҷониби шарқ васеъшавии ҳудуди НАТО, ки барои танг кардани доираи таъсири Руссия нигаронда шудааст, ҳаракати гурӯҳҳои террористии байналхалқӣ ва ғайраҳо, ки ба хоҳиш додани мавқеи геосиёсии Руссия роҳандозӣ шудааст, ба сифати омилҳои хориҷӣ барои ба яке аз марказҳои геосиёсии ҷаҳон табдил ёфтани он монеа мегарданд.

Дар Хитой, ки яке аз марказҳои мадании қадимии ҷаҳон ба ҳисоб меравад, соли 1910 барҳамёбии низоми монархия дар минтақаи Осиёи Шарқӣ ба тағйирёбии калони минтақа сабабгор мешавад. Соли 1949 ҳизби коммунистии нобасомониҳои сиёсиро бо кӯмаки СССР ҳалкарда дар ин ҷо барои ба роҳ мондани низоми сотсиалистӣ муваффақ шуд. Геосиёсати Чини имрӯза ба ривоҷи собитқадамонаи иқтисодии давлат, аз иқтисодиёти нақшавии сотсиалистӣ ба муносибатҳои бозаргонии озод гузаштан нигаронда шудааст. Бинобар консепсияи аз тарафи роҳбари Хитой (солҳои 1976–1989) Ден Сяопин кор карда шуда, дар Хитой ислоҳотҳо оид ба иқтисодиёт ва озодгардонии ҷамъият марҳала ба марҳала ба рӯйи об бароварда мешавад. Дар фурсати кӯтоҳ дар иқтисодиёт натиҷаҳои мусбӣ ба даст омаданд. Онро бинобар нишондаҳандаи умумии МЯМ-и Хитой дар ҷаҳон дар ҷойи аввалро ишғол кардани

он низ дидан мумкин. Мувофиқи маълумотҳои соли 2016 қариб 17,8 фоизи МЯМ умумии ҷаҳон маҳз ба ҳиссаи ин давлат рост меояд. Табиист, ки Чин қудрати иқтисодии худро афзун гардонда, дар ҷаҳон барои доираи таъсири геосиёсии худро васеъ гардондан ҳам мекӯшад. Он дар навбати аввал алоқаҳоро бо ҳамсояҳои наздик, давлатҳои дорои имконияти захираҳои калони табиӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мустаҳкам месозад. Маълум аст, ки давлатҳои Шарқи Наздик ба мавқеи ниҳоят қулайи геосиёсӣ соҳибанд. Минтақае, ки дар чорраҳаи се қитъа – Аврупо, Осиё ва Африқо ҷойгир аст, ба шавқу завқи геосиёсии бисёр давлатҳои калон сабаб мегардад. Солҳои охир дар ин ҷо захираҳои калони ресурсҳои энергия дарёфтшуда, ба боз ҳам ба он афзудани шавқу завқ сабаб мегардад. Баробари ин ҳудуди мазкур яке аз минтақаи ноороми ҷаҳон ба ҳисоб меравад.

29 ноябри соли 1947 мувофиқи нақшае, ки СММ таклиф намудааст, дар ҳудуди Фаластин ташкил додани давлатҳои яҳудӣ ва араб ба назар гирифта шуда буд. 14 майи соли 1948 дар ин ҳудуд ташкил ёфтани давлати Исроил, ки ба дини яҳудӣ эътибор менигаронад, боиси норозигии давлатҳои араб гардид.

Ба ғайр аз ин солҳои охир дар минтақаи ҳудуде, ки мутаалиқи Сурия аст, ташкил ёфтани намуди давлатдории аз ҷониби гурӯҳҳои радикалии исломӣ ҷойгиршуда, ба муқобили онҳо сараввал лашкари Сурия, баъд Россия, ИМА, як қатор қӯшунҳои муттаҳиди давлатҳои Аврупо мубориза бурда, вазъияти геосиёсии минтақавиро боз ҳам бад гардонд. Дар ҳудудҳое, ки амалиётҳои ҳарбӣ мегузаранд, ба манзили зисти худро тарк намудани аҳолӣ яксон шудани объектҳои мавҷудаи иқтисодӣ сабабгор гардид.

**Иттиҳодияҳои интегратсионии давлатҳо.** Дар иқтисодиёти ҷаҳон ба вуҷуд омадани ҷараёнҳои глобалӣ ба ташаккули интегратсияи иқтисодӣ сабабгор шудааст. Маълум аст, ки интегратсияи иқтисодӣ дар асоси сиёсати ризомандии байнидавлатӣ дар байни онҳо ба ривоҷи муносибатҳои иқтисодии дарозмуҳлат ва барқарор асос гузошт. Миқдори давлатҳои аъзои Иттиҳоди Аврупо (ИА) дар байни гурӯҳҳои минтақавии интегратсионӣ ба дар иқтисодиёти ҷаҳон мавқеи муҳимро ишғол кардани онҳо ҷудо шуда меистад. Ташаккулёбии он соли 1951 бо ташкилёбии иттиҳодияи истеҳсолгарони ангишт ва оҳан вобаста аст. Дар иттиҳодияи мазкур давлатҳои Германия, Фаронса, Италиё, Белгия,

Нидерландия ва Люксембург аъзо мебошанд. Соли 1957 давлатҳои мазкур аз рӯйи ҳамкории иқтисодӣ ва энергияи атоми Аврупо бинобар ташкили ҳамҷамъияти Аврупо шартнома имзо карданд. Соли 1967 се ташкилоти дар боло номбаршуда якҷоя шуда, ба ташкилкардани Иттиҳоди Аврупо асос гузоштанд. Соли 1973 Британияи Кабир, Дания, Ирландия, соли 1981 Гретсия, соли 1986 Испания, Португалия, соли 1995 Автсрия, Шветсия, Финляндия, соли 2004 Полша, Чехия, Венгрия, Словакия, Словения, Литва, Латвия, Эстония, Кипр, Малта, соли 2007 Руминия, Булғория, соли 2013 Хорватия барин давлатҳо ба ташкилоти мазкур аъзо шуданд. Соли 2016 давлати Британияи Кабир мувофиқи натиҷаҳои раъйпурсӣ аз таркиби Иттиҳоди Аврупо баромад.

Ба Иттиҳоди давлатҳои мустақил (ИДМ) 8 декабри соли 1991 асос гузошта шуда, фаъолтияти худро 21 декабри ҳамон сол ба роҳ мондааст. Бинобар низоми иттиҳод давлатҳои аъзои он дар ҳамкорӣ таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, назорат намудани сиёсати берунии давлатҳо, ҳамкории иқтисодӣ, ривоҷи нақлиёт ва низоми алоқа, масъалаҳои иҷтимоӣ ва сиёсати миграционӣ, ҳифзи саломатии инсон, табиат, мубориза ба муқобили ҷинояткориро муташакилона ҳал карданашон лозим. Ҳоло Республикаҳои Федератсияи Руссия, Белорус, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Молдова, Озарбойҷон, Арманистон аъзои ташкилот ба ҳисоб меравнд.Туркманистон бошад, ба мақоми давлати ассотсияшуда соҳиб аст. Баробари ин Муғулистон, Афғонистон ба сифати назоратчӣ дар ҷамъомадҳои гуногундараҷа иштирок менамоянд.




***Расми 9.*** ТҲШ дар харитаи дунё.

Ташкилёбии Созмони ҳамкории Шанхай (ТҲШ) бо имзогузории ризомандии Қазоқистон, Қирғизистон, Руссия, РХХ ва Тоҷикистон бинобар ҳамкорӣ дар соҳаи ҳарбӣ, ки 26 апрели соли 1996 дар шаҳри Шанхайи Хитой баргузор шуд, вобастааст. Ташкилоти мазкур, ки

аввал «Панҷгонаи Шанхай» ном дошт, соли 2001 декларатсияро бо номи ҳозираи расмӣ баъди ба аъзогӣ қабул кардани Ӯзбекистон эълон намуд. Соли 2017 Ҳиндустон ва Покистон ба аъзои баробарҳуқуқи ин ташкилот табдил ёфтанд. Баробари ин 6-то давлати ҳамкори мулоқотӣ ва 2-то давлати номзад ҳам иштирок менамояд (расми 6). Дар байни давлатҳо боварӣ, дӯстӣ ва ҳамсоягии хубро таъмин сохтан, дар минтақа нигоҳ доштани сулҳу салоҳ, масъалаҳои бехавфиро дар ҳамкории байниҳамдигарӣ ҳал кардан, ба муқобили терроризм ва экстремизм якҷоя ҳаракат намудан, ба муқобили фурӯши силоҳ, воситаҳои нашъамандӣ, ҳамчунин миграцияи ғайриқонунӣ мубориза бурдан, доир ба масъалаҳои иқтисодӣ ҳамкории байниҳамдигариро ривоҷ додан барин масъалаҳо мақсади ташкилот ба ҳисоб меравад.

Вазъияти геосиёсӣ, низоми сотсиалистӣ, низоми капиталистӣ, давлати буфер, минтақаи нооором, мавқеи геосиёсӣ, шавқу завқи геосиёсӣ, интегратсияи иқтисодӣ.

1. Ӯзбекистон дар таркиби кадом иттиҳодияҳои интегратсионӣ фаъолият пеш мебарад?
2. Номи иттиҳодияҳои интегратсиониеро ба дафтаратон нависед, ки дар иқтисодиёти ҷаҳон дорои аҳамияти калон мебошанд.

## § 22. Муаммоҳои глобалии инсоният

Дар даври инқилоби саноат ва фанну техника ривоҷи иҷтимоиву иқтисодии инсоният қатъан тағйир ёфт. Дар натиҷаи ин тағйиротҳо як қатор муаммоҳои дорои аҳамияти умда, доираи таъсираш ҳамҷамъияти ҷаҳониро фарогиранда, тараққиёти иҷтимоии ояндаи инсониятро муайянкунанда ба вуҷуд омад. Муаммоҳои мазкур муаммоҳои глобалӣ (умумибашарӣ)-и инсоният номида, шуда, дар роҳи ҳаллу фасли онҳо ҷамъ шудани имконияту ҳаракатҳои ҳамаи давлатҳо мувофиқи мақсад аст.

Сабабҳои ба вуҷуд омадани муаммоҳои глобалӣ ва шиддатнок гардидани онҳо аз миқдори аҳолии ҷаҳон дар фурсати кӯтоҳ якчанд маротиба тағйир ёфта, бо суръати баланд ривоҷ ёфтани саноат ва дигар соҳаҳои истеҳсолот, вайроншавии мувозинати муҳити табиӣ дар зери таъсири фаъолияти хоҷагидории инсон, ба туфайли мустаҳкамшавии алоқаҳои иқтисодии байналхалқӣ дар хоҷагидории ҷаҳон ба сифати низоми глобалии ягона ташаккул ёфтан, инқилоби илму техника, оқибатҳои манфии технологияҳои

ахбору коммуникатсионӣ, дар байни давлатҳо ва қувваҳои сиёсӣ пурзӯршавии зиддиятҳо иборат аст. Ба ҷумлаи муаммоҳои глобалӣ, одатан инҳо медароянд: муаммоҳои нигаҳдории тандурустӣ ва таъмини бехавфии ҷаҳон; муаммои экологӣ; муаммои қафомонӣ ва қашшоқии иҷтимоӣ-иқтисодии давлатҳои ривоҷёбанда; муаммои демографӣ (бо суръати баланд зиёдшавиву ривоҷи аҳолии мамлакатҳои ривоҷёбанда ва инқирози демографӣ дар мамлакатҳои мутараққӣ); муаммои хӯрокворӣ; муаммои энергетика; муаммои захираҳои ашёи хом; муаммои оқилона истифода бурдани уқёнуси дунёӣ; муаммои муносибатҳои байнимиллӣ ва байнидинӣ; муаммои мубориза ба муқобили маризиҳои хуну дил, бемориҳои онкологӣ ва СПИД. Ба ғайр аз ин, боз як гурӯҳ муаммоҳо дар адабиётҳо ба тоифаи муаммоҳои глобалӣ дохил карда шудаанд.

Муаммоҳои умумибашарии инсоният ба ҳамдигар узван пайваст аст, як муаммо ба шиддатнокшавии дигараш оварда мерасонад. Пас, ба як муаммо эътибор надода, ҳаллу фасли муаммои дигар имкон надорад. Масалан, дар байни муаммоҳои демографӣ ва хӯрокворихии мамлакатҳои ривоҷёбанда алоқамандии маълум мавҷуд аст, чунки бо суръати баланд зиёдшавии аҳолӣ норасоии маҳсулоти озуқавӣ ва гуруснагиро шиддатнок мегардонад. Муаммоҳои энергетикӣ ва экологӣ ҳам бевосита ба ҳамдигар алоқадор ба ҳисоб меравaнд. Чунончӣ, ҷустуҷӯи манбаъҳои нави энергия ва ҷорӣ намудани онҳо ба истеҳсолот ба сифати муҳити атроф ҳам ба дараҷаи маълум таъсир мерасонад.

Дар байни муаммоҳои умумибашарӣ муаммои нигоҳ доштани сулҳу салоҳ ва беяроқсозӣ ба аҳамияти ниҳоят калони универсалӣ молик аст. Чунки ин муаммо ҳаллу фасл нагардад, дар рӯйи Замин ба аҳволи ночор афтондани оияндаи ҳаёт ва тамаддун муқаррар аст. Дар таърихи инсоният аз рӯйи баъзе маълумотҳо ҷамъ аз 14 ҳазор зиёд ҷангҳо рӯй додааст ва афсӯс, ки моҷарои ҳарбӣ ва ихтилофҳо дар ҳудудҳои гуногуни сайёраҳо то ҳол рӯй медиҳанд. Лекин муаммои мазкур дар дараҷаи глобалӣ дар доираи ду ҷанги ҷаҳонӣ, ки дар асри XX шиддатнок гардид, аз 70 миллион нафар зиёд одамонро қурбон кард.

Баъди ҷанг бошад, давлатҳои сохташон капиталистӣ ва сотсиалистӣ алалхусус байни ИМА ва Иттифоқи Шӯравӣ дар шароити

муқовимати пурзӯр «мусобиқаи яроқнокшавӣ» шиддатнок гардид. Ҳоло ИМА, Федератсияи Руссия, Британияи Кабир, Франсия, Хитой, Ҳиндустон ва Покистон давлатҳое мебошанд, ки расман соҳиби яроқи ядроӣ буданашон эътироф гардидааст, инчунин, РХДК ҳам ҳарчанд мақоми соҳиби силоҳи ядроӣ буданаш расман эътироф нагардида аст, аммо ин гуна силоҳ доштанаш ба ҳамагон маълум аст.

Дар минтақаҳои гуногуни дунё ҷанг ва бардхӯрдҳои ҳарбӣ содир мегарданд. Ба туфайли ҳаракатҳои ҳарбӣ ва набардҳои шаҳрвандӣ баъзе давлатҳо ба вазъияти фалокати гуманитарӣ омада расиданд. Ба он Сурия, Ироқ, Ливия, Сомалӣ, Афғонистон, Судани ҷанубӣ ва дигар давлатҳоро мисол овардан мумкин аст.

Инчунин ақибмонӣ ва қашшоқии иҷтимоиву иқтисодии мамлакатҳои сустривоҷёбанда ҳам муаммои муҳим ба ҳисоб меравад. Ҳоло дар дунё то 1,2 миллиард нафар ба гуруснагӣ дучор меоянд. Умрбинии беш аз 1,7 миллиард нафар аҳолӣ ба 60 сол намерасад. 1,5 миллиард нафар аҳолӣ аз имконияти истифобарии хизмати тиббӣ маҳрум аст. Аз 1 миллиард нафар зиёд одамон ниҳоят ночор ҳаёт ба сар мебаранд. 200 миллион нафар бача ба таълими мактаб фаро гирифта нашудааст. Дар ҷаҳон беш аз 800 миллион нафар



***Расми 10.*** Аз ҷониби СММ давлатҳои ба рӯихати аз ҳама сустривоҷёбанда дохилшуда (рангаш кабуд) ва давлатҳои аз ин рӯихат солҳои охир берун баромада (рангаш сабз).

одамон бесаводанд, яъне навишта, хонда наметавонанд. Давлатҳои вазъияташон аз ҷиҳати иҷтимоӣ-иқтисодӣ ниҳоят вазнин аз ҷониби СММ ба гурӯҳи мамлакатҳои суст ривоҷёбанда (ниҳоят ночор) дохил карда шудааст. Рӯйхати мазкур даставвал соли 1971 тартиб дода, ба он 24 давлат дохил гардида буд. Мувофиқи ҳолати соли 2014 дар он 48-то давлат қайд гардидааст (расми 11).

Аз онҳо 34-тояш дар Африко, 9-тояш дар Осиё, 4-тояш дар Океания ва 1-тояш дар Амрикои Лотинӣ (Гаити) ҷойгир шудааст. Дар ин тоифа мамлакатҳо беш аз 11 фоизи аҳолии ҷаҳон умр ба сар мебаранд. Ҳоло муаммои хӯрокворӣ дар бисёр мамлакатҳои ривоҷёбанда умда ба ҳисоб меравад. Моҳияти муаммои мазкур аз дар дунё қариб 1,2 миллиард нафар аҳолӣ ба дараҷаи зарурӣ истеъмол накардани ғизо, ё ки бо ин ё ин дараҷа ба гуруснагӣ дучор омадан иборат аст. Муаммои мазкур дар мамлакатҳои Африқо, ки аҳолиаш бо суръати баланд меафзояд, ниҳоят шиддатнок рӯй медиҳад. Аз он ҷумла, дар Сомалӣ, Судони ҷанубӣ, Чад ва дигар мамлакатҳо гуруснагӣ ба дараҷаи фалокати умумимиллии гуманитарӣ расид. Инчунин дар Осиёи ҷанубӣ ва ҷанубӣ-шарқӣ, дар баъзе мамлакатҳои Амрикои Лотинӣ якчанд миллион нафар дар шароити гуруснагӣ мезиянд.

Муаммои энергетика ҳам яке аз муаммоҳои умдаи умумибашарӣ буда, моҳияти он бо мувофиқ омаданаш ба манбаи энергия, ки қисми зиёди баланси энергетикаи ҷаҳонӣ ба охир мерасад, тавсиф дода мешавад. Яъне, захираҳои сӯзишвории минералӣ (нефт, гази табиӣ, ангишт, сланес, торф) кам шуда, ё ки бисёр зиёд шудани арзиши аслии истихроҷи он, муаммои вобаста ба тафовути байни эҳтиёҷи аҳолӣ ва истеҳсолотро нисбати энергия ба вуҷуд овард. Роҳи ҳалли ин муаммо, ба фикри бисёр мутахассисон, асосан ба ду самти ҳаракатҳо вобаста аст: дар амал васеъ ҷорӣ кардани технологияҳои сарфакунандаи энергия, инчунин ба истифодабарӣ аз энергияи офтоб, шамол, гардишҳо, энергияи геотермалӣ, биосӯзишворӣ барин манбаъҳои энергияи ноанъанавӣ (муқобил) зина ба зина гузаштан.

Муаммоҳои умумибашарии инсоният, муаммои нигоҳ доштани сулҳу салоҳ ва пешгирии яроқнокшавӣ, муаммои хӯрокворӣ, муаммои энергетикӣ.

1. Ҷиҳатҳои ба худ хоси муаммоҳои умумибашарӣ аз чиҳо иборат аст?
2. Муаммоҳои умумибашарӣ ба кадом гурӯҳҳо тақсим мегардад?

# БОБИ VII. СУБМИНТАҚАҲОИ АВРУПО ВА АМРИКО

## § 23. Субминтақаҳои Аврупо




***Расми 112.*** Субминтақаи Аврупо (мувофиқи таснифи Иттиҳоди Аврупо) .

Аврупо қитъаест, ки қисми Ғарбии Авруосиёро ишғол намудааст. Майдони ҳудуди Аврупо ба 10 млн. км² баробар. Аз он 4,1 млн км² ба қисми Руссияи дар Аврупо ҷойгиршуда рост меояд. Дар харитаи сиёсии Аврупо 44 давлати мустақил (якҷоя бо Руссия) ҷойгир аст. Ба ғайр аз он давлатҳои Туркия ва Қазоқистон ҳам қисман дар Аврупо ҷойгиранд, аммо дар омори байналхалқӣ ба таркиби қитъаи Осиё дохил карда шудаанд. Давлатҳои Аврупо одатан ба 4 субминтақаи калон тақсим мегарданд. Аврупои Шимолӣ, Ғарбӣ, Ҷанубӣ ва Шарқӣ (расми 12). **Давлатҳои Аврупои Шимолӣ.** Ба таркиби ин субминтақа Уқёнуси яхбастаи шимолӣ, инчунин 8-то давлате медароянд, ки ба баҳрҳои Шимолӣ ва Балтика, уқёнуси Анлантика ҳамҷаворанд. Давлатҳои мазкур одатан ба 2 гурӯҳи таърихӣ-географӣ тақсим мегарданд: давлатҳои Скандинавия, Норвегия, Дания, Финляндия, Испания, инчунин давлатҳои соҳили Балтика, Эстония, Латвия ва Литва. Дар байни ин ду гурӯҳи давлатҳо алоқаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва мадании таърихан ташаккулёфта мавҷуд аст. Дания, Шветсия ва Норвегия монархияи конститутсиявӣ, боқимонда республикаҳои парламентӣ ба ҳисоб мераванд.

Ҷиҳатҳои умумии шароити табиӣ асосан бештар ба мӯътадилии иқлим ва соҳиби характери баҳрӣ будан акси худро меёбад. Фақат ба Исландия, инчунин ҳудудҳои шимолии Норвегия, Шветсия ва Финляндия ба намудҳои иқлими субарктика ва арктика



***Расми 12.*** Стокголм – пойтахти Шветсия

хос. Ба Норвегия ва Исландия релефи кӯҳӣ хос бошад, давлатҳои боқимонда аз масоҳати замин, асосан ҳамвориҳо иборатанд. Аз давлатҳои субминтақа танҳо Исландия аз ҷиҳати тектонӣ дар минтақаи фаъол ҷойгир буда, бо вулкан ва гейзерҳояш дар дунё машҳур аст. Исландия яке аз давлатҳое ба ҳисоб меравад, ки аз захираҳои геомертал васеъ ва оқилона истифода мебарад. Норвегия ва Дания аз қаъри баҳри Шимолӣ гази табиӣ ва нефтро кофта мегиранд, алалхусус аз ин ҷиҳат дар Аврупо яке аз содиркунандаи калони нефт ба ҳисоб меравад. Дар ин бобат салоҳияти Норвегия баланд аст. Энергетикаи Эстония ба сланеси даргиранда асос мекунад ва дар ин бора мамлакати ягона дар дунёст. Дар ин давлат беш аз 90 фоизи электроэнергия аз ин навъи сӯзишворӣ истифода мебараду ИЕС-ҳо истихроҷ менамоянд. Дар бисёр давлатҳои субминтақа соҳаи гидроэнергетика хуб ривоҷ ёфтааст ва дар ин бора Норвегия ва Исландия барин мамлакатҳои кӯҳӣ сару сарваранд. Дар Шветсия маъдани оҳани сифаташ баланд, Эстония бошад, захираи фосфор фаровон мебошад. Инчунин дар давлатҳои субминтақа захираҳои ҷангалзор ҳам мавҷуданд. Вазъияти демографии мамлакатҳои Аврупои Шимолӣ аз ҷиҳати умумӣ ба паст будани нишондиҳандаҳои таваллуд ва фавт тавсиф мегардад. Вале дар Скандинавия ва мамлакатҳои Балтика вазъи демографӣ як хел нест. Дар Литва, Латвия, Эстония муддати дароз камшавии табиии аҳолӣ ва мувозанати манфии мигратсия ба назар мерасад, ки хоси давлатҳои Скандинавия нестанд. Яъне аҳолии ин се давлат баробари сипарӣ шудани вақт кам мегардад. Дар Аврупои Шимолӣ, алахусус давлатҳои Скандинавия зичии аҳолӣ андаке паст буданаш хос мебошад. Урбанизатсия дар тамоми давлатҳо аз 70 фоиз дараҷа боло бошад, дар Исландия, Норвегия, Дания ва Шветсия ин нишондиҳанда аз 90 фоиз ҳам гузашта меравад. Агромератсияи аз ҳама калон дар Аврупои Шимолӣ дар асоси шаҳрҳои пойтахтӣ ба вуҷуд омадааст.

Аз ҷиҳати ривоҷи иҷтимоиву иқтисодӣ давлатҳои Скан-

динавия аз сафи давлатҳои аз ҳама тараққикардаи ҷаҳон ҷойгир аст. Аз рӯйи нишондиҳандаи дараҷаи зиндагӣ мамлакатҳои мазкур дар бисёр рейтингҳои байналхалқӣ сарфҳои аз ҳама баландро ишғол менамоянд. Давлатҳои Балтика бошад, ба сифати мамлакатҳои низоми собиқ сотсиалистӣ давлатҳои дар гузариши иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Лекин дар байни ин давлатҳо Литва, Латвия, алалхусус, Эстония аз рӯйи нишондиҳандаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ба пешқадамӣ расида, бо бисёр ҷиҳаташон ба мамлакатҳои мутараққӣ наздик меравaнд. Дар тақсимоти байналхалқии меҳнат давлатҳои Аврупои Шимолӣ бо ҷангалу саноати селлюлоза – коғаз, саноати маъдангудозии бештар энергияи барқ талабкунанда, мошинасозии серсоҳа (киштисозӣ, автомобилсозӣ, электроника, электротехника ва ғайра), моҳидорӣ, истеҳсоли маҳсулоти чорводории ширу гӯшт, нақлиёти баҳрӣ ва адои хизмати туризм (сайёҳӣ) фаъолона иштирок мекунанд. Ҳамчунин дар давлатҳои Аврупои Шимолӣ туризми таърихӣ-маданӣ ва экологӣ хуб ривоҷ ёфтааст. Ба Финляндия, махсусан дар арафаи иди Рождество (25 декабр) миллионҳо нафар сайёҳон меоянд. Чунки дар ин давлат «қароргоҳи расмӣ»-и Санта Клаус (яъне Бобои Барфӣ) ҷойгир шудааст.

**Давлатҳои Аврупои Ғарбӣ.** Дар ин субминтақа се давлати аз нигоҳи иқтисодӣ ниҳоят пурқуввати қитъа – Германия, Фаронса ва Британияи Кабир, инчунин Австрия, Швейтсария, Белгия, Нидерландия, Исландия, ба сафи давлатҳои «хурд» мансуб Лихтенштейн ва Монако барин мамлакатҳо дохил мегарданд. Австрия, Швейтсария ва Лихтенштейн, ки дар кӯҳҳои Алп ҷойгиранд, гурӯҳи мамлакатҳои Алпро ташкил медиҳанд. Дар давлатҳои Белгия, Нидерландия ва Люксембург нисбатан бошад, ҷараёнҳои интегратсияи иқтисодӣ ба дараҷаи баланд асту онро ба ҳисоб гирифта, номи умумии «Бенилюкс» истифода мегардад.

Шароити иқлими мамлакатҳои субминтақа мӯътадил, иқлими ҷануби Фаронса субтропикист. Аз канданиҳои фойиданок конҳои нефту гази акваторияи баҳри Шимолӣ (Нидерландия, Британияи Кабир), ангишти дағал ва ангиштсанг (Германия, Франсия, Белгия, Британияи Кабир), маъданҳои оҳан (Франсия, Германия, Люксембург, Белгия) ва намакҳои калий (Германия) сазовори диққату эътибор аст. Мамлакатҳои Алп аз захираҳои гидроэнергия бой аст.

Дар мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ нишондиҳандаҳои таваллуд ва зиёдшавии табиӣ ниҳоят паст, дар Германия бошад, солиёни зиёд ҷараёни депопулятсия рӯй медиҳад. Лекин баланси муҳоҷирати беруна барои ба нишондиҳандаи мусбати баланд соҳиб буданаш афзоиши аҳолӣ дар давлатҳои субминтақа идома дорад. Аврупои Ғарбӣ дар дохили давлатҳои субминтақаи қитъа ҳудуди аҳолиаш аз ҳама зич ҷойгиршуда ба ҳисоб меравад. Нишондиҳандаҳои урбанизатсия, ба ғайр аз Лихтенштейн, дар тамоми давлатҳо баланд буда, дар Британияи Кабир, Белгия, Нидерландия, Люксембург аз 90 фоиз зиёд, дар Монако бошад, ба 100 фоиз баробар. Дар Аврупо ва миқёси ҷаҳон Лондон, Париж, Берлин, Гамбург, Брюссел, Амстердам, Сюрих ба доираи таъсири калон соҳиб аст ва онҳо барин дигар шаҳрҳои калон маҳз дар Аврупои Ғарбӣ ҷойгир шуданаш ҳам хусусияти ба худ хоси субминтақа аст.

Тамоми давлатҳои Аврупои Ғарбӣ ба сафи давлатҳои мутараққӣ мансуб буда, дар таркиби ҳудудии хоҷагии ҷаҳон соҳиби ҷойи муҳим аст. Давлатҳои Аврупои Ғарбӣ дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ бо мошинсозии серсоҳа ва саноати кимиё, чорводорӣ ва кишоварзии интенсивӣ, ривоҷёбии бонку молия ва соҳаҳои туризми ба дараҷаи аҳамияти байналхалқӣ алоҳида ҷудо шуда меистад.

**Мамлакатҳои Аврупои Ҷанубӣ.** Дар харитаи сиёсии Аврупои Ҷанубӣ Испания, Португалия, Италия, Гретсия (Юнон) инчунин Андорра, Сан-Марино, Малта ва Ватикан барин давлатҳои «хурд» ҷойгиранд. Давлатҳои мазкур бо мақоми иқтисодӣ-географӣ ва ҷиҳати ривоҷёбии хоҷагӣ дар давоми таърихи дуру дароз аз сабаби бо баҳри Миёназамин вобаста буданашон мамлакатҳои соҳили баҳри Миёназамин гуфта ба забон гирифта мешаванд. Минтақаи мазкур гаҳвораи ҳақиқии тамаддун ва маданияти Аврупо ба ҳисоб мераванд.

Малта давлати хурд буда, дар ҷазираҳои баҳри Миёназамин, давлатҳои боқимонда аз нуқтаи назари мақоми географӣ мамлакатҳои нимаҷазира ба ҳисоб мераванд. Давлатҳои Андорра Сан-Марино, Ватикан дар нимҷазира ҷойгир бошад ҳам, имконияти ба баҳр баромаданро надоранд. Сан-Марино бо Ватикан давлатҳои анклав ба ҳисоб мераванд. Чунки онҳо танҳо бо як давлат, яъне бо Италия ҳамсарҳад буда, батамом бо ҳудуди он иҳота гардидаанд. Аз мамлакатҳои Аврупои Ҷанубӣ Испания ва Андорра аз ҷиҳати

шакли идоравӣ монархияи конститутсиявӣ, давлати Ватикан дар Аврупо монархияи теократии мутлақ ягона (роҳбари давлат – Папаи Рим, ки сарвари калисои Рим-католик ба ҳисоб меравад), боқимонда бошад, республикаанд.

Давлатҳои Аврупои Ҷанубӣ ба туфайли дар минтақаи геосинклиналии баҳри Миёназамин ҷойгиршавиашон аз ҷиҳати сейсмикӣ ҳудуди фаъол ба ҳисоб меравaнд. Аз қадим вулқонҳои дар олам машҳур Етна, Везувий, Стромболи дар ҳамин қисми Аврупо ҷойгир шудааст. Аз канданиҳои фойиданок маъданҳои металлҳои ранга ва захираҳои намакҳои минералӣ мавҷуданд. Иқлими шаклан субтропикии баҳри Миёназамин (тобистонаш гарм, як қадар хушк, зимистонаш мӯътадил ва серборишот) барои кишоварзӣ ва туризм шароити қулайро фароҳам меоварад.

Ба вазъияти демографии Аврупои Ҷанубӣ паст будани зиёдшавии табиӣ ва муҳоҷиратӣ хос мебошад. Дар байни онҳо алалхусус аҳолияш торафт камшудаистодаи давлатҳои Испания, Португалия ва Гретсия алоҳида ҷудо шуда меистад. Дар давлатҳои ривоҷёфтаистода, алахусус, Африқои Шимолӣ бисёр иммигрантҳо кӯчида омаданашон дар айни вақт аз ин ҷо ба мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ фаъол гардидани ҷараёни эмигратсионӣ боқимондаи миграт-сияи субминтақаро хеле паст гардонд, дар давлатҳое, ки дар боло номбар кардем, ба нишондиҳандаҳои манфӣ мефуророад. Релефи Аврупои Ҷанубӣ, асосан ба туфайли аз кӯҳҳо иборат будан аҳолиаш ниҳоят ноҳамвор ҷойгир шуда, асосан дар ҳамвориҳои назди соҳилҳо ва водиҳои дарёҳо маскан пайдо кардаанд.



***Расми 14.*** Венетсия – яке аз шаҳрҳои аз ҳама зебои Италия.

Мамлакатҳои соҳили баҳри Миёназамин нисбати давлатҳои Аврупои Шимолӣ ва Ҷанубӣ нишондиҳандаҳои ривоҷи иҷтимоӣ-иқтисодияшон паст аст. Алалхусус, вазъияти инқирозноки иқтисодиёти Гретсия, Испания ва Португалия дар доираи Иттиҳоди Аврупо ба чашм мерасад. Италия ҳарчанд аъзои гурӯҳи «ҳафтгона» бошад ҳам, ривоҷи иҷтимоиву иқтисодии ҳудудҳои мухталифи мамлакат аз ҳамдигар ҷиддан фарқ мекунанд.

Дар тақсимоти байналхалқии меҳнат: мамлакатҳои Аврупои Ҷанубӣ, нахуст субтропики кишоварзӣ (ангур, меваҳои ситрусӣ, чормағз, зайтун ва ҳоказо) ба туризм ихтисосонида шудааст (расми 14). Субминтақаи мазкур ноҳияи калонтарини дунё оиди низоми баҳрист. Байни соҳаҳои ривоҷдиҳандаи саноатӣ – саноатҳои сабук ва озуқаворӣ аст. Бо тараққиёти автомобилсозӣ ҷудо шуда меистад.

**Давлатҳои Аврупои Шарқӣ.** Ба ин субминтақа баъзе республикаҳои собиқ Иттифоқ, инчунин собиқ мамлакатҳои сотсиалистӣ медароянд, ки дар қитъа ҷойгир шудаанд. Яке аз ҷиҳатҳои муҳими мамлакатҳои мазкур мансуб будан ба блоки давлатҳои иқтисодиёташ дар гузариш аст. Ҳафт давлат Белорус, Чехия, Словакия, Венгрия, Молдова, Сербия, Македония имконияти ба баҳр баромадан надоранд. Булғория, Албания, Македония, Сербия, Босния ва Герсоговина, Хорватия, Черногория барин давлатҳо азбаски дар нимҷазираи Балкан ҷойгиранд, мамлакатҳои Балкан номбар мешаванд.

Дар харитаи сиёсии Аврупои Шарқӣ охири асри гузашта тағйиротҳои ҷиддӣ рӯй дода. Дар натиҷаи пароканда шудани Иттиҳоди Шӯравӣ давлатҳои Руссия, Украина, Белорус ва Молдова созмон ёфтанд. Баъди порчашавии Республикаҳои Федеративии сотсиалистии Югославия паси ҳам Словения, Хорватия, Босния ва Герсоговина, Македония, Черногория, Сербия барин давлатҳо мустақил шуданд. Республикаҳои Чехия ва Словакия аз таркиби давлати Чехословакия ҷудо шудаанд. Тағйироти охирини эътирофгардида соли 2006 парокандашавии федератсияи Сербия ва Черногория аст. Ба истиқлол расидани баъзе давлатҳои нимҷазираи Балкан, зиддиятҳои ҳарбӣ, набардҳои байнимиллӣ ва байнидиниро ба вуҷуд овард. Россия, инчунин Босния ва Гертсеговина аз ҷиҳати сохти давлати ҳуқуқбунёд федеративӣ, дигар давлатҳо бошад, унитариянд.

Ҳудуди субминтақа асосан аз ҳамвории бузурги Аврупои Шарқӣ иборат бошад ҳам, боз қаторкӯҳҳои калон ҳам мавҷуд аст. Кӯҳҳо ҳудуди калони Чехия, Словакия, Руминия, Албания ва собиқ давлатҳои Югославияро ишғол намудаанд. Аз канданиҳои фойиданок захираҳои нафт ва гази табиӣ (Руссия, Руминия), ангиштсангу ангишти дағал (Украина, Руссия, Полша, Чехия, Словакия, Сербия), маъданҳои оҳан (Россия, Украина, Полша), маъданҳои ранга (Алба-



***Расми 15.*** Будапешт – пойтахти Венгрия

ния, Сербия, Босния ва Гертсеговина, Руминия), намакҳои калий (Белорус, Руссия), торф (Белорус, Руссия)-ро алоҳида нишон додан мумкин аст. Дар мамлакатҳои кӯҳсори Аврупои Шарқӣ захираҳои энергияи об бой буда, аз он самаранок истифода мебаранд.

Аҳолӣ дар водии дарёҳо, соҳилҳои баҳр, инчунин ноҳияҳои калони саноатӣ зич ҷойгир шудааст. Дараҷаи урбанизатсия ба ғайр аз Молдова, Босния ва Гертсеговина, инчунин Словакия, аз 50 фоиз зиёд, дар баъзе давлатҳо бошад, аз 70 фоиз ҳам зиёд аст. Лекин ба ҳисоби миёна гирем, нисбати дигар субминтақаҳо дараҷаи шаҳригардии Аврупои Шарқӣ каме пасттар аст. Агромератсияи шаҳри калон дар асоси Москва, Санкт-Петербург, Прага, Киев, Будапешт (расми 15), дар ноҳияҳои саноатии канори Донетск-Днепро ва Силезияи Полша, соҳилҳои канори баҳри Сиёҳи Руссия ва Булғория ташаккул ёфтаанд. Вазъияти демографии солҳои охир дар давлатҳои Аврупои Шарқӣ ташаккулёфта намуди инқирозӣ дошта, дараҷаи таваллуд аз фавт паст буданаш тавсиф меёбад. Барои ҳамин ҳам дар аксар мамлакатҳои Аврупои Шарқӣ микдори аҳолӣ бо суръати баланд паст гардида, ба қатори давлатҳои аҳолиаш торафт пастшаванда шомил аст. Дар таркиби миллии аҳолӣ халқҳои славян сару сарваранд.

Дараҷаи иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакатҳои Аврупои Шарқӣ аз якдигар бештар фарқ мекунад. Гарчи тамоми мамлакатҳои ин ҷо ба сафи давлатҳои иқтисодиёташ гузаранда даровarда шуда бошад ҳам, нишондиҳандаҳои иқтисодии Словения, Чехия, Венгрия, Словакия, Хорватия, Полша барин аксарияти давлатҳо ба зинаи давлатҳои ривоҷёбандаи Аврупо наздик шуда бошад, нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии Албания, Македония, Молдова як қадар паст буда, бисёр вақт дараҷаи мамлакатҳои рӯ ба инкишофро таҷассум мегардонад.

Ихтисосонидани байналхалқии мамлакатҳои Аврупои Шарқӣ асосан бо истеҳсолоти саноати серсоҳа, аз он ҷумла сӯзишвориву энергетика (Руссия, Полша, Чехия, Руминия), металлургияи сиёҳ (Руссия, Украина, Поша, Сербия, Черногория), металлургияи ранга (Сербия, Черногория, Албания), кимиё (Руссия, Украина, Полша), мо-

шинасозӣ (Руссия, Украина, Белорус, Полша, Чехия, Словакия), саноати сабук (Руссия, Полша, Чехия), хӯрокворӣ (Чехия, Украина, Булғория, Сербия, Руминия, Македония, Молдова) муайян карда мешавад. Баъзе давлатҳо ба содироти маҳсулоти кишоварзӣ ва чорводорӣ ҳам шуғл меварзанд (Венгрия, Полша, Сербия, Булғория). Ба бисёр давлатҳо соҳаи туризм ҳам манбаи муҳими даромад ба ҳисоб меравад.

Субминтақаҳои Аврупо, Аврупои Шимолӣ, давлатҳои Скандинавия, давлатҳои Балтика, Аврупои Ғарбӣ, давлатҳои «хурд», Аврупои Ҷанубӣ, Аврупои Шарқӣ, давлатҳои дар гузариши иқтисодӣ.

1. Одатан мамлакатҳои Аврупо чандтоянд ва ба кадом субминтақаҳо ҷудо мешаванд?
2. Дар харитаи сиёсии Аврупои Шарқӣ охири асри гузашта чӣ гуна тағйиротҳо ба амал омаданд? Кадом давлатҳо ба истиқлол мушарраф гардида, набардҳои шаҳрвандиро аз сар гузаронданд?
3. Ба дафтаратон давлатҳои субминтақаи Аврупо дар дохили ҷазира, нимҷазира, соҳили баҳр ва хушкӣ ҷойгиршудаи гурӯҳи мамлакатҳоро ҷудо карда нависед.

## § 24. Амрикои Лотинӣ

Яке аз минтақаҳои бузурги сиёсӣ-географии дунё Амрикои Лотинӣ дар нимкурраи Ғарбии Замин ҷойгир буда, ба ғайр аз давлатҳои ИМА, Канада ва ҷазираи Гренландия қитъаи Амрико дигар ҳамаи мамлакатҳоро дар бар мегирад. Қисми зиёди аҳолиаш азбаски дар асоси забони лотинии қадимӣ бо забони испанӣ ва португалӣ гуфтугӯ мекунад, минтақаи мазкур Амрикои Лотинӣ номбар мегардад.

Ҳоло дар харитаи сиёсии Амрикои Лотинӣ 33 давлати мустақил, инчунин як қатор мустамликаҳо мавҷуд аст. Дар ҳудуди он якчанд минтақаҳои хурд ҳам ҷудо карда мешаванд. Аз он ҷумла, қисми ҷанубии ИМА-и қитъаи Амрикои Шимолӣ ва давлатҳое, ки дар ҷазираҳои баҳри Кариб ҷойгиранд, минтақаи Амрикои Миёна (Мезоамерика)-ро ташкил медиҳанд. Дар байни минтақаи мазкур бо ҳудуд, аҳолӣ ва салоҳияти иқтисодӣ Мексика ҷудо шуда меистад. Ба ғайр аз Мексика дигар давлатҳои Амрикои Миёна аз сабаби бо акваторияи баҳри Кариб, захираҳои табиат ва роҳҳои нақлиётии он узван пайваст буданашон давлатҳои ҳавзаи Кариб

ҳам номида мешаванд. Дар қитъа аз Мексика дар тарафи ҷанубӣ-шарқӣ 7-то давлат (Белиз, Гватемала, Салвадор, Никарагуа, Коста-Рика, Панама) Амрикои Марказӣ номида мешаванд. 13 мамлакати ҷазираи баҳри Кариб дар навбати худ, дар зери унвони Вест-Индия муттаҳид сохта мешавад. Дар қитъаи Амрикаи Ҷанубӣ бошад, 12-то давлати мустақил ва 1-то мустамлика (Гвианаи Фаронса) ҷойгир аст. Дар Амрикои Ҷанубӣ барои ба укёнуси Амрикои Лотинӣ баромадан 2-то давлати ҷойгиршуда имконият надорад. Онҳо Боливия ва Парагвайанд.

Аз ҷиҳати калонии ҳудуд Бразилия (дар байни мамлакатҳои ҷаҳон ҷойи панҷум), Аргентина (ҷойи ҳаштум), Мексика, Перу, Венесуэла ва Колумбия ҷудо шуда меистанд. Дар Вест-Индия ба сафи давлатҳои «хурд» мансуб якчанд давлат ҷойгир аст. Дар аксари давлатҳои Амрикои Лотинӣ шакли идораи республикаи президентӣ ҷорӣ гардидааст. Давлатҳои бузург аз қабили Бразилия, Аргентина, Мексика, Венесуэла, инчунин мамлакати Сент-Китс ва Невис, ки аз 2 ҷазираи хурди баҳри Карибанд, сохти давлати федеративиро моликанд. Давлатҳои боқимонда бошанд, сохти унитариро доранд.

Дар қисми ғарбии Амрикои Лотинӣ кӯҳҳои Кордилйева ва Анд якчанд ҳазор километр тӯл кашидаанд. Ҳудуди давлатҳои Мексика, Амрикои Марказӣ, мамлакатҳои Колумбия, Эквадор, Перу, Боливия, Чилиро асосан ана ҳамин кӯҳҳо ишғол намудаанд. Давлатҳои Венесуэла ва Парагвай ҳам қисман бо кӯҳҳои Анд бananд. Инчунин сатҳи замини мамлакатҳои ҷазираи баҳри Кариб бисёр вакт намуди кӯҳистонро мемонанд. Кӯҳҳои Кордилйери ва Анд ҷазираҳои баҳри Кариб аз ҷиҳати сейсмикӣ ва вулкан дар рӯйи замин ба қатори минтақаҳои фаъол медароянд. Барои ҳамин дар мамлакатҳои кӯҳсори Амрикои Лотинӣ заминларзаҳои пурзӯр дар вакт-вақташ содир мегарданд. Масалан, соли 2010 дар Чили, соли 2012 дар Гватемала, соли 2010 дар Гаити ба амал омадани заминҷунбӣ зарари ҳалокатнок расонд.

Баъзе давлатҳои Амрикои Лотинӣ аз рӯйи канданиҳои гуногуни фойиданок дар миқёси хоҷагии ҷаҳонӣ дорои захираи аҳамиятнок аст. Аз он ҷумла, аз захираҳои нафту газ Венесуэла, Мексика, маъдани оҳан Бразилия, Куба, Венесуэла, маъдани боксит (алюминий) Ямайка, Бразилия, Венесуэла, Гаяна, Суринам, мис Чили, Перу, никел Куба, қалъагӣ, литий ва намакҳои минералӣ Боливия, селитраи (аммиаки)

табиӣ Чили, сангҳои гаронбаҳо Колумбия бой ба ҳисоб мераванд. Азбаски ҳудудаш асосан дар минтақаҳои гарм ҷойгир шудааст, Америкои Лотинӣ аз захираҳои агроиқлим саршор аст, корҳои кишоварзӣ дар ин ҷо тамоми сол давом мекунанд. Лекин дар Америкои Миёна тӯфонҳои тропикӣ тез-тез содир гашта, ба аҳолӣ ва хоҷагӣ зарари калон мерасонад. Азбаски иқлимаш сернам аст, Амрикои Лотинӣ бо об ва захираҳои энергияи обӣ хуб таъмин гардидааст.

Дар давлатҳои Амрикои Лотинӣ дар ҳолати соли 2017 ҷамъ қариб 650 миллион нафар аҳолӣ истиқомат мекунад ва он 8,5 фоизи аҳолии кураи Заминро ташкил медиҳад. Дар асри гузашта афзоиши табиии аҳолии Амрикои Лотинӣ зинаи «таркиши демографӣ»-ро аз сар гузаронда, аҳолии минтақа ва ҳиссаи он дар таркиби аҳолии ҷаҳон бо суръати баланд афзоиш ёфтааст. Ҳоло дар мамлакатҳои Амрикои Лотинӣ дараҷаи таваллуд баробари ба оҳистагӣ паст рафтан, аз рӯйи тавсифи гузариши демографӣ марҳилаи 3-юмро аз сар мегузаронад. Куба, Уругвай ва Аргентина бошанд, ҷараёни гузариши демографиро ба анҷом расонда, бо дараҷаи пасти зиёдшавии аҳолӣ фарқ карда меистанд.

Аз ҷиҳати миқдори аҳолӣ Бразилия (206 млн, соли 2016, дар ҷаҳон ҷойи 5), Мексика (121 млн, соли 2015, дар ҷаҳон ҷойи 11) пешқадаманд. Инчунин аҳолии Колумбия, Аргентина, Венесуэла ва Перу барин мамлакатҳо аз 20 то 50 миллион нафаранд. Баробари ин дар баъзе давлатҳои «хурди» баҳрии Вест-Индия теъдоди аҳолӣ ба 0,5 миллион нафар намерасад.

Аксар давлатҳои Амрикои Лотинӣ ба гурӯҳи мамлакатҳои урбанизатсияашон баланд мансубанд. Алалхусус, нишондиҳандаи шаҳришавӣ дар Аргентина, Венесуэла ва Уругвай аз 90 фоиз, Бразилия ва Чили аз 80 фоиз меафзояд. Дар асоси (пояи) Мехико, Сан-Паули, Рио-да-Жанейро, Лима, Буэнос-Айрес, Санта-фе-де-Богота барин шаҳрҳои аз ҳама калони Амрикои Лотинӣ дар миқёси ҷаҳон  агломератсияе ба вуҷуд омад, ки аз қатори шаҳрҳои аз ҳама бузург ҷой пайдо карданд. Лекин ба ин шаҳрҳои «гигант» миллионҳо нафар одамон аз деҳот омада, майдонҳои ниҳоят калонро ишғол намуда дар мавзеъҳои хароб ҳаёт ба сар мебаранд.

Таркиби иркии ҳозираи аҳолии Амрикои Лотинӣ гуногун буда, асосан дар даври мустамликадории Аврупо ташаккул ёфтааст. Дар ин минтақа авлодони аврупоиҳо (креолҳо), сиёҳпӯстон, ҳиндуёни




***Расми 16.*** Забонҳои давлатии мамлакатҳои Америкои Лотинӣ.

америкоӣ, инчунин метисҳо, мулат ва самбоҳо барин вакилони омехтаи нажодӣ зиндагонӣ мекунанд. Аҳолии таҳҷоии америкоии ба нажоди монголоид мансуб ҳиндиёни америкоӣ ба ҳисоб меравaнд.

Дар Америкои Лотинӣ дар бисёрии давлатҳо ба сифати забони давлатӣ забони испанӣ қабул гардидааст (расми 16). Аз ҷиҳати майдони ҳудуд ва миқдори аҳолӣ дар субминтақа пешрав Бразилия буда, забони давлатӣ ва дар муомила забони асосӣ – забони португалӣ аст. Дар Гаити, Гвиана ва боз баъзе мамлакатҳои ҷазиравӣ забони давлатӣ франсузӣ, дар Гаянаи Америкои Ҷанубӣ, Белизи Америкои Марказӣ, инчунин дар як қатор мамлакатҳои Вест-Индиян ин вазифаро забони англисӣ ба ҷо меоварад. Инчунин дар давлати Суринами Америкои Ҷанубӣ ва баъзе мамлакатҳои баҳри Кариб забони нидерландӣ (ҳӯлландӣ) васеъ истифода бурда мешавад. Дар Америкои Лотинӣ насрониёни калисои Рим-католик аксариятро ташкил медиҳад ва минтақаи мазкур аз ҷиҳати миқдори католикҳо дар дунё пешрав аст. Дар мамлакатҳои забонашон англисӣ протестантӣ, дар мамлакатҳои «се гӯшаи Гвиана» бошад, индуизм ва дини ислом васеъ паҳн гардидааст. Америкои Лотинӣ асосан дар ду хел ҳудуд – уқёнуси Атлантика ва ҳамвориҳои канори соҳили баҳри Кариб, инчунин дар ноҳияҳои дохилии кӯҳҳои Кордилера-Анд муҷассам шудааст. Қисми аксари аҳолии мамлакатҳо, аз қабили Мексика, Перу, Колумбия, Эквадор бо дар ноҳияҳои кӯҳҳои баланд зиндагонӣ карданашон фарқ менамоянд. Дар ин бора «рекорди географӣ»-и ба худ хос ба давлати Боливия мансуб аст, ки нисфи аҳолиаш дар 3300–3800 метр баландии мутлаки кӯҳҳои байзашакли Алтиплано ҳаёт ба сар мебаранд. Шаҳри Ла-Пас пойтахти дар дунё аз ҳама баландтарин ҷойгиршуда аст. Он дар чунин шароити релеф ташаккул ёфта шаҳри ягонаи «миллионер» ба ҳисоб меравад. Дар Бразилия, Уругвай, Аргентина, Венесуэла ва алалхусус, дар давлатҳои ҷазиравӣ дар навбати худ аҳолӣ асосан дар ҳамвориҳои ба уқёнус ва баҳр ҳамҷавор муҷассам гардидаанд.

Ихтисосонидани байналхалқии мамлакатҳои Амрикои Лотинӣ, сараввал бо саноати сӯзишворӣ кӯҳканӣ, маъдангудозӣ, инчунин кишоварзии серсоҳа вобаста аст. Ҳоло барои баъзе мамлакатҳо мошинасозӣ ҳам ба соҳаи муҳими истеҳсолот табдил ёфтааст. Дар саноати сӯзишворӣ аҳамияти асосии содирот ба нафт ва саноати азнавкоркарди нафт тааллуқ дошта, ин соҳаи истеҳсолот сараввал дар Венесуэла, Мексика ба дараҷаи баланд ривоҷ ёфтааст. Инчунин дар давлатҳои Эквадор, Боливия ҳам саноати нафту газ тараққӣ меёбад. Солҳои охир дар таркиби содироти умумии мамлакатҳои Амрикои Лотинӣ саҳми нафту газ аз 20 фоиз зиёд мебошад. Ҳиссаи мамлакатҳои Амрикои Лотинӣ қариб 8 фоизи ҳаҷми умумии содироти сӯзишвории ҷаҳонро ташкил медиҳад.

Дар мамлакатҳои минтақа саноати кӯҳканӣ ва маъдангудозӣ хуб тараққӣ ёфтааст Бразилия дар байни мамлакатҳои ҷаҳон оид ба кофтан ва содироти маъдани оҳан яке аз ҷойҳои фахриро ишғол менамояд. Инчунин, ба истихроҷи марганес, алюминий, мис, маъдани уран ҳам тахассусонида шудааст. Аз ҳисоби сохтани ИБО (ГЭС) корхонаҳои маъдангудозии Бразилия бо энергияи барқи арзон таъмин мегардад ва ин соҳаи истеҳсолӣ дар мамлакат торафт тараққӣ мекунад. Қисми аз ҳама калони содироти махсулоти саноати маъдангудозии Амрикои Лотинӣ ба мис рост меояд. Саноати истихроҷ ва гудозиши маъдани мазкур алалхусус барои Чилӣ ва Перу дорои аҳамияти калони иқтисодист. Куба бошад, дар истеҳсоли маъданҳои никел ва кобалт ба қатори мамлакатҳои пешқадам медарояд.

Саноати мошинасозӣ асосан дар Бразилия, Мексика ва Аргентина хуб ривоҷ ёфта, дар миқёси хоҷагии ҷаҳон бисёр вакт ба соҳаҳои автомобилсозӣ, электроника ва электротехникӣ тахассусонида шудааст. Барои мамлакатҳои мазкур автомобилҳои сабукрав ба маҳсулоти аз ҳама асосии содирот табдил ёфтааст. Дар давлатҳои калони Амрикои Лотинӣ барои хуб ривоҷ ёфтани мошинасозӣ хуб тараққӣ кардани заминаи маъдангудозӣ, қувваи кории арзону нисбатан малаканок, мавҷуд будани бозори дохилӣ, ҳамкорӣ кардан бо давлатҳои мутараққӣ, дар навбати аввал, корпоратсияҳои калонтарини ИМА муҳим ба ҳисоб меравад. Кишоварзӣ ҳам ихтисосонидани байналхалқии мамлакатҳои Амрикои Лотиниро аз бисёр ҷиҳат муайян месозад. Алалхусус, барои иқтисодиёти Бразилия ва Куба рӯёндани шакарқамиш ва ба содирот баровардани он дорои аҳамияти калон аст. Ду давлати мазкур дар боби содироти



*Расми 17.* Қаҳвазорҳои Бразилия

шакар дар дунё ҷойи намоёнро ишғол менамояд.

Аз рӯйи содироти қаҳва Бразилия дар ҷаҳон сару сарвар аст. Самтҳои Ҷанубӣ-Ғарбии кӯҳҳои байзашакли Бразилияро майдонҳои калони қаҳвазор ишғол менамояд (расми 17). Дар гулӯгоҳи Мексика ва баҳри Кариб рӯбарӯ истодаи ҳудудҳои Мексика, давлатҳои Амрикои Марказӣ ва назди кӯҳҳои Колумбия (500–1500 м) ҳам ноҳияҳои кишоварзии калони ба рӯёндани қаҳва тахассусонидашуда ташаккул ёфтааст. Дар ин ҷо навъи қаҳваи «арабика» рӯёндашуда дар ҷаҳон аз ҳама хушсифат ва гаронбаҳо ба ҳисоб меравад.

Банан ба Амрикои Лотинӣ аз Осиё оварда шуда, аввали асри гузашта дар давлатҳои Амрикои Марказӣ ба кишти кишоварзии аз ҳама асосӣ табдил ёфт.

Аз рӯйи рӯёндан ва содироти соя дар байни давлатҳои Амрикои Лотинӣ Бразилия, Парагвай ва Аргентина, қаҳва Бразилия, Эквадор ва Республикаи Доминикана, пахта бошад, Бразилия, Парагвай, Мексика ва Аргентина бисёр ба содирот бароварда мешавад.

Боз як ноҳияи калони кишоварзии Амрикои Лотинӣ майдонҳои ҳудуди Пампаи Аргентина аст. Релефи ҳамвор, иқлими субтропикии гарм ва намнок, хоки сиёҳи серҳосили Пампаи Аргентина барои деҳқонӣ (кишоварзӣ) ва чорводории таъминоти гӯшт шароити қулайро соҳиб аст. Аз ҳисоби хоҷагиҳои фермерии ҳамин ноҳия Аргентина ба яке аз содиркунандаҳои пешқадами гандум, ҷуворимакка ва гӯшти дунё табдил ёфт.

Канали Панама, ки дар низоми нақлиёти баҳрии байналхалқӣ мақоми алоҳидаро соҳиб аст, ду қитъа, яъне Амрикои Шимолӣ ва Ҷанубӣ ҷойгир аст, аз ҳудуди давлати Панама тӯл мекашад. Канали мазкур бо баҳри Кариб, ки ба ҳавзаи уқёнуси Атлантика тааллуқдор аст, онро бо уқёнуси Ором пайвастааст ва яке аз роҳҳои калони серҳаракати баҳр ба ҳисоб меравад. Давлати Панама дар навбати худ барои ширкатҳои баҳрӣ андозаҳои дараҷаашон пастро ҷорӣ карда, дар ҷаҳон ба мамлакати флоти баҳриаш аз ҳама калон табдил ёфт. Ба ин асосан аз ҳисоби ширкатҳои нақлиёти хориҷӣ, ки дар Панама расман номнавис гардидаанд, муваффақ шудааст.

Маълум, ки давлатҳои Амрикои Лотинӣ ба блоки мамлакатҳои рӯ ба инкишоф мансуб аст. Дар натиҷа Бразилия, Мексика ва Аргентина, ки 2/3 қисми маҳсулоти умумии дохили (МУД) рост меояд, ба гурӯҳи давлатҳои ривоҷёбандаи такягоҳӣ дохил мешавад. Инчунин, нишондиҳандаҳои ривоҷи иҷтимоиву иқтисодӣ ва дараҷаи баланди зиндагонии аҳолӣ дар байни мамлакатҳои минтақа ба Чилӣ, Уругвай, ҷазираҳои Барбадос ва Багама хос аст.

Мувофиқи ба ҳисоб гирифтани мавқеи иқтисодии географӣ, салоҳияти иҷтимоиву иқтисодӣ, ихтисосонидани байналхалқӣ, хусусиятҳои таркиби нажодӣ, этникӣ ва динӣ, инчунин ҷараёнҳои интегратсияи иқтисодии байналхалқӣ Амрикои Лотинӣ ба 7-то субминтақаи зерин тақсим мегардад:

– Мексика;

– Амрикои Марказӣ (Белиз, Гватемала, Салвадор, Гондурас, Никарагуа, Коста-Рика, Панама);

– Вест-Индия (мамлакатҳои ҷазираҳои баҳри Кариб);

– мамлакатҳои Анд (Венесуэла, Колумбия, Эквадор, Перу, Боливия, Чили);

– секунҷаи Гвиана (Гаяна, Суринам, Гвианаи Фаронса);

– Бразилия;

– мамлакатҳои Ла-Плата (Аргентина, Уругвай, Парагвай).

Амрикои Лотинӣ, Амрикои Миёна (Мезоамрико) мамлакатҳои ҳавзаи Кариб, Амрикои Марказӣ, Вест-Индия, Амрикои Ҷанубӣ, секунҷаи Гвиана, ҳиндуҳои амрикоӣ, метисҳо, мулатҳо, самбо, ҳабашҳо, креолҳо, мамлакатҳои ривоҷёбандаи такягоҳӣ, мамлакатҳои Анд, мамлакатҳои Ла-Плата.

1. Мамлакатҳои Амрикои Лотинӣ аз кадом захираҳои табиӣ бой аст? Дар давлатҳои минтақа чӣ гуна канданиҳои фойиданоки захираи аҳамияташ ҷаҳонӣ мавҷуд аст?
2. Амрикои Лотинӣ ба кадом субминтақа тақсим мегардад ва дар ин ҳол чӣ гуна мезонҳоро ба ҳисоб гирифтаанд?
3. Ба аҳолии Боливия ва Перуи кӯҳи ва давлатҳои Аргентина ва Уругвайи дорои ҳамворӣ аз ҷиҳати нажодӣ, забон, таркиб ва ҷойгиршавӣ тавсифи қиёсӣ диҳед.

## § 25. Мамлакатҳои ҷазиравии ҳавзаи Кариб

Дар байни қитъаҳои Амрикои Шимолӣ ва Ҷанубӣ, гулӯгоҳи Мексика ва ҷазираҳои дар акваторияи муттаҳидшудаи Атлентика ва баҳри Кариб ҷойгиршуда аз тарафи экспедитсияи якуми Христофор

Колумб соли 1422 аввалин заминҳои кушодашудаи қитъа Амрико ба ҳисоб меравад. Колумб ба он номи Вест-Индия, яъне «Ҳиндустони Ғарбӣ»-ро додааст. Ҳудуди мазкур сонитар як қисми Амрико буданаш маълум гардидааст, ин ном то ҳол васеъ истифода мешавад. Вест-Индия аз се архипелаги калон иборат аст: ҷазираҳои Антили Калон, ки саросари сарҳади шимолии баҳри Кариб тӯл кашидааст (аз ҳама бузургаш Куба, Гаити, Ямайка, Пиерто-Рико), ҷазираҳои Антили Хурди канори шарқӣ ва ҷанубӣ-шарқии баҳри Кариб ва ҷазираҳои Багамаи дар шимоли ҷазираи Антили Калон ҷойгиршуда. Майдони умумии Вест-Индия дар атрофи 245 ҳазор км$^2$ буда, аз он 216 ҳазор км$^2$-ро ҷазираи Антили Калон ишғол менамояд. Майдони ҷазираҳои Антили Хурд ва Багама қариб, ки як хел буда, ба ҳар ду архипелаг 14 ҳазор км$^2$ зиёдтар ҳудуд рост меояд.

Дар ҷазираҳои Вест-Индия ҷамъ 13-то давлати мустақил ҷойгир шудааст. Дар ҷазираи Антили Калон давлатҳои Куба, Гаитӣ, Республикаи Доминикана ва Ямайка, ҷазираи Антили Хурд давлатҳои «хурди» Антигуа, Барбуда, Барбадос, Гренада, Доминика, Сент-Винсент ва Гренадина, Сент-Китс ва Невис, Сент-Люсия, Тринад ва Тобако, дар ҷазираи Багама бошад, бо ҳамин ном давлат ҷойгир аст. Ба ғайр аз ин, дар харитаи сиёсии Вест-Индия ҷамъ қариб 15 мустамликаи Британияи Кабир, Франсия, Нидерландия ва ИМА, ҳудудҳои паси баҳр, инчунин ҳудудҳои худидоракунанда мавҷуданд. Аз ҷиҳати калонии ҳудуд ва миқдори аҳолӣ дар байни давлатҳои субминтақа Республикаи Куба дар ҷойи аввал меистад. Аз ҷиҳати майдон ва аҳолӣ аз мамлакатҳои номустақил аз ҳама калонаш «ҳудуди худ идоракунӣ»-и Пуерто-Рикои тааллуқи ИМА мебошад. Аз ҷиҳати идоракунӣ 10 давлат республика, 3-тояш шоҳигарии Иттиҳоди Британия (роҳбари расмии давлат маликаи Британияи Кабири монархияи конститутсиявии мустақил) ба ҳисоб меравад.

Азбаски ҷазираҳои Вест-Индия дар маҳалли бо ҳам бархӯрди сарҳади плитаи литосфераи Кариб ва Амрикои Шимолӣ ҷойгир аст, дар он ҷо дар вақт-вақташ заминларзаҳои сахт ба амал меоянд. Дар ҷазираҳои Антили Хурд ҳаракатҳои вулкан бисёр содир мегардад. Ҳамвориҳо танҳо дар Куба майдони бисёреро ишғол намудаанд. Дар бисёр ҷойҳои соҳили ҷазираҳо барои нигоҳ доштани киштиҳо шароити қулай муҳайёст. Аз канданиҳои фойиданок асосан боксит (Ямайка, Республикаи Доминикана), саноати маъданҳо ва кобалт

(Ку-ба), намаки ошомиданӣ (Республикаи Доминакана) аҳамияти саноатӣ дорад. Нафт бештар дар ҷазираҳои Багама, инчунин давлатҳои Тринидад ва Тобако истихроҷ мегардад. Инчунин, дар ҷазираи Тринидад кӯле мавҷуд аст, ки аз он асфалти табиӣ мегиранд.

**Иқлимаш тропикӣ.** Дар давоми сол гарм, лекин ба туфайли шамолҳои пассати аз ҷониби уқёнуси Атлантика мудом вазанда мулоим ва нам мебошад. Аз моҳи май то ноябр тобистони ниҳоят гарму сербориш давом мекунад. Зимистони мӯътадилу нисбатан хушк охири моҳи ноябр оғоз ёфта, то моҳи май ба назар мерасад. Маҳз фасли зимистони тропикӣ барои истироҳат мавсими хуб ва форам буда, даври аз ҳама «гармуҷӯшон»-и сайёҳӣ ба ҳисоб меравад. Яке аз ҷиҳатҳои монарии иқлим тез-тез рӯй додани тӯфонҳои пурзӯр аст.

Миқдори умумии аҳолии Вест-Индия ба 43 миллион нафар (дар ҳолати соли 2016), Куба ба 11,2 млн ва Республикаи Доминикана ба 10,6 млн нафар баробар аст.

Дар аксар мамлакатҳои Вест-Индия нишондиҳандаҳои таваллуд ва бо роҳи зиёдшавии табии аҳолӣ ба дараҷаи миёна ва паст аст. Дар Гаитӣ ва Республикаи Доминикана дараҷаи таваллуд ва бо роҳи табиӣ зиёдшавии аҳолӣ дар субминтақа аз ҳама баланд буда, теъдоди аҳолӣ дар ин давлатҳо бо суръати баланд афзун мегардад. Дар бисёр давлатҳо ба афзоиши теъдоди аҳолӣ ба дараҷаи баланд будани эмигратсия таъсири манфӣ мерасонад. Ин махсусан ба Пуэро-Рико ҳолати хос аст, ки аҳолиаш ба таври оммавӣ ба ИМА кӯч мебанданд.

Дараҷаи урбанизатсия дар бисёр давлатҳо баланд (дар субминтақа ҳамагӣ ба ҳисоби миёна 70 фоиз), дар баъзе давлатҳои «хурд» саҳми аҳолии шаҳр паст аст. Масалан, дар давлатҳои Сент-Люсия, Тринидад ва Тобако ба 20 фоиз ҳам намерасад. Шаҳрҳои аз ҳама калони Вест-Индия – пойтахти Куба Гавана, пойтахти Республикаи Доминикана Санто-Доминго, пойтахти Гаитӣ Порт-о-Пренс ва пойтахти Ямайка Кингстон мебошанд.

Дар таркиби нажодии аҳолии Куба ва Пуэрто-Рико авлодони аврупоиён (креолҳо), Республикаи Доминиканаи мулатҳо, дар дигар давлатҳо бошад, ҳабашҳо бисёриро ташкил медиҳанд. Забони давлати Куба ва Республикаи Доминикана испанӣ, Республикаи Гаитӣ франсузӣ, дар давлатҳои боқимонда бошад, забони англисӣ мебошад.

Мавқеи географии иқтисодии мамлакатҳои ҷазираи баҳри Кариб дар зери таъсири шароит ва захираҳои табиӣ, захираҳои аҳолӣ ва

меҳнат дар низоми тақсимоти байналхалқии меҳнат, асосан сайёҳӣ, рӯёндани зироати тропикӣ: маъдангудозӣ, саноати сабук ва озуқаворӣ, сектори адои хизмати молияву бонк барин соҳаҳои иқтисодӣ тахассусонида шудааст. Доираи тахассусонидани хоҷагидории аксар мамлакатҳо танг аст. Масалан, Тринидад ва Тобако асосан барои азнавкоркарди нефт ва истеҳсоли аммиак, Гренада барои рӯёндани чормағзи мускат ва какао, Сент Винсент ва Гренада





***Расми 18.*** Тафовутҳои ривоҷи иҷтимоиву иқтисодии давлатҳои Вест-Индия: шаҳри Нассау – пойтахти ҷазираи Багама (тарафи чап) ва яке аз мавзеъҳои хароби пойтахти Гаитӣ – шаҳри Порт-о-Пренс (тарафи рост).

бошад, барои истеҳсоли крахмал ва анҷомҳои варзишӣ (хусусан ракеткаҳои теннис) тахассусонида шудааст.

Алоқаҳои савдои беруна асосан бо ИМА, инчунин дигар давлатҳои Амрикои Лотинӣ ба амал бароварда мешавад.

Мувофиқи дараҷаи рушди иҷтимоиву иқтисодӣ мамлакатҳои Вест-Индия ба тоифаи давлатҳои рӯ ба инкишоф мансубанд. Аммо дар боби рушди иқтисодӣ ва дараҷаи зисту зиндагонии аҳолӣ дар байни мамлакатҳо тафовутҳо мавҷуданд (расми 18). Давлатҳои аз ҳама пешқадами субминтақа ҷазираҳои Барбадос ва Багама, аз ҳама қафомонда Доминика ва махсусан, Республикаи Гаитӣ ба ҳисоб мераванд.

Баҳри Кариб, Вест-Индия, ҷазираҳои Антили Калон, ҷазираҳои Антили Хурд, ҷазираҳои Багама, давлатҳои «хурд», мустамлика, ҳудуди паси баҳр, ҳудуди худидоракунанда

1. Маънои луғавии номи географии Вест-Индия ва пайдошавиашро фаҳмонед.
2. Вест-Индия аз кадом ҷазираи хушк иборат аст ва дар харитаи сиёсӣ кадом давлатҳо мавҷуданд?
3. Хусусиятҳои таркиби динӣ, забонӣ ва нажоди аҳолии мамлакати ҷазираи баҳри Кариб аз чиҳо иборат аст?



# БОБИ VIII. СУБМИНТАҚАҲОИ АФРИҚО. ДАВЛАТҲОИ ОКЕАНИЯ

## § 26. Субминтақаҳои Африқо

Африқо ба захираҳои табиӣ бой буданаш нигоҳ накарда, дар натиҷаи мавҷудияти муаммоҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ қитъаи ҷамъ гардидани бисёр давлатҳои дараҷаи тараққиёташон паст низ мебошад. Майдони умумии он аз 30,3 млн км$^2$ бештар буда, дар қитъаи мазкур 62 давлат ҷойгир шудааст. Аз онҳо 54-тояш давлати мустақил мебошад. Дар қитъа 10-то ҷазира, 15-тояш дар дохили хушкӣ буда, 37-тояш ба сарҳади баҳрӣ молик аст. Ҳудуди Африқо ба 5-то субминтақа ҷудо мегардад (ҷадвали 9).

Субминтақаҳои Африқои Шимолӣ, Ғарбӣ, Марказӣ, Шарқӣ ва Ҷанубӣ аз якдигар бо хусусиятҳои мавқеи географӣ, дараҷаи таъмин будан бо захираҳои табиӣ, то теъдоди давлатҳои дар майдон ҷойгиршуда барин нишондиҳандаҳо фарқ мекунад (расми 19).

*Ҷадвали 10*

**Маълумоти умумӣ дар бораи субминтақаҳои Африқо**

| Субминтақаҳо | Майдонаш млн. км$^2$ | Теъдоди аҳолӣ, млн. нафар | Миқдори давлатҳо |
|---|---|---|---|
| Шимолӣ | 8,5 | 218 | 7 |
| Ғарбӣ | 6,0 | 341 | 16 |
| Шарқӣ | 6,3 | 379 | 17 |
| Марказӣ | 6,6 | 142 | 9 |
| Ҷанубӣ | 2,7 | 61 | 5 |

**Африқои Шимолӣ а**з сабаби ба баҳрҳои Миёназамин ва Сурх, уқёнуси Атлантика баромадан имкон мавҷуд будан аз қадим бо давлатҳои Аврупо, инчунин Осиёи Ғарбӣ равобитро ба роҳ монда буд. Ба минтақаи субтропикӣ рост омадани қисми калони ҳудуди ба тахассусонидани парвариши пахта, зайтун, ангур, меваҳои ситрусӣ сабаб гардидааст. Ривоҷи соҳаҳои саноат бошад, дар навбати аввал ба истихроҷи ашёҳои хоми минералӣ (нафт, гази




***Расми 19.*** Субминтақаҳои Африқо.

табиӣ, фосфорит, маъдани оҳан) ва азнавкоркард вобаста аст. Ба ғайр аз ин ба азнавкоркарди маҳсулоти кишоварзӣ тахассусонидани саноати сабук ва хӯроквории ҳам хуб тараққӣ кардааст. Дар ин ҷо нақлиёти баҳрӣ аҳамиятнок ба ҳисоб меравад. Алалхусус, дар ин минтақа ҷойгир будани канали Сувайш барои ба дараҷаи баланд тараққӣ кардани хизмати нақлиёт сабаб шудааст. Ба ғайр аз ин, дар соҳаи адои хизмат умури сайёҳӣ ҳам мавқеи калон дорад. Қисми асосии аҳолиро халқҳои ба забони арабӣ гуфтугӯкунанда ташкил медиҳанд. Азбаски ба таърихи бисёрсола молик аст, барои иқтисодиёти давлатҳои минтақа кишоварзии обёрикунанда, чорводории бодиянишин, ҳунармандӣ барин соҳаҳое, ки анъанавӣ ба ҳисоб меравaнд, бо молики анъанаҳои ба худ хос будан ҷудо шуда меистад.

**Африқои Ғарбӣ** дар байни гулӯгоҳҳои Саҳрои Кабир ва Гвинея ҷойгир буда, ҳудудаш ба дашти тропикӣ, ба саванна ва минтақаи экваториалии нам рост меояд. Субминтақаи мазкур дар Африка аз ҷиҳати майдон хеле калон будан ва бинобар зиёдии нуфузи аҳолӣ ҷойи пешро соҳиб мегардад. Таркиби миллии аҳолӣ ниҳоят мураккаб мебошад.

Қиёфаи замонавии субминтақаро, дар навбати аввал, дар ин ҷо аз қадим ривоҷёфтааст, тахассусонӣ ба кишоварзӣ, ки муайян месозад. Давлатҳои субминтақа, ки дар ривоҷи хоҷагидории плантатсиявӣ соҳиби таҷрибаи калон мебошад, асосан ба рӯёндани зироати техникӣ тахассусонида шудаанд. Қисми асосии зироати яккаҳукмроне, ки дар кишоварзӣ рӯёнда мешавад (чормағзи заминӣ, меваҳои гуногун, каучуки табиӣ, какао, қаҳва), ба содирот бароварда мешавад. Саноати кӯҳканӣ соҳаи асосии ривоҷёфта ба ҳисоб меравад. Асосан, маъданҳои оҳан ва уран, боксит, қалъагӣ, нафт, алмос, тилло ҳосил карда мешавад. Нигерия нисбати иқтисодиёти Африқои Ғарбӣ ба давлатҳои ривоҷёфта мисол шуда метавонад. Африқои Марказӣ дар қисми марказии қитъа ҷойгир шуда, дар ҷангалзорҳои нам ва экваториалӣ, инчунин дар

минтақаи саванна ҷойгир шудааст. Захираҳои минералии субминтақа гуногун аст, мувофиқи захираҳо на фақат дар Африқо, балки дар ҷаҳон ҳам яке аз ҷойҳои пешравро ишғол менамояд. Ба ғайр аз ин, минтақа аз об, захираҳои биологӣ (асосан ҷангал) ҳам саршор бошад ҳам, аз захираҳои табиии мавҷуда пурра истифода бурда намешавад. Қисми асосии алмос, мис, кобалт, марганес, қалъагӣ, нафт барин захираҳои минералӣ, ки дар Африқои Марказӣ аз нав кор карда мешавад, ба давлатҳои гуногуни ҷаҳон ба содирот бароварда мешавад. Ба ғайр аз ин, дар содироти субминтақа саҳми захираҳои ҷангал ҳам калон аст. Соҳаи асосии саноат саноати кӯҳканӣ буда, солҳои охир дар шаҳрҳои калон ба оҳистагӣ соҳаҳои саноати markazkорkард ҳам тараққӣ меёбад. Асосан, бо аз халқҳои этникии банту ташкил ёфтанаш ҷудо шуда меистад. Республикаи Демократии Конго дар субминтақа аз ҷиҳати иқтисодӣ давлати аз ҳама ривоҷёфта ба ҳисоб меравад.

Барои Африқои Шарқӣ асосан иқлими субэкваториалӣ ва тропикӣ хос аст. Азбаски имконияти ба уқёнуси Ҳинд баромаданро дорад, аз қадим бо Ҳиндустон ва мамлакатҳои гуногуни араб алоқаҳои савдоро ба роҳ мондааст. Фарқи минтақаи мазкур аз дигар субминтақаҳо дар хароб будани захираҳои минералист. Аз ҳамин сабаб барои ривоҷ додани иқтисодиёт баҳри аз дигар захираҳои табиӣ самаранок истифода бурдан ҳаракат мекунад.

Асосан хоҷагии деҳоти тропикӣ ривоҷ ёфта, ба бозори ҷаҳон қаҳва, чой, палмаи кокос барин маҳсулотҳо, зиравори гуногун мебарорад. Баъзе давлатҳои минтақа маҳсулоти саноати кӯҳканиро (мис) ба содирот мебароранд. Соҳаҳои саноати азнавкоркард





***Расми 20.*** Масканҳои сайёҳии Африқо

тараққӣ меёбад. Боғҳои табиии ташкилкарда ва мамнӯъгоҳҳо ба рушди низом кӯмак мерасонанд (расми 20). Аҳолии Африқои Шарқӣ аз ҷиҳати этникӣ аз қабила ва авлод, қавм ва миллатҳои гуногун ташкил ёфтааст. Кения аз рӯйи дараҷаи рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар субминтақа давлати пешқадам ба ҳисоб меравад.

**Африқои Ҷанубӣ** – аз қитъаҳои Аврупо, Осиё, Амрико ниҳоят дур ҷойгир буда, ба мавқеи қулайи нақлиётӣ-географӣ соҳиб аст. Аз соҳилҳои онҳо самти муҳими роҳи баҳрӣ мегузарад. Субминтақаи дар минтақаи тропикӣ ва субтропикии нимкураи ҷанубӣ ҷойгиршуда аз захираҳои гуногуни табиӣ (алалхусус, захираҳои минералӣ) бой аст. Республикаи Африқои Ҷанубӣ на танҳо дар субминтақа, балки дар қитъа ҳам аз ҷиҳати иқтисодӣ давлати аз ҳама ривоҷёфта ба ҳисоб меравад, яке аз давлатҳои ба бозори ҷаҳонӣ расондадиҳандаи захираҳои гуногуни минералӣ мебошад. Дар иқтисодиёти он ба ғайр аз саноати кӯҳканӣ соҳаҳои азнавкоркард ҳам маҳсулоти зарурӣ тайёр мекунад. Ба иқтисодиёти давлатҳои дигари субминтақа кишоварзӣ мавқеи муҳим дорад. Аҳолиаш аз ҷиҳати этникӣ бо рангоранг буданаш фарқ мекунад. Баробари ин дар таркиби миллии аҳолии РҶА ҳиссаи аврупоиён ҳам баланд аст.

Африқо ба миқдори калон ба имкониятҳои захираи иқтисодӣ, табиӣ, иҷтимоӣ молик аст. Лекин паст будани дараҷаи рушди иҷтимоӣ-иқтисодии давлатҳои минтақа, ба худ хос будани таркиби миллӣ ва динии аҳолӣ, нишондиҳандаи пасти дараҷаи зиндагонӣ ва саводнокӣ, дар даври ба истиқлолияти сиёсӣ муваффақ шудан хусусиятҳои этникӣ ба ҳисоб гирифта нашуда, амалӣ гардидани сарҳадибандии миллӣ барин ҳолатҳо барои ба миён омадани бисёр муаммоҳои геосиёсӣ сабаб мегарданд. Аз захираҳои табиии мавҷуда оқилона истифода набурдан барои ба вуҷуд омадани муаммоҳои экологӣ (масалан, муаммои биёбоншавӣ) сабаб шудааст.

Субминтақаҳо, давлатҳои Африқои Шимолӣ, давлатҳои Амрикои Ғарбӣ, давлатҳои Африқои Шарқӣ, давлатҳои Африқои Марказӣ, давлатҳои Африқои Ҷанубӣ, муаммоҳои биёбоншавӣ, яккаҳукмронӣ.

1. Давлатҳои Африқо аз ҷиҳати тараққиёти иқтисодӣ давлатҳои қафомонда ба ҳисоб мераванд. Ба он кадом омилҳо сабабгоранд?
2. Ба вазъияти демографии ба давлатҳои Африқо хос баҳо диҳед.
3. Ба дафтаратон аз давлатҳои дар ҳар як субминтақаи Африқо ҷойгиршуда панҷтогӣ мисол нависед.

## § 27. Давлатҳои Океания

Океания аз гурӯҳи ҷазираҳои дар қисми ҷанубӣ-ғарбӣ ва марказӣ ҷойгирифтаи уқёнуси Ором ташкил ёфта, майдони умумиаш 1,26 млн. км$^2$ аст. Дар минтақаи мазкур аз 11 миллион нафар бештар аҳолӣ истиқомат мекунад. Дар таркиби он қариб 40 давлат, мамлакат ва ҳудудҳои гуногун мавҷуд буда, аз онҳо 13-тояш давлати мустақил ба ҳисоб меравад. Дар харитаи сиёсии Океания 1 давлати федеративӣ (штатҳои федеративии Микронезия), 1-то давлати монархия (Тонга) ва ҳудудҳои мустамликаи давлатҳои гуногун (масалан, Самоаи Амрико, Гуам, рифи Кингмен (ИМА), Питкерн (Британияи Кабир), Норфолк, ҷазираҳои Аштор ва Картйе (Австралия), Полинезияи Франсуз, Каледонияи Нав (Фаронса ва ғайра) мавҷуд аст. Мамлакатҳои Океания аз ҷиҳати таркиб ба минтақаҳои Меланезия, Полинезия ва Микронезия тақсим мегардад (расми 21).

Мувофиқи хусусиятҳои релефӣ, Океания аз ҷазираҳои дорои ба вуҷуд омадани континенталӣ, марҷон ва вулкан таркиб ёфтааст. Зеландияи Нав, Гвинеяи Нав қисми шарқии ҷазира, ки таркиби Океания медароянд, чун Каледонияи нав ба хосияти континенталии




***Расми 21.*** Қисмҳои таркибии Океания

ҷазираҳои калон молик аст. Онҳо 87 фоизи ҳудуди умумии Океанияро ишғол менамоянд. Соҳиби релефи кӯҳист, майдонаш нисбатан ҷазираҳои калон, асосан дар қисми ҷанубӣ-ғарбии минтақа ҷойгир буда, боқимонда ҷазираҳои хурду майда дар акваторияи укёнуси Ором дар майдони калон дар равиши пароканда ҷойгир шудаанд. 1/3 қисми акваторияи укёнуси Оромро ҷазираҳои Океания ташкил медиҳад.

Асосан дар ҳудуди минтақаҳои экваториалӣ, субэкваториалӣ, тропикӣ, субтропикӣ ва мӯътадил ҷойгир шудааст. Миқдори боришоти 1500–4000 мм, ҳарорати миёна бошад, +24°C, +28°C-ро ташкил медиҳад. Дар ҷазираҳои калони кӯҳӣ латерити сурх, кӯҳӣ, чарогоҳи кӯҳӣ ҷинсҳои ҷигарранги дағал, намудҳои хокаш ҷигарранг паҳн шудааст. Дар атолҳо бошад, хокҳои ҳосилнокиаш паст, заминҳои ковокшакл, бидуни имконияти дар худ нигоҳ дорӣ мебошад. Бо захираҳои об хуб таъмин гаштааст. Сепик (1126 км), Флай (1050 км), Уаикато (425 км) дарёҳои аз ҳама калони Океания ба ҳисоб меравaнд. Дар ҷазира аз захираҳои минералӣ никел (Каледонияи нав), нафт ва газ (Папуа-Гвинеяи нав), мис (Гвинеяи нав, Фидҷи), фосфат (Науру), дар минтақаҳои иқтисодии ҳудуди ҷазира омехтаҳои оҳану марганес, кобалт баринҳо истихроҷ мегарданд.

Қисми асосии давлатҳои ҷазираи Океания давлатҳои аҳолиаш кам ба ҳисоб меравaнд. Аҳолиаш асосан аз полинез, меланез, микронез ва папуасҳо таркиб ёфтааст, ки мансуби нажоди хурди австралоид мебошад. Дар таркиби миллӣ ҳиссаи вакилони қабила ва авлодони гуногун баланд аст, онҳо ба оилаҳои папуас ва австронез мансубанд. Лекин забонҳои миллӣ амалан истифода намегардад. Дар мулоқот асосан забонҳои англисӣ ва фаронсавӣ истифода мегарданд.

Аз захираҳои табиӣ ночор аст, дар алоқаҳои байниҷазиравӣ душвориҳо мавҷуданд, миқдори захираҳои минералӣ маҳдуд мебошанд, ҷараёни истеҳсоли маҳсулоти содиротбоб дар дасти монополияҳои байналхалқӣ ҷамъ шуда, ба ривоҷи иқтисодиёти давлатҳои Океания таъсир мерасонад. Соҳаи асосии фаъолияти аҳолӣ кишоварзист. Дар он рӯёндани зироати яккаҳукмрони содиротбоб (палмаи, кокос, шакарқамиш, ананас, банан, қаҳва, какао) мавқеи асосиро ишғол менамояд. Давлатҳои Океания дар ҷаҳон 10 фоиз содироти копра (кокоси хушкгардида) 90 фоизи ҳосили ананасро медиҳад. Чорводорӣ асосан дар ҳудуди ҷазираҳои калон ривоҷ ёфта Зеландияи



Майдонҳои кишти ананас.



Чарогоҳҳои Зеландияи нав.

***Расми 22.*** Маҳсулоти асосии кишоварзии Океания.

нав пешқадам аст (расми 22). Дар кишоварзии давлатҳои дорои захираҳои биологии баҳрӣ соҳаи моҳидорӣ солҳои охир ривоҷ меёбад. Дар саноаташ асосан ба маҳсулоти кишоварзии содиротбоб корхонаҳои коркарди аввалин додан, ҷангал ва конканӣ фаъолият пеш мебарад. Дар зери таъсири захираҳои рекреатсионӣ туризми байнихалқӣ ривоҷ меёбад. Алалхусус, ҷазираҳои Фидҷи, Соломон ҳудудҳои сайёҳон аз ҳама бештар ташрифоварда ба ҳисоб меравaнд. Дар байни давлатҳои Океания Зеландияи нав аз ҷиҳати дараҷаи тараққиёти иҷтимоиву иқтисодӣ пешсаф аст. Мувофиқи хусусияти ривоҷёбӣ давлати мазкур, ки давлати «капитализми кӯчондашуда» ба ҳисоб меравад, аз ду ҷазираи калон (ҷазираҳои Шимолӣ ва Ҷанубӣ) ва беш аз 700 ҷазираҳои хурд ташкил ёфтааст. 75 фоизи ҳудуд дар баландии аз сатҳи баҳр 2000 м. баланд ҷойгир буда, дар ҳудудаш захираҳои минералӣ – тилло, нукра, нафти табиӣ, ангишт, маъданҳои гуногуни ранга паҳн шудааст. Бо захираҳои об ба қадри кофӣ таъмин гардида, дар ин ҷо аз 40 бештар дарё ва 3280-то кӯлҳо мавҷуд аст. Ба рушди иқтисодиёт дар ин ҷо хокҳои сери сиёҳтоб, сиёҳтоби зард, типи кӯҳӣ аҳамияти калон доранд. Қариб 2 миллион гектар ҳудудҳои ҷангал ҳам мавҷуд аст. Баробари ин имкониятҳои захираи реаксионӣ баланд аст. Дар саноати Зеландияи Нав, ки иқтисодиёташ типи индустриалист, соҳаҳои кӯҳканӣ, маъдангудозӣ, сӯзишворӣ-энергетикӣ, хӯрокворӣ хуб ривоҷ ёфтааст. Дар чорводорӣ самти ширдиҳанда ва гӯсфандпарварӣ, дар кишоварзӣ бошад, боғдорӣ, токпарварӣ соҳаи асосии кишоварзӣ ба ҳисоб меравaнд. Дар нақлиёт баробари нақлиёти хушкигард нақлиёти баҳрӣ ҳам аҳамияти калон дорад.

Ба ғайр аз муаммоҳои муваффақ шудан ба рушди иҷтимоиву иқтисодӣ дар давлатҳои Океания дар байни аҳолӣ баланд будани

дарачаи бекорӣ, ҳолатҳои низоӣ оид ба назоратбарии ҷазираҳои ҳудуди минтақа муаммои асосии он ба ҳисоб меравад.

Океания, Меланезия, Полинезия, Микронезия, атолҳо, нажоди хурди австролоид, копра, зироати яккаҳукмрон, типи индустриалӣ, ҳолати низоовар.

1. Ба мақоми географии давлатҳои Океания чӣ гуна баҳо медиҳед?
2. Давлатҳои Океания аз якдигар бо кадом ҷиҳатҳояшон фарқ мекунанд?
3. Аз маълумотҳои иловагӣ истифода бурда ҷадвали поёниро пур кунед.

| № | Давлатҳо | Майдонаш млн км$^2$ | Аҳолиаш млн. нафар | Шакли идора | Соҳаи тахас-сусонидашуда |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Зеландияи нав | | | | |
| 2 | Штатҳои Муттаҳидаи Микронезия | | | | |
| 3 | Тонго | | | | |
| 4 | Науру | | | | |
| 5 | Кирибати | | | | |



# БОБИ IX. СУБМИНТАҚАҲОИ ОСИЁ

## § 28. Давлатҳои Осиёи ҷанубӣ ғарбӣ ва ҷанубӣ

Осиё дар ҷаҳон қитъаи аз ҳама калон буда, майдони он 43,4 млн км$^2$ (масоҳати хушкии ҷаҳон 29,2 фоиз), миқдори аҳолиаш қариб 4,4 миллиард нафар (59,5 фоизи аҳолии ҷаҳонро ташкил медиҳад) аст. Дар харитаи сиёсии замонавии Осиё 47-то давлати мустақил мавҷуд аст. Аз ин давлатҳо 13-тояш шакли идораи монархиявӣ, 7-тоаш сохти ҳудудӣ-маъмурии федеративӣ дорад. Ҳудуди қитъа ба 5-то субминтақа Ҷанубӣ-ғарбӣ, Ҷанубӣ, Шарқӣ, Ҷанубӣ-шарқӣ ва Осиёи Марказӣ тақсим мегардад (расми 23). Субминтақаҳои мазкурро ба сифати минтақаи маданӣ-таърихӣ ҳам мушоҳида кардан мумкин аст. Барои ҷудокунии онҳо баробари омилҳои таърихӣ, этникӣ, динӣ ба аломатҳои табиӣ ҳам эътибор нигаронда шудааст.




***Расми 23.*** Субминтақаи Осиё.

**Осиёи Ҷанубӣ-ғарбӣ.** Мувофиқи миқдори аҳолӣ давлатҳои Туркия, Эрон, Афғонистон, Ироқ. Арабистони Саъудӣ пешқадам аст. 60 фоизи аҳолии умумӣ дар деҳот истиқомат мекунад.

Дар субминтақа асосан саноатҳои нафт (давлатҳои халиҷи Форс, Туркия, Озарбойҷон, Арманистон), мошинасозӣ (Туркия, Эрон, Гурҷистон, Озарбойҷон, Арманистон) ва маъдангудозӣ (Туркия, Эрон, АМА) ва кимиё (Эрон, Туркия, Озарбойҷон) ривоҷ меёбанд.

Соҳаи пешбари хоҷагии қишлоқ деҳқонӣ ба ҳисоб меравад. Асосан, кишоварзии обёришаванда тараққӣ карда, барои истеъмол гандум, ҷуворимакка, ҷав рӯёнда мешавад. Дар давлатҳои соҳили баҳри Миёназамин сабзавоткорӣ, мева, токпарварӣ ривоҷ ёфта, баробари ин рӯёндани зайтун мавқеи калон дорад ва маҳз аз рӯйи ҳамин соҳа

дар минтақа пешқадамӣ дорад. Дар Туркия пахтакорӣ, парвариши тамоку, меваи ситрус, ғалладона, дар Эрон рӯёндани хурмо, меваҳои ситрус, лаблабуи қанд, пахта, дар Ироқ, Сурия ва Исроил пахта, тамоку, хурмо ривоҷ ёфтааст. Дар чорводорӣ Туркия ба парвариши бузҳои ангорӣ, давлатҳои нимҷазираи Арабистон ба шутурпарварӣ, Эрон ва Афғонистон ба қароқӯлпарварӣ тахассусонида шудаанд. Дар байни соҳаҳои адои хизмат нақлиёт ва туризм мавқеи калон дорад.

**Давлатҳои Осиёи Ҷанубӣ.** Майдони умумии субминтақаи Осиёи Ҷанубӣ 4,5 млн км$^2$-ро ташкил медиҳад. Дар минтақа қариб 2 миллиард аҳолӣ истиқомат мекунад. Ба таркиби субминтақаи мазкур нимҷазираи Ҳиндустон, ҳамвории Ҳинд-Ганг, Шри-Ланка, Малдив, Андаман, Никобар, инчунин ҷазираҳои Лаккадив шомил аст. Дар ҳудуди он 7-то давлат ҷойгир аст. Дар байни давлатҳои минтақа якто давлати монархиявии Шоҳигарии Бутан ва 6-то республика мавҷуд аст. Мувофиқи сохти маъмурӣ-ҳудудӣ Ҳиндустон ва Покистон давлатҳои федеративӣ, боқимонда давлатҳои унитарӣ ба ҳисоб мераванд.

Мавқеи ишғолгардидаи Осиёи Ҷанубӣ дар миқёси дунё ин тавр аст: ин субминтақа 3,1 фоизи майдони хушкии кураи Заминро ишғол мекунад: 25,4 фоизи аҳолии минтақаи мазкур аҳолии дунёро ташкил менамояд. Дар дунё 9 фоизи МУМ ба ҳиссаи ана ҳамин субминтақа рост меояд.

Имконияти бевосита ба уқёнуси дунё баромадан мавҷуд аст. Ҳавзаи уқёнуси Ҳинд дар маркази ҳудудҳои соҳили баҳрӣ ҷойгир буда, дар ҳудуди он мавҷуд будани марказҳои қадими таърихӣ, аз ҷиҳати мавқеи географӣ минтақа ба худ хос ба ҳисоб меравад. Дар шимол Осиёи Ҷанубиро қаторкӯҳҳои Ҳимолой ва Қорақурум иҳота намудаанд. Дар шимолу шарқ бо кӯҳҳои Ассам-Бирман бо ҷангалзор фаро гирифта шуда, дар шимолӣ-ғарбӣ бошад, ба воситаи кӯҳсорҳои Ҳиндукуш ва Эрон ҳамҷавор аст. Дар минтақа аз шимол ба ҷануб нигоҳ карда кӯҳи дар дунё аз ҳама баланди Ҳимолой ба сӯйи ҷазираи Малдиваи дар экватор ҷойгиршуда паст шуда меравад (расми 24).

Ба минтақаи мазкур иқлими шаклаш муссон хос буда, дар давоми сол қатъан тағйир ёфтани обу ҳаво фарқ мекунад. Дар ин ҷо ду мавсими иқлимии дақиқ ифодагардида (ҳам тобистон ва мавсими хушки зимистон) ҷудо мегардад. Ба ривоҷ ёфтани иқтисодиёти минтақа захираҳои табиӣ, алалхусус захираҳои минералӣ дорои аҳамияти калон аст. Дар ин ҷо аз захираҳои сӯзишворӣ-энергетикӣ




***Расми 23.*** Тафовут дар сохти релефи давлатҳои субминтақаи Осиёи Ҷанубӣ.

сар карда (ангишт, гази табиӣ, регҳои монатсити дар таркибаш радиоактиву мавҷудаи торий доошта), маъданҳои гаронбаҳо, инчунин сангҳо мавҷуданд (тилло, зумрад, алмос). Субминтақа дар ҷаҳон бо захираҳои маъдани металли сиёҳ (оҳан, марганес, хром) фарқ мекунад. Солҳои охир дар минтақаи шелфи баҳр нафт ва газ ривоҷ меёбад. Бо захираҳои об нисбатан хуб таъмин гардидааст. Ҳинд, Ганг, Браҳмапутра дарёҳои калон ба ҳисоб меравaнд. Дар субминтақа хокҳои аллювиааи ҳосилнокиашон баланд, хокҳои гилии дорои хосияти хоки сиёҳ регурҳои васеъ паҳн гардидааст. Дар тамоми давлатҳои Осиёи Ҷанубӣ вобаста ба омилҳои тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, миллӣ, динӣ суръати афзоиши табии аҳолӣ баланд аст. Дар Осиёи Ҷанубӣ беш аз 1 миллион 33-то этнос истиқомат карда, 98 фоизи аҳолии минтақа ба ҳиссаи онҳо рост меояд. Асосан, динҳои индуизм (Ҳиндустон), ислом (Покистон, Бангладеш, Малдив), буддизм (Бутан, Непал, Шри-Ланка) паҳн шудааст.

Маълум аст, ки Осиёи Ҷанубӣ аз қадим ба сифати яке аз марказҳои кишоварзии обёришавандаи дар ҷаҳон аҳолиаш аз ҳама зич ҷойгиршудаи ареаллари ба ҳисоб меравад. Дар ин ҷо зичии миёна ба 1 км$^2$ аз 355 нафар зиёд буда, аз нишондиҳандаи миёнаи ҷаҳонӣ 6,7 маротиба зиёд аст. Дар ҳудудҳои ҳамвори водиҳои калони дарёӣ (алалхусус, водии дарёи Ганг), инчунин ҳудудҳои канори баҳрӣ нишондиҳандаи аз ҳама баланди зичии аҳолӣ қайд шудааст. Осиёи Ҷанубӣ яке аз минтақаҳои дараҷаи урбанизатсияаш аз ҳама кам ба ҳисоб меравад (46 %). Ҳолати мазкур сабаби тараққиёти пасти иҷтимоиву иқтисодии давлатҳои минтақа аст. Баробари ин дар бисёр давлатҳои минтақа ҷараёни урбанизатсияи сохта ҳам бо суръати баланд ривоҷ меёбад.

Дар иқтисодиёти Осиёи Ҷанубӣ дараҷаи ривоҷёбӣ нисбати дигар субминтақаҳои Осиё нишондиҳандааш паст қайд гардидааст.

Давлатҳои Бутан ва Непал аграрӣ, Малдив аграрӣ-индустриалӣ, Бангладеш, Покистон, Ҳиндустон, инчунин Шри-Ланка индустриалӣ-аграрӣ ба ҳисоб меравaнд. Давлатҳои Осиёи Ҷанубӣ дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ асосан бо ривоҷёбии саноати кӯҳканӣ (Ҳиндустон, Непал, Бутан), маъдани сиёҳу ранга (Покистон, Ҳиндустон, Шри-Ланка) кимиё (Ҳиндустон, Покистон), соҳаҳои сабук ва озуқаворӣ (дар тамоми давлатҳо) фарқ мекунад.

Дар рӯёндани маҳсулоти кишоварзӣ соҳаи деҳқонӣ такягоҳ асосӣ ба ҳисоб меравад. Осиёи Ҷанубӣ дар рӯёндани зироати ғалладона (алалхусус, шолӣ) дар ҷаҳон ба сифати минтақаи калон шинохта шудааст. Ба ғайр аз ин, дар ин ҷо ҷут (Ҳиндустон, Бангладеш), каучуки табиӣ, кокос (Шри-Ланка), шакарқамиш, пахта, чормағзи заминӣ ҳам рӯёнда мешавад. Ҳиндустон ва Шри-Ланка 40 фоизи тамоми ҳосили чойи ҷаҳониро рӯёнда, аз рӯйи содироти он чойҳои намоёнро ишғол мекунад. Инчунин субминтақа дар рӯёндани зиравори гуногун ҳам дар ҷаҳон пешқадамӣ мекунад. Дар чорводорӣ парвариши чорвои калони шохдор, гӯсфанд ва буз, моҳидорӣ барин соҳаҳо ривоҷ ёфтааст. Баробари ин дар давлатҳои минтақа аз соҳаи хизматрасонӣ, туризм, тиббиёт, расондани хизмати нақлиёт мавқеи калонро соҳиб аст.

Субминтақаҳои Осиё, давлатҳои Осиёи Ҷанубӣ-Ғарбӣ, давлатҳои гулӯгоҳи Форс, канали Сувайш, давлатҳои Кавказ, нимҷазираи Ҳиндустон, хокҳои регур.

1. Давлатҳои Осиёи Ҷанубӣ дар хоҷагии ҷаҳонӣ бо дар кадом соҳаҳо тахассусонида шудан фарқ мекунанд?
2. Дар байни давлатҳои Осиёи Ҷанубӣ-Ғарбӣ дар дохили хушкӣ ҷойгиршудаашро аз харита нишон диҳед.
3. Аз харита истифода бурда, ҷадвали зеринро пур кунед:

| Намудҳои мавқеи географии табиӣ | Давлатҳои Осиёи Ҷанубӣ-Ғарбӣ ва Ҷанубӣ |
|---|---|
| Давлатҳои дорои сарҳадҳои баҳрӣ | |
| Давлатҳои дар дохили хушкӣ ҷойгиршуда | |
| Давлатҳои ҷазиравӣ | |
| Давлатҳои нимҷазира | |
| Давлатҳои архипелаг | |

## § 29. Давлатҳои Осиёи Шарқӣ ва Ҷанубӣ-Шарқӣ

**Давлатҳои Осиёи Шарқӣ.** Ҳудудҳои дар қисми шарқии Осиё ҷойгиршуда субминтақаи Осиёи Шарқӣ ба ҳисоб меравад. Аз қисмҳои шимолӣ, ғарбӣ, ҷанубӣ сарҳади хушкии минтақа гузашта, шарқиаш бо занҷири баҳрҳои Япон, Зард, Хитойи Шарқӣ, Хитойи Ҷанубӣ иҳота гардидааст. Майдони умумии он 11,8 млн.км$^2$, миқдори аҳолӣ аз 1,5 млрд зиёд аст. Минтақаи мазкур 8 фоизи майдони хушкии кураи Заминро ташкил мекунад; 22,2 фоизи аҳолии дунёро дар бар мегирад; дар дунё беш аз 1,4 қисми МУМ ба ҳиссаи минтақа рост меояд. Дар ҳудуди субминтақа 5-то давлати мустақил ҷойгир шудааст.

Субминтақаи Осиёи Шарқӣ аз ҷиҳати майдон минтақаи аз ҳама калони Осиё ба ҳисоб меравад. Дар байни давлатҳои он Хитой аз ҷиҳати калонии марз дар ҷаҳон ҷойи дуюм, мувофиқи шумораи аҳолӣ бошад, ҷойи якумро ишғол менамояд. Республикаи Корея аз ҷиҳати майдон давлати хурд ба ҳисоб меравад. Муғулистон мувофиқи миқдори аҳолӣ дар гурӯҳ ҷойи охиринро ишғол менамояд. Боз як ҷиҳати ба худ хоси давлатҳои субминтақа ҳамин аст, ки ҳар як давлат ба сиёсати худ, мувофиқи ҳолати ривоҷёбӣ қариб, ки ба якдигар монанд нестанд. Дар ин ҷо дар як қатор бо Республикаи Халқии Хитой, ки дар асоси сохти сотсиалистӣ ривоҷ ёфта, талабҳои иқтисоди бозаргониро дар худ таҷассум гардондааст; Республикаи Халқии Демократии Корея (РХДК), ки давлати аз ҳам ҳарбигардидаи ҷаҳон ба ҳисоб рафта, соҳиби низоми тоталитарӣ аст, яке аз давлатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ бисёр ривоҷёфтаи ҷаҳон, ки дорои низоми дар минтақа ягона мебошад, давлати пастиндустриалии Япония, давлати нави саноатигардида – Республикаи Корея, Муғулистони иқтисодиёташ ниҳоят паст тараққикарда ҷойгир аст.

Дорои имконияти бевосита ба уқёнуси Ором бароянда (ба ғайр аз Муғулистон) будан, яке аз маркази қадимаи тамаддуни субминтақа будан ҷиҳати мусбии мавқеи географӣ ҳисобида шавад, қисмҳои ғарбӣ ва шарқӣ аз кӯҳҳои баланд иборат буда, қисми асосиаш дар уқёнуси Ороми минтақаи сейсмикӣ ҷойгир шуданаш ҳамчун ҷиҳати манфӣ намоён мегардад.

Хосиятҳои релефи давлатҳои Осиёи Шарқӣ нисбатан монананд. Дар тамоми давлатҳо ҳудудҳои рост майдони калонро ташкил медиҳад. Баробари ин Гоби, Такламакон барин биёбонҳо мавҷу-

данд. Водиҳои наздикӯҳӣ, дарё ва ҳудудҳои назди баҳрӣ ҳудудҳои ҳамвории асосии минтақаро ташкил медиҳанд (расми 24).

Давлатҳои Осиёи Шарқӣ асосан дар минтақаҳои мӯътадил,



Биёбони Такламакон



Япония



Кӯҳҳои Тибет

***Расми 24.*** Манзараҳои табиати мамлакатҳои Осиёи Шарқӣ.

субтропики ва субэкваториалӣ ҷойгир аст. Дар иқтисодиёти давлатҳои мазкур захираҳои табиии дар ҳудуди онҳо мавҷуда аҳамияти калон дорад. Намудҳои гуногуни захираҳои минералӣ ба ғайр аз Япония ба ҳамаи давлатҳои дигар паҳн шуда бошад, давлатҳои нимҷазираи Япония, Корея бо аз ҷиҳати захираҳои об бой будан фарқ мекунанд. Ба ғайр аз ин, захираҳои замин (Хитой), ҷангал (давлатҳои Хитой, ниҷазираи Корея), рекреатсион (Япония, Хитой, Республикаи Корея) ба аҳамияти калони иқтисодӣ молик аст.

Субминтақа яке аз ҳудудҳои аз ҷиҳати микдор ва зичии аҳолӣ баланддараҷа ба ҳисоб меравад. Омили тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба дараҷаи афзоиши табиии Республикаи Корея таъсири манфӣ мерасонад. Аз сабаби он ки дар онҳо дараҷаи таваллуд паст аст, дар байни аҳолӣ саҳми калонсолон ва мӯйсафедон меафзояд. Дар Хитой миқдори аҳолӣ суст меафзояд, дар ин чо солҳои охир сиёсати демографӣ ба кам гардондани аҳолӣ нигаронда шудааст. Дар байни давлатҳои минтақа дар РХДК ва Муғулистон ҷараёни афзоиши табиӣ рӯй медиҳад. Дар субминтақа зичии миёнаи аҳолӣ дар 1 км$^2$ ба 136 нафар баробар. Нишондиҳандаҳои зичии аҳолӣ дар Республикаи Корея аз ҳама баланд (ба 1 км$^2$ 510 нафар), дар Муғулистон бошад, аз ҳама паст (2 нафар). Дар субминтақа нишондиҳандаи дараҷаи миёнаи урбанизатсия 58 фоиз, дар байни давлатҳои иқтисодиёташ ривоҷёфта – Япония (93%), Республикаи Корея (82%) баланд. Дар РДХК паст (60%) аст. Тамоми соҳаҳои саноати кӯҳканӣ (Хитой, Муғулистон, РХДК), сӯзишворӣ-энергетикӣ (Хитой,

Республикаи Корея, Япония), маъдани сиёҳ ва ранга (Хитой, Япония, Республикаи Корея), мошинасозӣ (Хитой, Япония, Республикаи Корея), кимиё (Хитой, Япония, Республикаи Корея, РХДК), ҷангал ва чӯбкоркунӣ (Хитой, Республикаи Корея), саноати сабук ва хӯрокворӣ (дар тамоми давлатҳои субминтақа) аҳамияти калон дорад. Аз рӯйи истеҳсоли маҳсулоти саноат дар соҳаҳои гуногун давлатҳои Хитой, Япония, Республикаи Корея дар ҷаҳон пешқадаманд. Алалхусус, саҳми саноати маъдангудозии сиёҳ, қайиқсозӣ, автомобилсозӣ, электроника ва электротехника, кимиё калон аст.

Дар иқтисодиёти давлатҳои Осиёи Шарқӣ кишоварзӣ аҳамияти калон дорад. Дар кишоварзии Муғулистон ва Япония чорводорӣ, дар давлатҳои боқимонда ҳиссаи кишоварзӣ калон аст. Дар соҳаи деҳқонӣ рӯёндани ғалладона (гандум, шолӣ, ҷуворимакка), зироати техникӣ (пахта, тамоку, чой, картошка, соя), боғдорӣ хуб ривоҷ ёфтааст. Дар чорводорӣ парвариши чорвои калони шохдор, паррандапарварӣ ва моҳидорӣ мавқеи калон дорад. Дар Муғулистон соҳаҳои парвариши гӯсфанду асп, шутур ва оҳу ҳам ривоҷ ёфтааст. Дар нақлиёт нақлиёти хушкигард аҳамияти калон дорад. Дар давлатҳои соҳили баҳр нақлиёти обӣ ҳам ривоҷ ёфтааст.

Давлатҳои Осиёи Ҷанубӣ-Шарқӣ. Ба таркиби субминтақаи Осиёи Ҷанубӣ-Шарқӣ нимҷазираи Ҳинду Хитой, ҷазираҳои архипелаги Малай, қисми ғарбии Гвинеяи нав дохил мегардад. Майдони он 4,5 млн.км$^2$ буда, майдони умумии хушкӣ 3 фоизро ишғол мекунад. Миқдори аҳолиаш ба 630 миллион наздик аст. Яъне, дар ин субминтақа беш аз 8,5 фоизи аҳолии ҷаҳон истиқомат мекунад. Аз ҷиҳати ҷойгиршавии географӣ Ветнам, Камбоҷа, Лаос, Мянма, Таиланд ва нимҷазираи Малайзия, Бруней, Индонезия, Сингапур, Филиппин ва Тимори Шарқӣ давлатҳои ҷазиравӣ ба ҳисоб мераванд. Дар ин ҷо 11 давлате ҷойгир аст, ки бо калонии майдон, миқдори аҳолӣ, мувофиқи дараҷаи тараққиёти иҷтимоиву иқтисодӣ аз якдигар фарқ мекунанд. Дар байни онҳо танҳо Лаос, ки давлати дар дохили хушкӣ ҷойгир аст, ба баҳр тоб оварда наметавонад.

Аз давлатҳо 4-тояш шакли идораи монархияviро соҳиб аст. Мувофиқи сохти маъмурӣ – ҳудудӣ давлатҳои Малайзия ва Мянма давлатҳои федеративӣ ба ҳисоб мераванд. Ҷойгиршавӣ байни укёнусҳои Ҳинд ва Ором, ба ривоҷи иқтисодиёти давлатҳои минтақа таъсири ду кишвари тамаддуни бузург - Хитой ва Ҳиндустон пурзӯр будан; дар кашфиётҳои бузурги географӣ оғоз ёфтани ривоҷи савдои

байналхалқӣ ва дар болои роҳҳои баҳрӣ ҷойгиршавӣ хосияти асосии мавқеи географии минтақа ба ҳисоб меравад.

Дар релефи субминтақа ҳиссаи ҳудудҳои рост ва ҳамвор қариб, ки баробар аст. Дар минтақа ҳудудҳои калони ҳамворӣ мавҷуд нест. Асосан дар минтақаҳои иқлими субэкваториал ва экваториал ҷойгир шуда, хосиятҳои иқлимӣ дар ин ҷо ба мавҷуд будани ҷангалзорҳои тропикии сабз сабабгор аст. Бо захираҳои об хуб таъмин гардидааст 42 фоизи ҳудуди минтақа бо ҷангалзор фаро гирифта шудааст. Дарёҳои Меконг, Иравади, Чао – Прая, Хонгха манбаи асосии оби ошомиданӣ ба ҳисоб мераванд. Дарёҳои бузурги минтақа асосан, аз ҳудудҳои давлати нимҷазира ҷорӣ мегарданд.

Захираҳои биологии уқёнуси дунёвӣ ҳам ба иқтисодиёти давлатҳо аҳамияти калон дорад. Онҳо аз тарафи аҳолӣ ба истеъмол васеъ истифода бурда мешаванд. Дар баъзе ҷазираҳои архипелаги Малай дурри табиӣ руёнда мешавад.

Дар байни захираҳои табиии минтақа захираҳои минералӣ дорои аҳамияти муҳими иқтисодист. Аз сабаби он ки аз ҳудуди Мянма то Индонезия камари қалъагӣ-волфрам тӯл кашидааст, тамоми давлатҳои нимҷазира, инчунин дар ҳудуди Индонезия ба миқдори зиёд маъдани қалъагӣ истихроҷ мегардад. Субминтақа аз рӯйи захираи қалъагӣ дар ҷаҳон ҷойи аввалро ишғол менамояд. Аз рӯйи захираи сурма Осиёи Ҷанубӣ-Шарқӣ дар қитъа ҷойи аввал, дар ҷаҳон бошад, ҷойи дуюмро ишғол менамояд. Ба ғайр аз ин, аз ҳудуди мазкур нефт (Индонезия, Малайзия, Бруней), ангиштсанг (Ветнам, Индонезия), маъдани уран (Индонезия, Филиппин), тилло (Мянма, Ветнам, Филиппин), волфрам (Мянма, Таиланд), боксит (Индонезия, Филиппин, Малайзия) барин захираҳои минералӣ истихроҷ мегарданд.

Амалан дар тамоми давлатҳои Осиёи Ҷанубӣ-Шарқӣ дараҷаи афзоиши табиии аҳолӣ баланд аст. Ба он дар навбати аввал омилҳои миллӣ, динӣ таъсири калон мерасонанд. Индонезия, Филиппин, Ветнам давлатҳои аҳолиаш аз ҳама зиёди минтақа ба ҳисоб меравад. Дар ҳудуди Осиёи ҷанубӣ-шарқӣ беш аз 200 халқҳо зиндагонӣ мекунанд. Дар байни онҳо малайиҳо, лаоҳо, тайиҳо, ветнамиҳо, семангҳо, бирмачиҳо, филиппиниҳо, явакиҳо, хитойиҳо саҳм доранд. Минтақа бинобар салоҳияти эътиқодмандони дини ислом дар ҷойи аввал меистад. Дар Таиланд, Лаос, Камбоҷа, Мянма, Сингапур ва Ветнам дини буддизм, дар Сингапур ва Ветнам бошад, конфутсионӣ зия  паҳн гардидааст. Дар баъзе

давлатҳо ҳиссаи католикҳо калон аст (Филиппин, Тимори Шарқӣ). Дар субминтақа зичии миёна ба 1 км$^2$ 140 нафарро ташкил медиҳад. Дар давлатҳои ҳудудашон хурд ин нишондиҳанда хеле баланд (масалан, дар Сингапур ба ҳисоби миёна зичӣ ба 1 км$^2$ аз 8000 нафар мегузарад).



***Расм 26.*** Яке аз шаҳрҳои замонавии Осиёи Ҷанубӣ-Шарқӣ.

Дараҷаи урбанизатсия дар атрофи 50 фоиз. Дар ҳудудҳои саноатӣ ин нишондиҳанда баланд аст (дар Сингапур 100 %), дар давлатҳое, ки дар иқтисодиёташон саҳми кишоварзӣ калон аст, паст мебошад (Тимори Шарқӣ, дар атрофи 30 %). Ҷакарта, Бангкок, Манила шаҳрҳои аз ҳама калон ба ҳисоб мераванд (расми 26).

Дар ривоҷи таърихии минтақа ҳарчанд таъсири Хитой ва Ҳиндустон калон аст, аксар қисми ин давлатҳо дар муайян кардани роҳи тараққиёти иҷтимоиву иқтисодӣ ба модели япон муроҷиат намудаанд. Дар натиҷа дар байни давлатҳои Осиёи ҷанубӣ-шарқӣ миқдори Сингапур, Таиланд, Малайзия барин давлатҳои нави саноат гардида (солҳои охир гурӯҳи давлатҳои рӯ ба инкишоф, ки дар нишондодҳои иҷтимоиву иқтисодӣ тағйиротҳои мусбӣ рӯй медиҳанд) сол ба сол меафзоянд. Ба ғайр аз ин дар ин ҷо Бруней барин содиркунандаи нефт, Сингапур, Тимор, Лаос барин дараҷаи ривоҷи иқтисодиёташ паст ҳам мавҷуд.

Дар субминтақа соҳаҳои саноати кӯҳканӣ (амалан дар ҳамин давлатҳои минтақа), сӯзишворӣ-энергетика (Индонезия, Малайзия, Бруней ва ғайра), маъдани ранга (Индонезия, Малайзия, Таиланд Ветнам ва ғ.), мошинасозӣ (Индонезия, Сингапур, Малайзия ва ғ.), кимиё (Индонезия, Малайзия, Сингапур, Ветнам ва ғ.), сабук ва озуқаворӣ (кариб дар ҳамаи давлатҳои минтақа) ривоҷ меёбад. Дар кишоварзӣ деҳқонӣ соҳаи асосӣ буда, шолӣ навъи асосии зироат ба ҳисоб меравад. Ба ғайр аз ин дар давлатҳои минтақа зиравори гуногун, чой, қаҳва, копра, гевея (барои ҳосил кардани каучуки табиӣ) ҳам рӯёнда мешавад. Дар чорводорӣ моҳидорӣ ривоҷ ёфтааст. Барои давлатҳои Осиёи Ҷанубӣ-Шарқӣ намуди асосии нақлиёт нақлиёти баҳрӣ ва автомобилӣ ба ҳисоб меравад.

Давлатҳои Осиёи Шарқӣ, сохти тоталитарӣ, депопулятсия, давлатҳои Осиёи ҷанубӣ-шарқӣ, нимҷазираи Ҳинду Хитой, давлатҳои нави саноатигардида, ҳудудҳои ассотсиатсияшуда.

1. Саноати вазнини дар иқтисодиёти давлатҳои Осиёи Шарқӣ мавқеи асосӣ доштаро тавсиф намоед.
2. Номи мегашаҳрҳои аҳолиаш аз 10 млн. нафар зиёди Осиё Шарқиро бо номи давлатҳои ҷойгиршудаашон ба дафтаратон нависед.
3. Мувофиқашро ёбед:

1) Ветнам; 2) Малайзия; 3) Лаос; 4) Таиланд; 5) Мянма

А) Бангког; Б) Ханой; В) Куала-Лумпур; Г) Ветнам; Д) Янгон.

## § 30. Мамлакатҳои Осиёи Марказӣ

Субминтақаи сиёсӣ-географии Осиёи Марказӣ дар дохили қитъаи Евроосиё ҷойгир шудааст. Аз соли 1991 боз ба сифати давлатҳои мустақил 5-то собиқ республикаи иттифоқӣ – Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Ӯзбекистонро муттаҳид месозад. Ҷиҳати умумии мавқеи иқтисодӣ-географии давлатҳои номбаршуда аз ҳамин иборат аст, ки ягонтои он имконияти бевосита ба укёнуси дунё баромаданро надорад. Аз он ҷумла, Республикаи Қазоқистон аз ҷиҳати майдон аз 44-то давлати дар ин шакли географӣ ҷойгиршуда аз ҳама калон ба ҳисоб меравад. Дар мобайни субминтақа Республикаи Ӯзбекистон ҷойгир буда. мавқеи ба худ географии хосро дорад, на танҳо худаш, балки ягон давлати ҳамсояаш ҳам бо баҳр ҳамҷавор нест. Ин хосияти географӣ дар байни мамлакатҳои ҷаҳон ба ғайр аз республикаамон ба яке аз давлатҳои «хурд»-и Аврупои Ғарбӣ – князигарии Лихтенштейн ҳам хос, аз давлатҳои ҳудудашон нисбатан калон бошад, ягонтояш ин ҷиҳати ҷойгиршавии географиро молик нест.

Қазоқистон бо Республикаи Туркманистон бо баҳри Каспӣ ҳамҷавор буда, ҳолати мазкур ба мавқеи иқтисодӣ-географӣ, имкониятҳои нақлиётӣ-географӣ салоҳияти табиӣ-захиравии ин ду давлат таъсири мусбӣ мерасонад. Ба ғайр аз ин шароити нақлиётӣ-географии ниҳоят мураккаби Қирғизистон ва Тоҷикистон, ки дар ҳудуди кӯҳҳои баланди Тиёншон ва Помир ҷойгиранд, аз ҷиҳати мавқеи иқтисодӣ-географӣ нисбати дигар давлатҳои дар субминтақа ҷойгиршуда ноқулай ба ҳисоб меравад.

Тарафи мусбии мавқеи иқтисодӣ-географии субминтақаи Осиёи

Марказӣ дар транзити он, яъне имкониятҳои қисмҳои гуногуни Аврупо ва Осиёро бо низоми нақлиёти хушкигард пайваст гардондан акси худро меёбад. Ҳолати мазкур таърихан дар роҳи бузурги абрешим аз ҳудуди ҳозираи давлатҳои Осиёи Марказӣ убур карданаш намоён мегардад. Ҳоло ҳам имкониятҳои иқтисодӣ-географии мамлакатҳои субминтақаро аз рӯйи ин ҷиҳат воло арзёбӣ кардан асоснок аст. Мавқеи геосиёсии Осиёи Марказӣ ба худ хос буда, марказҳои асосии пурқуввати геосиёсии ҳамҷавори Авруосиё – Хитой, Россия, Эрон ва ба ғайр аз ин ҳамсояҳои бевосита ба ҳам бархӯрдани манфиатҳои берунаи ИМА, Иттиҳоди Аврупо, Туркия, Арабистони Саъудӣ, Ҳиндустон, Покистон барин «бозингарони» геосиёсӣ бо ҷойгиршавиаш тавсиф карда мешавад. Инчунин бо Афғонистоне, ки моҷароҳои ҳарбӣ ба анҷом намерасад, ҳамсарҳад будан, ба минтақаҳои воқеиву эҳтимолии зиддияти ҳарбӣ-сиёсӣ наздик ҷойгир шуданаш ҷиҳатҳои манфии мавқеи геосиёсии Осиёи Марказиро муайян месозад.

Майдони умумии мамлакатҳои Осиёи Марказӣ ба 4 млн км$^2$, аҳолиаш дар ҳолати 1 январи соли 2017 ҳамагӣ ба 70,5 миллион нафар баробар аст. Давлатҳои субминтақа аз ҷиҳати калонии ҳудуд ва миқдори аҳолӣ аз якдигар ниҳоят фарқ мекунанд (расми 26). Тафовут дар байни салоҳияти ҳудудӣ ва демографии давлатҳои Осиёи Марказӣ ба шароити табиӣ ва хосиятҳои захираҳо таъсири калон мерасонад. Давлатҳои Осиёи Марказӣ дар минтақаи чиндори Алп-Ҳимолой, ки саросари плитаҳои литосфераи Авруосиё ва Ҳинд – Австралияро убур кардааст ҷойгир шудааст. Аз ҳамин сабаб қисми ҷанубӣ-шарқӣ ва маркази минтақа аз ҷиҳати сейсмикӣ хавфнок ба ҳисоб меравад.




***Расми 26.*** Ҳудуди умумии субминтақаи давлатҳои Осиёи Марказӣ (аз тарафи чап ҳазор км$^2$ ва бо ҳисоби %), инчунин нуфуси аҳолӣ (дар тарафи рост, млн. нафар ва бо ҳисоби фоиз, дар ҳолати 1.01.2017).

Алалхусус дар ҳудудҳои Тоҷикистон ва Қирғизистон бештар заминларза ба амал меояд ва хоси ин ҳудуд аст. Қисмҳои ғарбӣ ва шимолии минтақа асосан сохти платформаи тектониро дорад. Мувофиқи сохти рӯйи Замин Республикаҳои Тоҷикистон ва Қирғизистон, ки дар ҷанубӣ-шарқии субминтақа ҷойгиранд, кӯҳсор, Қозоқистон, Ӯзбекистон ва Туркманистон бошанд, асосан мамлакатҳои ҳамвори васеъ паҳнгардида ба ҳисоб меравand (расми 28). Лекин дар ҳудуди ин се давлат ҳам қаторкӯҳҳо ҳастанду 10–20 фоизи майдонҳоро ишғол намудааст.



***Расми 28.*** Суратҳои аз кайҳои гирифтаи ҳудудҳои Туркманистон (тарафи чап) ва Тоҷикистон (тарафи рост).

Мамлакатҳои Осиёи Марказӣ ба салоҳияти бузурги захираҳои минералӣ соҳибанд. Аз рӯйи захираи нефт Қазоқистон ва Туркманистон, захираи гази табиӣ Туркманистон, Ӯзбекистон ва Қазоқистон ба алоҳидагӣ ҷудо шуда меистад. Аз рӯйи ангиштсанг Қазоқистон, ангишти пармагӣ Ӯзбекистон ғанӣ аст. Захираҳои нафту газ асосан дар пастҳамвории соҳили Каспӣ, даштҳои Қароқуму Қизилқум, платои Устюрт, инчунин дар ҷойҳои фурӯхамидаи байни кӯҳ, захираи аз ҳама калони ангиштсанг дар пастхамиҳои кӯҳии Қазоқистон, ангишти Қарағанда ва Экибастуз ҷойгир аст. Аз оҳан, марганетс ва хром барин маъданҳо Қазоқистон бой мебошад. Конҳои калони маъдани рангаи гуногун, аз он ҷумла маъданҳои гаронбаҳо ва нодир бошад ба ғайр аз Туркманистон дар ҳамаи давлатҳои субминтақа мавҷуд. Аз он ҷумла, аз захираҳои тилло, уран, кадмий, мис, молибден Ӯзбекистон, уран, волфрам, молибден, қӯрғошим, рух Қазоқистон, тилло, симоб, сурма Қирғизистон, нукра, захираҳои уран Тоҷикистон ба таври алоҳида ҷудо шуда меистанд. Захираҳои калони намакҳои гуногуни минералӣ дар Туркманистон, Ӯзбекистон ва Қазоқистон мавҷуд аст.

Хусусияти умумии иқлими давлатҳои Осиёи Маркази мустақил аст ва дар силсилагии ҷиҳатҳои иқлими субтропик, континенталии қатъӣ ва хушкӣ ифодаи худро меёбад. Ба туфайли он ҳудуди давлатҳои Осиёи Марказӣ асосан аз минтақаҳои табиати биёбон, нимбиёбон ва дашт иборат мебошад.

Дар шароити Осиёи Марказӣ ба ривоҷи кишоварзӣ омили таъсири ҳалкунанда расонанда – захираҳои об, дар ҳудуди субминтақа хеле ноҳамвор тақсим гардидааст. Тамоми дарёҳои бузурги субминтақа – Амударё, Сирдарё, Зарафшон, Или, Иртиш ва ғайра трансҳудудӣ (аз ҳудуди ду ва аз он зиёд давлат гузаранда) буда, аз кӯҳҳои Тиёншон, Алотови Ҷунғория, инчунин Помир, яъне ҳудудҳои Тоҷикистон, Қирғизистон ва Хитой оғоз меёбад. Барои ҳамин ҳам Тоҷикистон бо Қирғизистон аз захираҳои об ва гидроэнергетика бой аст. Қазоқистон, Ӯзбекистон ва алалхусус бисёр ҳудудҳои Туркманистон бошад аз он норасо аст.

Аҳолии мамлакатҳои Осиёи Марказӣ вобаста ба омилҳои захираҳои об ва Замин (соҳаҳои гидрографӣ ва релеф) ноҳамвор ҷойгир шуда, асосан деҳқонии обёришавандаи хуб ривоҷёфта дар водии дарё ва делтаҳо, фосилаи фурӯхамидаи кӯҳӣ муҷассам гардидааст. Азбаски қисми зиёди заминҳо дар ҳудудҳои Ӯзбекистон аст, республикаамон аз ҷиҳати микдори аҳолӣ дар субминтақа пешқадам аст. Аз рӯйи нишондиҳандаи зичии аҳолӣ дар Осиёи Марказӣ дар ҳолати 1.01.2017 дар Ӯзбекистон (71,5 нафар 11 км$^2$), ва Тоҷикистон (68,3 нафар/км$^2$) пешбар, Қазоқистон бошад (6,6 нафар/км$^2$) буда, ҷойи аз ҳама охиринро ишғол менамояд. Дар байни мамлакатҳои ҷаҳон ҳам ба сафи давлатҳои аҳолиаш аз ҳама кам ҷойгиршуда шомил аст (аз рӯйи зичиии аҳолӣ ба ҳисоби миёна дар дунё ҷойи 184-умро ишғол менамояд). Дар давлатҳои Осиёи Марказӣ дар вазъияти демографӣ нишондиҳандаҳои таваллуд ва афзоиши табиии аҳолӣ ба афзоиши хос молик аст. Нишондиҳандаҳои гуфташуда дар субминтақа дар Қирғизистон ва Тоҷикистон аз ҳама баланд, Қазоқистон ва Туркманистон паст, дар Ӯзбекистон бошад, ба дараҷаи миёна аст. Инчунин, дар панҷ республика ҳам салдои манфии миграция ба назар мерасад (ҷадвали 10). Дараҷаи урбанизатсия дар Қазоқистон 53%, Ӯзбекистон 51% Туркманистон 50%, Қирғизистон 36%, Тоҷикистон бошад, ба 26 фоиз баробар. Маълум мегардад, ки дар байни нишондиҳандаҳои аз ҳама баланду аз ҳама паст тафовут 2 маротиба

баробар аст. Дар Осиёи Марказӣ 2-то шаҳри «миллионер» мавҷуд аст: Тошканд (2,4 млн нафар) ва Олма-Ато (1,7 миллион нафар).

*Ҷадвали 10.*

**Баъзе нишондиҳандаҳои демографии давлатҳои Осиёи Марказӣ (соли 2016)**

| № | Давлатҳо | Таваллуд (ба ҳар 1000 нафар) | Фавт (ба ҳар як 1000 нафар) | Афзоиши табиӣ | | Дараҷаи миграцсия ба ҳар як 1000 нафар | Афзоиши умумӣ | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Ба ҳар як 1000 нафар | % | | Ба ҳар як 1000 нафар | % |
| 1 | Қазоқистон | 23 | 8 | 15 | 1,5 | -1 | 14 | 1,4 |
| 2 | Қирғизистон | 28 | 6 | 22 | 2,2 | -1 | 21 | 2,1 |
| 3 | Тоҷикистон | 31 | 6 | 25 | 2,5 | -3 | 22 | 2,2 |
| 4 | Туркманистон | 21 | 8 | 13 | 1,3 | -1 | 12 | 1,2 |
| 5 | Ӯзбекистон | 23 | 5 | 18 | 1,8 | -1 | 17 | 1,7 |

Остона, Бишкек, Душанбе, Ашқобод, Шимкент, Намангон, Самарқанд бошад, ба қатори шаҳрҳои калон (аҳолиаш аз 500 ҳазор нафар зиёд) медароянд.

Аз халқҳои маҳаллӣ ӯзбек, қазоқ, қирғиз, туркман, қароқал-поқҳо ба гурӯҳи туркии оилаи забонҳои олтой мансуб буда, тоҷикон ва халқҳои хурди ба онҳо бародар дар Помир (шуғнониҳо, ваханҳо, ишкошимиҳо ва ғайра) ба таркиби гурӯҳи забонҳои эронии оилаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ медароянд. Вакилони забонҳои номбардшуда на танҳо дар республикаҳои дахлдор, балки дар ҳудуди давлатҳои васеъ ҳам паҳн гардидаанд. Масалан, ӯзбекон аз ҷиҳати миқдор дар давлатҳои ба Ӯзбекистон ҳамсоя Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон миллати 2-юм, дар Қазоқистон бошад, миллати 3-юм ба ҳисоб меравад. Дар навбати худ дар Ӯзбекистон ҳам вакилони тоҷикону қазоқҳо, қирғизҳо ва туркманҳо бонуфуз аст.

Давлатҳои Осиёи Марказӣ аз нуктаи назари таснифи мамлакатҳои ҷаҳон, ки аз тарафи СММ қабул гардидааст, ба тоифаи давлатҳои иқтисодиёташ гузаранда мансубанд. Ҳаҷми МДМ-и мамлакатҳои Осиёи Марказӣ мувофиқи натиҷаҳои соли 2016, мувофиқи Бунёди байналхалқии асъор ба 800 млрд доллари ИМА баробар аст.

Дар байни панҷ давлат аз рӯйи ҳаҷми МДМ ҷойҳои якум ба Қазоқистон, дуюм ба Ӯзбекистон, сеюм Туркманистон, чаҳорум Тоҷикистон ва панҷум Қирғизистон мансуб аст.

Хосияти умумии вазъияти иҷтимоӣ-иқтисодии давлатҳои субминтақа, то гузаштаи наздик дар макони ягонаи сиёсӣ ва иқтисодӣ ривоҷ ёфтани онҳоро ба назар гирифта, иқтисодиёташ асосан ба ашёи хом ва захираҳои замину об такя намуда, саноаташ ривоҷёбанда, саъю кӯшиши ташкил кардани корхона, марказҳои соҳаҳо ва ҳудудӣ, монанд будани тахассусонидани кишоварзӣ, ба самти умумӣ нигарондани иқтисодиёти беруна, яъне ба ҷидду ҷаҳд амалӣ гардондан бо Хитой, Россия, Республикаи Корея, Туркия, давлатҳои Аврупо акси худро пайдо мекунад. Вале, дар ҳар як хоҷагии давлатҳои Осиёи Марказӣ, албатта ҷиҳатҳои ба худ мос мавҷуд аст. Азбаски аз ҷиҳати аҳамият иқтисодиёти Қазоқистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон нисбати соҳаҳои кишоварзӣ як қадар бартариро дорад, ин се республика давлати индустралӣ-аграрӣ ба ҳисоб меравад. Тоҷикистон ва Қирғизистон бошанд, иқтисодиёташ дар самти аграрӣ-индустралӣ ривоҷ меёбад.

Маҷмӯи сӯзишвории энергетикӣ дар Қазоқистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон хуб ривоҷ ёфтааст. Қазоқистон аз ҷиҳати захираҳои нефт, истихроҷ ва ҳаҷми ба содирот баровардани он пешсаф буда, соле беш аз 100 млн тонна нафтро истихроҷ намуда, қисми зиёдашро ба содирот мебарорад. Барои Туркманистон асоси боигарии иқтисодиёт ва бойигарии миллӣ саноати газ ба ҳисоб меравад. Мамлакати мазкур аз рӯйи захираҳои газ дар ҷаҳон дар ҷойи 4-ум, давлатҳои ИДМ ҷойи 2-юм, дар Осиёи Марказӣ бошад, дар ҷойи якум меистад. Аз рӯйи ҳаҷми захираҳои гази табиӣ дар дунё мақоми дуюм дошта – кони гази Галқиниш ҳам дар Туркманистон ҷойгир шудааст.

Маъдани сиёҳ дар байни давлатҳои Осиёи Марказӣ дар Қазоқистон аз ҳама хуб ривоҷ ёфтааст. Корхонаҳои асосии ин соҳа дар Қазоқистон дар пояи конҳои калони маъдани кӯҳии вилоятҳои Қарағанда (шаҳри Темиртов) ва Қӯстанай (шаҳри Рудний) ҷойгир шудааст. Маъдани ранга ба ғайр аз республикаи Туркманистон, дар иқтисодиёт ва савдои берунии тамоми давлатҳои Осиёи Марказӣ аҳамияти калонро молик аст. Ӯ Ӯзбекистон дар истихроҷи тилло, уран, мис, кадмий, Қазоқистон уран, қӯрғошим, рух, волфрам, молибден, мис, Қирғизистон тилло,

симоб, сурма, Тоҷикистон алюминий ба нишондиҳандаи баланд молик мебошанд. Саноати кимиё дар Қазоқистон, Ӯзбекистон, Туркманистон нисбатан хуб ривоҷ ёфта, асосан истеҳсоли нуриҳои минералӣ, кислотаи сулфат, сода, мирабилит ба роҳ монда ба азнавкоркарди нафту гази табиӣ тахассусонида шудааст. Аз рӯйи мошинасозӣ Ӯзбекистон, Қазоқистон пешсафанд. Дар ин бора дар Ӯзбекистон саноати автомобилсозии торафт ривоҷёбанда сазовори эътибори алоҳида аст.

Кишоварзӣ дар ҳамаи мамлакатҳои Осиёи Марказӣ хуб ривоҷ ёфта, ба аҳамияти баланди иқтисодӣ молик аст. Ба таркиби соҳаҳои молии кишоварзии Қазоқистон асосан ғалладона, чорводорӣ медароянд. Дар соҳаҳои кишоварзии Ӯзбекистон пахтакорӣ, кирмакпарварӣ, боғдорӣ, токпарварӣ, сабзавоткорӣ ва қарокӯлпарварӣ аҳамияти молӣ дорад. Дар Туркманистон сектори аграрии иқтисодиёт ба пахтакорӣ, ғалладона полиз, қарокӯлпарварӣ ва аспарварӣ тахассусонида шудааст. Дар чорводории Туркманистон парвариш кардани аспҳои саросари дунё машҳури Ахалтака аҳамияти алоҳида касб менамояд. Дар Тоҷикистон кишоварзӣ ба пахтакорӣ, боғдорӣ ва кирмакпарварӣ, дар Қирғизистон бошад, ба сабзавоткорӣ, тамокупарварӣ ва чорводории бисёрсоҳавӣ тахассусонида шудааст.

Истиқболи ривоҷи иҷтимоиву иқтисодии мамлакатҳои Осиёи Марказӣ аз бисёр ҷиҳат ба интегратсиякунонии байниҳамдигарии онҳо вобастааст. Интегратсиякунонии байниҳамдигарии давлатҳои субминтақаро ба як қатор омилҳои географии ба ҳамдигар муҳим ҷудо кардан мумкин аст:

– умумӣ будани мавқеи иқтисодӣ-географӣ;

– ягонагии низоми нақлиётҳои роҳи оҳан ва автомобилӣ, ба ҳам вобаста будан;

– дарёҳои калон ва транссарҳадии каналҳои обёришаванда;

– захираҳои табиии мамлакатҳои кӯҳӣ ва ҳамвор, алалхусус соҳиб будан ба хосиятҳои якдигарро пуррагардондаи манбаи энергия;

– бародарии халқҳои субминтақа, ҷиҳатҳои монандии таърихӣ-маданӣ;

– мавҷудияти муаммоҳои экологии умдаи аз рӯйи хушкшавии Арал, биёбоншавӣ, шӯрхокшавии заминҳо, обшавии интенсивии яххои кӯҳӣ, ифлосгардии ҳаво ва ҳавзаҳои об бо партовҳои зараровар;

– зарурати дар якҷоягӣ мубориза бурдан ба муқобили заминларза, сел ва обхезиҳо, кӯчидани барф ва дигар офатҳои табиӣ.

Осиёи Марказӣ, мамлакатҳои континентҳои дохилӣ, мавқеи иқтисодӣ-географии транзит, мавқеи геосиёсӣ, дарёҳои таранссарҳадӣ, давлатҳои иқтисодиёташ гузаранда, иқтисодиёти индустриалӣ-аграрӣ, иқтисодиёти аграрӣ-индустриалӣ, интегратсияи иқтисодӣ.

1. Мавқеи иқтисодӣ-географӣ ва геосиёсии давлатҳои Осиёи Марказӣ бо кадом ҷиҳатҳои мусбӣ ва манфӣ тавсиф меёбад?
2. Омилҳои географии интегратсияи иқтисодии байниҳамдигарии давлатҳои Осиёи Марказиро эзоҳ диҳед.
3. Ба дафтаратон соҳаҳои асосии саноат ва кишоварзии давлатҳои Осиёи Марказиро нависед.

## МАЪЛУМОТИ ИЛОВАГӢ ОИД БА МАВЗӮЪ

Ҳангоми тавсифи субминтақаи Осиёи Марказӣ ин мафҳуми ҷуғрофӣ, вобастагии онро бо истилоҳи «Осиёи Миёна», фарқи байни онҳоро эзоҳ додан ҷоиз аст. Осиёи Миёна – яке аз 14 кишвари табиии географӣ буда, аз ғарб бо баҳри Каспӣ, аз шарқ бо кӯҳҳои Тяншон, аз шимол бо пастхамиҳои кӯҳии Қазоқистон, аз ҷануб бо кӯҳҳои Ҳиндукуш ва Туркман, Хуросон маҳдуд аст, асосан ба ҳавзаҳои пӯшидаи кӯлҳои Арал ва Балхаш рост меоянд. Пас кишвари Осиёи Миёна дар асоси хосияти географияи табиӣ ва сарҳадҳои ҷудогардида воҳиди ҳудудӣ ба ҳисоб меравад. Дар доираи сарҳадҳои табиии Осиёи Миёна 4 мамлакат, яъне Ӯзбекистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Туркманистон яклухт ҷойгир шудааст. Инчунин қисми марказӣ ва ҷанубӣ-шарқии Республикаи Қазоқистон, бо Афғонистон ва шимоли Эрон, қисми шимолӣ-ғарбии канори Хитой ҳам ба ҳудуди Осиёи Миёна рост меоянд, субминтақаи сиёсӣ-географии Осиёи Марказӣ бошад, маҳз аз рӯйи сарҳадҳои давлатӣ воҳиди ҳудуди ҷудошаванда ба ҳисоб меравад.

Дар географияи табиӣ ҳам мафҳуми «Осиёи Марказӣ» дар ҳоли мазмун ва моҳияти ба худ хос истифода мегардад. Дар ин ҳол яке аз кишварҳои географии табиии қитъаи Авруосиё, ки аз Осиёи Миёна дар Шарқ ҷойгир шудааст, ҳудуди иборат аз ландшафтҳои кӯҳӣ ва биёбонӣ, ки аз канораҳои шарқии кӯҳҳои Тиёншон ва Олтови Ҷунғория то ҳудудҳои ғарбии ҳамвории Хитойи Бузург давом ёфтааст, Осиёи Марказӣ номида мешавад. Аз ҷиҳати географӣ-сиёсӣ Осиёи Марказӣ дар давлатҳои Хитой ва Муғулистон ҷойгир шуда, ба субминтақаи Осиёи Шарқӣ мувофиқ меоянд.



# БОБИ X. РЕСПУБЛИКАИ ӮЗБЕКИСТОН

## § 31. Мақоми муносибатҳои географии Ӯзбекистон

Ӯзбекистон дар иттиҳод ва харитаи сиёсии дунё ба мавқеи ба худ хос соҳиб аст. Вай имрӯзҳо аъзои яке аз 193 давлати Созмони Милали Муттаҳид ба ҳисоб меравад. Республикаи Ӯзбекистон ба СММ 2 марти соли 1992 қабул гардидааст. Ӯзбекистон дар Маркази Авруосиё ва Осиёи Марказӣ ҷойгир шудааст. Ҳудуди республика аз ғарб ба шарқ 1425 км тӯл кашидааст. Аз шимол то ҷануб масофа 930 км буда, нуқтаи аз ҳама баландаш қуллаи Ҳазрати Султон (қаторкӯҳи Ҳисор). Аз сатҳи баҳр 4643 м баландӣ, нуқтаи аз ҳама паст фурӯхамидаи Мингбулок, 12 м.

Дарозии умумии сарҳадҳои давлатӣ 6221 км, аз он 2203 км ё ки 1/3 қисмаш ба Республикаи Қазоқистон, 1721 км ба Туркманистон, 1661 км ба Тоҷикистон, 1069 км ба Қирғизистон ва 137 км ба Республикаи Афғонистон рост меояд.

Мавқеи географии микроиқтисодии Ӯзбекистон (мавқеаш нисбати ҳудудҳои давлатҳои ба худаш ҳамсоя) бо хеле қулаиаш характернок аст. Ҳолати мазкур, сараввал ба он ба туфайли дар маркази республикаҳои Осиёи Марказӣ ҷойгиршавиаш ва бо тамоми давлатҳои минтақа бевосита ҳамсарҳад буданаш бармеояд.

Қулайии мавқеи микроиқтисодии географӣ (МИГ)-и Ӯзбекистон бо республикаҳои ҳамсоя бо низоми тамоми намудҳои нақлиёти хушкигард (автомобил, роҳи оҳан, қубур) бо нисбатан хуб пайваст буданаш ҳам ифодаи худро меёбад. Ин қабил қулайӣ дар микро МИГ аз даврҳои таърихӣ то ҳозир Ӯзбекистонро дар минтақа дар байни давлатҳои минтақа ба кишовари аҳолиаш зич ҷойгиршуда, аз шаҳрҳои калон бой, дараҷаи иқтисодиёташ нисбатан ривоҷёфта оварда расондааст.

Президенти якуми Республикаи Ӯзбекистон И.А.Каримов дар китоби худ «Ӯзбекистон дар остонаи асри XXI: таҳдид ба бехатарӣ, шартҳои баркарорӣ ва кафолатҳои тараққиёт» дар ин бора фикри зеринро овардааст: «Хусусиятҳои макони ҳудудии Ӯзбекистон, мавқеи географии он ба интихоб ва ба амал баровардани сиёсати

дохиливу берунии мо дорои аҳамияти калон аст. Ӯзбекистон имрӯзҳо вазифаи ҳалқаи пайвасткунандаро дар байни давлатҳои ҳамсоя – Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон, Афғонистон ба ҷо меоварад. Ҳамаи онҳо ба иқтисодиёти ҷаҳон интегратсияшавии республика, ҷалб сохтани сармояҳои хориҷӣ кӯмак мерасонанд. Ӯзбекистонро ба маркази минтақаи ба худ хоси ҳамкории фоиданоки тарафайни байни давлатҳо, транзити мол ва капитал табдил медиҳад».

Ин қабил имкониятҳои қулайи иқтисодиву иҷтимоии Ӯзбекистон аз ҷониби ҳар як ҳамсоя дар ҳудудҳои муштарак (контакт) аҳолӣ зич ҷойшуда (водии Фарғона, минтақаҳои Зарафшон, Амударёи поёни вилояти Сурхондарё) айни замон барои ташкил кардани бисёр маҷмӯи истеҳсолии ҳудудии озоди иқтисодии гуногунтахассуси байниреспубликавӣ, аз корхонаҳои муштарак сар карда то ташкили ҳудуди озоди иқтисодӣ имконияти васеъ фароҳам овард. Ҳал шудани муаммои роҳ ва дарёҳои трансҳудудӣ, ки дар минтақаи Осиёи Марказӣ мавҷуд аст, боз ҳам ба созгоршавии мавқеи микрогеографии республика оварда мерасонад.

Давлатҳои дар атрофи наздик ҷойгирифта, Федератсияи Россия Афғонистон, Эрон, республикаҳои Кавказ нисбатан мавқеи географии мезоиқтисодии Ӯзбекистон (мавқеи нисбати минтақаҳои наздик) соҳиб будан бо қулаиҳои миёна тавсиф меёбад. Сабаби ин тавр арзёбии мавқеи географии мезоиқтисодӣ (МГМ) аз ҳамин иборат аст, ки Ӯзбекистон аз як тараф, республикаҳои Кавказ, хусусан бо Федератсияи Россия асосан бо воситаҳои замонавии нақлиёт самаранок пайваста ва бо ин давлатҳо ба таври анъанавӣ алоқаҳои наздики серҷонибаро пеш мебарад. Мувофиқи ҳаҷми алоқаҳои содиротиву воридотӣ дар байни давлатҳои ҷаҳон Россия сарварӣ карданаш исботи он аст. Аз тарафи дигар давлатҳои Эрон ва Афғонистон, ки дар ҷануб ҷойгир буда, ба тоифаи гурӯҳи давлатҳои МГМ дохиланд, бо Ӯзбекистон дар тамоми даври таърихии сипаришуда дар алоқаи васеи ҳарҷонибаи иҷтимоӣ шуда бошад ҳам, ҳоло дар пеш бурдани алоқаҳо душвориҳои техникӣ ва сиёсӣ монеа мегарданд.

Барои боз ҳам бештар самара додани алоқаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии байнидавлатӣ бо давлатҳои дурдасти ҷаҳонӣ пайваст гардида бо дигар суханон гӯем макрофарохиҳо талаб карда мешавад. Аммо дар боби ба роҳ мондани алоқаҳои иқтисодӣ бо мамлакатҳои дунё давлатҳое, ки дар дохили қитъа ҷойгиранд,

нисбати дар соҳили баҳр ҷойгиршуда, як қатор ноқулайиҳо дучор меоянд. Барои он ки Ӯзбекистон аз давлатҳои ниҳоят каме дар ҷаҳон аст, ки барои муваффақ шудан барои ба баҳрҳои наздик баромадан камаш ҳудуди ду давлатро убур мекунад, мавқеи географии макроиқтисодиаш (мақомаш нисбати давлатҳои ҷаҳон) нисбатан ноқулай мебошад. Солҳои истиқлол дар самтҳои гуногуни лоиҳаи роҳҳои байналхалқӣ фаъолона иштирок намуданаш, ки Ӯзбекистонро бо уқёнуси дунё мепайвандад, ҳолати мазкурро то андозае сабук гардонд.

Мавқеи сиёсӣ-географии Республикаи Ӯзбекистон аз ҷониби геосиёсатмадорони классикӣ ҷудогардида қисми дохилии континенталии Авруосиё, яъне Heartland (дили дунё), ҳамчунин минтақаи ба баҳр наздики ҷанубӣ-ғарбии Авруосиё Rimland – (ҳилоли дохилӣ) бо ҷойгиршавияш дар ҳудуди байни ҳам муштарак тавсиф меёбад. Ҳолати мазкур бошад, нисбати республикаамон барои ба вуҷуд омадани шавқу завқи бисёр давлатҳое сабаб мегардад, ки дар ҷаҳон ба даст овардани пешқадамиро ба нақша гирифтаанд.

Ба ғайр аз он дар мавқеи қулайи нақлиёти географӣ будани Ӯзбекистон, захираҳои стратегии давлатамон – нефт, газ, тилло, уран ва дигар бойигариҳои зеризаминӣ ва рӯйизаминӣ, ки захираҳои стратегӣ ба ҳисоб мераванд, қулайии шароити иқлими табиӣ, дар тараққиёти таърихӣ ва тамаддуни ҷаҳонӣ мавқеи бонуфуз доштан, мавҷуд будани салоҳияти (қобилияти) калони демографӣ ба имконияти ба худ хоси геосиёсӣ молик буданашро нишон медиҳад.

Баробари ин ба мавқеи сиёсӣ, географии он омилҳое, ки таъсири манфӣ мерасонанд, низ мавҷуданд. Хавфи терроризми байналхалқӣ, экстремизми динӣ, ҳаракати ҳудуди республика-амонро ба сифати роҳи кашондани моддаҳои нашъамандӣ истифода бурдан, муаммоҳои экологии миқёси глобалӣ, рақобати геосиёсӣ дар байни давлатҳои гуногун, вазъияти сиёсии беқарор дар Афғонистон барои Ӯзбекистон дар мавқеи географии мазкур омили манфии таъсиркунанда ба ҳисоб мераванд. Ба мақсади бартараф сохтани ҳолатҳои мазкури манфӣ аз тарафи роҳбарони республика дар миқёси калон корҳо ба амал баровварда мешаванд.

Президенти якуми республикаамон И.А.Каримов дар маърӯзаи худ дар ҷамъомади Ассамблеяи генералии СММ диққатро

дар навбати аввал маҳз ба муаммоҳои Афғонистон ва Арал ҷалб сохта буд. Фаъолияти Республикаамон барои ҳалли муаммои Афғонистон дар гурӯҳи «6+2», дар давлати ҳамсоя ба роҳ мондани сулҳу амонӣ, ба ривоҷи иҷтимоиву иқтисодӣ кӯмак расондан нигаронда шудааст. Ҳангоми ташрифи роҳбарони СММ ба республикаамон дар натиҷа ба муаммоҳои баҳри Арал диққату эътибор нигаронда шуда, он аз қатори муаммоҳои экологии байналхалқӣ ҷой гирифт, дар натиҷа диққату эътибори давлатҳои гуногунро барои ба муаммои мазкур ҷалб сохтан муваффақ гардиданд

Муаммоҳои ба вуҷуд омада бинобар дарёҳои транссарҳадии байни давлатҳои Осиёи Марказӣ, ҳудуди эксклай байни Ӯзбекистон – Қирғизистон заминҳои аз қисми асосии ҳудуди дахлдор бо ҳудуди дигари давлат ҷудошуда ва баъзе ҳудудҳои сарҳадӣ, корҳои делимитатсияи ба охир нарасондаи ҳудуди давлат бо Тоҷикистон (хати сарҳадиро муайян карда, мустаҳкам сохтан) муаммои геосиёсии дар навбати аввал ҳал шуданаш лозим ба ҳисоб меравд.

Ӯзбекистон, ки давлати ҳудудаш аз яроқи ядроӣ холӣ, сиёсати ҳамроҳнашавиро дастгирӣ намуданро назди худ мақсад гузоштааст, барои ҳалли муаммоҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ба ривоҷи иқтисодӣ расидан бо як қатор давлатҳо ҳамкориро ба роҳ мондааст. Ба ғайр аз давлатҳои атроф бо давлатҳои Федератсияи Руссия, Хитой равобити наздикро ба роҳ мондааст.

Мавқеи географии Ӯзбекистон, мавқеи микроиқтисодӣ-географӣ, мавқеи географии мезоиқтисодӣ, мавқеи географии макроиқтисодӣ.

1. Баъди ба истиқлол расидан Ӯзбекистон дар навбати аввал дар кадом соҳаҳо ислоҳотҳоро амалӣ гардонд?
2. Солҳои охир аз рӯйи ҳалли муаммои Арал чӣ гуна тадбирҳо ба рӯйи об бароварда мешаванд?
3. Хусусиятҳои мавқеи географии иқтисодии Ӯзбекистонро омӯхта, ҷадвали поёниро пур кунед:

| Намуди мавқеи географии иқтисодӣ (МГМ) | Баъзе омилҳои мусбии ба МГМ таъсирасонанда | Баъзе омилҳои манфии ба МГМ таъсиррасонанда |
|---|---|---|
| Мавқеи микрогеосиёсӣ | | |
| Мавқеи мезогеосиёсӣ | | |
| Мавқеи макрогеосиёсӣ | | |

## § 32. Ривоҷи иҷтимоӣ-иқтисодии Ӯзбекистон

Дар солҳои истиқлол дар ривоҷи иҷтимоӣ-иқтисодии Республикаи Ӯзбекистон муваффақиятҳои калон ба даст омад. Ҳатто инқирози молиявиву иқтисодии дар ҷаҳон рӯйдода, ки солҳои 2008-2009 ба амал омад, иқтисодиёти миллии Ӯзбекистон аз рӯйи суръати пешравӣ дар байни мамлакатҳои дунё яке аз пешсафон гардид. Аз соли 2010 боз Ӯзбекистон аз рӯйи суръати солонаи МДМ (маҳсулоти дохилии миллӣ) дараҷаи аз 8 фоиз кам набударо қайд мегардад. Аз тарафи корбастони ҳамҷамъияти ҷаҳонӣ эътироф гардидани ин натиҷаҳои мусбӣ ва дар пояи он салоҳияти бузурги ривоҷи иҷтимоӣ-иқтисодии республикаамон, инчунин дар мамлакатамон дар пояи «модели ӯзбек» марҳала ба марҳала гузаштан ба иқтисодиёти бозаргонӣ самтҳои мувофиқи мақсади аниқ амалӣ гардондани ислоҳотҳо меистанд.

Республикаи Ӯзбекистон дар доираи Осиёи Марказӣ имкониятҳои транзитиаш ба мавқеи иқтисодӣ-географии қулай соҳиб буда, дар интегратсияи байниҳамдигарии давлатҳои субминтақа нақши ниҳоят муҳимро мебозад. Баробари ин республикаамон барои ташаккул ва ривоҷи иқтисодиёти миллии серсоҳа ба бойигариҳои имкониятҳои бузург фароҳам оваранда молик аст. Сараввал салоҳияти минералӣ-захиравии давлатамон ба эътибор сазовор аст. Дар ҳудуди Ӯзбекистон ҷамъ қариб 120 намуд канданиҳои фойиданок дар 2700 кон мавҷуд аст. Аз он ҷумла, Ӯзбекистон дар байни мамлакатҳои ҷаҳон аз рӯйи захираҳои тилло дар ҷойи 4, уран ҷойи 7, молибден ҷойи 8, мис ҷойи 10 меистад. Дар байни захираҳои сӯзишворӣ-энергетика гази табиӣ дорои аҳамияти калон буда, аз рӯйи захираҳояш Ӯзбекистон дар дунё ҷойи 14-умро ишғол менамояд. Аз рӯйи бойигариҳои канданиҳои ғайримаъданӣ, намакҳои калий ва фосфорит дар дунё ҷойи намоёнро ишғол менамояд. Канданиҳои гуногуни фойиданок дар конҳои калони вилоятҳои Навоӣ, Тошканд, Қашқадарё, Бухоро ва Республикаи Қароқалпоқистон бой аст. Пас, захираҳои бузурги ресурсҳои минералӣ дар кишварамон ба ривоҷи саноати маъдани ранга, сӯзишворӣ, кимё ва масолеҳи бинокорӣ имкониятҳои калонро фароҳам овард.

Барои ривоҷ додани кишоварзӣ мамлакатамон соҳиби захираҳои агроиқлимии шароити қулай фароҳамоваранда мебошад. Ба туфайли

давомнокии даври вегетатсия, зиёд будани рӯзҳои гарм ва офтобӣ дар Ӯзбекистон пахтакорӣ, ғалладона, токпарварӣ, сабзавоткорӣ барин соҳаҳои деҳқонии сердаромад ба таври интенсивӣ ривоҷ меёбанд. Лекин кишоварзӣ асосан бо кӯмаки обёрии сунъӣ ривоҷ меёбад, кишоварзии республикаамон ба дараҷаи қатъӣ ба захираҳои об вобаста аст. Бо ин навъи бойигариҳои табиӣ вилоятҳои Тошканд, Андиҷон, Сурхондарё ва Самарқанд нисбатан ба дараҷаи хуб таъмин гардидаанд. Инчунин дар вилоятҳои Навоӣ, Бухоро, Республикаи Қароқалпоқистон, ки дар ғарби мамлакатамон ҷойгир буда, қисми зиёдашонро биёбонҳо ишғол намудаанд, аз ин ҷиҳат вазъияти ниҳоят мураккаб ташаккул ёфтааст. Аммо дар минтақаамон ба нарасидани захираҳои об нигоҳ накарда. Ӯзбекистон дар байни мамлакатҳои ҷаҳон аз рӯйи майдони обёришаванда дар ҷойи 11-ум меистад.

Аҳолии Ӯзбекистон ва захираҳои меҳнатии он пойдевори ривоҷи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Аҳолии республикаамон мунтазам зиёд мешавад. Соли 1990 ба 20,2 миллион баробар аҳолии республика ба соли 2017 ба 32,1 миллион нафар расид. Баъди даври соли 2010 Ӯзбекистон аз рӯйи нишондиҳандаҳои демографӣ-таваллуд аз рӯйи ҳисоби ҳар 1000 нафар 23–24, фавт 5–6 афзоиши табиӣ ба он мувофиқ 18, яъне ба 1,8 фоиз рост меояд. Лекин ба туфайли бақияи migratsияи ба дараҷаи ҳаддалимкони манфӣ (–0,1–0,2 фоиз) шудан суръати умумии афзоиши аҳолӣ ба 1,6–1,7 фоиз баробар аст.

Дар даври кӯтоҳмуддати таърихӣ Ӯзбекистон барои ба муносибатҳои байналхалқии савдо-иқтисодӣ дохил шудан, такмил додани сохти таркибии иқтисодиёти миллӣ, ҳалли ривоҷ додани саноат, таъмини бехавфии хӯрокворӣ, энергетика ва нақлиёт барин вазифаҳои мураккаб марҳала бо марҳала ба муваффақият сазовор гардид.

Динамикаи тағйирёбии МУД-ро ба 3 давр ҷудо кардан мумкин. Якумӣ, солҳои 1991–1996-ро дар бар мегирад, бо пастравии иқтисодӣ тавсиф мегардад. Ҳолати мазкур, асосан дар натиҷаи дар доираи собиқ иттифоқ низоми тақсимоти меҳнати ҳудудӣ, кандашавии алоқаҳои кооператсия дар байни шохаҳо ва корхонаҳои иқтисодиёти Ӯзбекистон бо хоҷагии республикаҳои дигар ба амал омад. Солҳои 1997–2003 марҳалаи дуюми барқарории иқтисодиёти миллӣ ва оғози даври афзоиши МДМ гардид. Марҳалаи

сеюм соли 2004 сар шуда, то ҳол давом мекунад. Дар ин солҳо МДМ Ӯзбекистон бо суръати аз 8,0 фоиз паст набуда меафзояд.

Инчунин дар таркиби соҳаи иқтисодиёти миллӣ ҳам тағйиротҳои муҳим рӯй дод. Сараввал, саҳми саноат дар МДМ афзуданаш ба диққат сазовор аст. Соли 1995 саҳми МДМ дар саноат ба 17,1 фоиз рост омада бошад, соли 2014 ин нишондиҳанда ба 26 фоиз боло рафт. Ҳиссаи кишоварзӣ нисбати иқтисоди миллӣ аз 28,1 фоиз то 17,6 фоиз паст рафт. Таркиби соҳаҳои саноатӣ ҳам ба дараҷаи назаррас тағйир ёфт. Дар саноати республика мавқеъ ва аҳамияти энергетикаи барқӣ, сӯзишворӣ, кимиё, маъдани ранга, мошинасозӣ ва дигар соҳаҳои саноати вазнин афзуда, ҳиссаи саноати сабук, ки пеш аз истиқлол тахассусонидани республикаро муайян мекард, қариб 3 баробар кам гардид. Аз аввали соли 2000 ҳаҷми истеҳсолоти саноатӣ дар Ӯзбекистон ба таври мунтазам вусъат ёфта, суръати афзоиши соҳаҳои азнавкоркард нисбати саноати рӯёнанда якчанд маротиба баланд гашт. Дар натиҷа мувофиқи ҷамъбасти соли 2016 дар таркиби саноати мамлакатамон бо ҳиссаи 20 фоиза маҳсулоти мошинасозӣ ба мақоми пешсафӣ баромада тавонист.

Солҳои охир дар Ӯзбекистон саноати автомобилсозӣ, микроэлектроника, истеҳсоли нуриҳои калий ва сода, дорусозӣ, шакар ва дигар соҳаҳои истеҳсолот бунёд гардиданд. Дар соҳаҳои нафт ва газу кимиё корхонаҳои ниҳоят калон қад кашиданд. Баъди соли 2010 ИБО Тӯпаланг, маҷмӯи газу кимёи Устюрт, комбинати маъдани кӯҳии Хондиза, заводи калийи Деҳқонобод, заводи автомобилсозии Хоразм, заводи сементи Зафаробод ва дигар объектҳои муҳими истеҳсолӣ сохта шуданд (расми 28). Ҳоло дар Ӯзбекистон салоҳияти истеҳсолии саноати мустаҳкам ба вуҷуд омад. Республикаамон дар байни мамлакатҳои ИДМ ва миқёси ҷаҳон ба қатори истеҳсолгарони тилло, уран, гази табиӣ, кадмий, молиб-ден, кислотаи сулфат, нуриҳои азотӣ, газворҳо, автомобилҳои сабукрав ва дигар маҳсулот ҷой гирифт.



***Расми 28.*** Корхонаи нави саноатии Ӯзбекистон – заводи калийи Деҳқонобод.

Дар таркиби ҳудуди саноати Ӯзбекистон ҳам тағйиротҳо рӯй доданд. Масалан, охири соли 1980 ба шаҳри Тошканд ва вилояти Тошканд 50 фоизи маҳсулоти умумии саноатӣ рост омада бошад, ҳоло дар ин ҳудудҳо 30 фоиз нишондод рост меояд. Дар навбати худ аз ҳисоби барпо кардани корхонаҳои нав дар вилоятҳои Андиҷон, Қашқадарё, Навоӣ, Бухоро, Ҷиззах, Республикаи Қароқалпоқистон дар таркиби саноати мамлакат ҳиссагузорӣ назаррас афзуд. Пас, торафт дар ҳудуди Ӯзбекистон миқдори марказҳои саноатӣ меафзояд.

Дар кишоварзии Ӯзбекистон ҳам тағйиротҳои калон рӯй доданд. Ислоҳоти аввалине, ки дар кишоварзӣ амалӣ гардонда мешаваду мақсади устувор қарор ёфтааст, аз барҳам задани яккаҳукмронии пахта, муваффақ шудан ба мустақилияти ғалла, инчунин ривоҷ додани хоҷагиҳои хусусии фермерӣ, хоҷагии деҳқонӣ иборат аст. Аз ҳисоби қатъан кам кардани майдонҳои пахта ғаллазор 1,5 баробар афзуд. Ба туфайли он дар Ӯзбекистон ҳосили умумии ғалла 3,5–4 баробар афзуда, дар фурсати кӯтоҳ дар республика ба мустақилияти ғалла муваффақ шудем. Ба ғайр аз ин барои таъмини бехавфии озуқаворӣ аҳамияти калон дода мешавад. Ба рӯёндани сабзавот, картошка, ривоҷи боғдорӣ, токпарварӣ, чорводории таъиноти ширу гӯшт барин соҳаҳои кишоварзӣ эътибори калон дода мешавад. Дар натиҷа солҳои истиқлол ҳосили пахта аз 5,5 миллион тонна ба 3,4 миллион кам гардида ҳосили сабзавот 2,5 маротиба, картошка 6 баробар, мева 4 баробар, ангур 2,5 маротиба афзуд, ҳаҷми истеҳсоли гӯшту шир 2 баробар зиёд шуд.

Ҳоло Ӯзбекистон аз рӯйи рӯёндану ба содирот баровардани ангур, маҳсулоти полизӣ, баъзе меваҳо дар ҷаҳон ба мамлакати пешқадам табдил ёфт. Инчунин, дар хоҷагии қишлоқи Ӯзбекистон, соҳаҳои анъанавии тахассусонидашуда – пахтакорӣ, кирмакпарварӣ, қарокӯлпарварӣ ҳам аҳамияти худро аз даст надодааст. Аз он ҷумла мувофиқи ҳолати соли 2016 республикаамон дар ҷаҳон аз рӯйи ҳосили умумии пахта ҷойи 6, аз рӯйи содирот ҷойи 3, истеҳсоли абрешим ҷойи 6, истеҳсоли пӯсти қарокӯлӣ дар ҷойи 2-юмро ишғол мекунад.

Дар ривоҷи низоми нақлиёт ҳам ба натиҷаҳои назаррас муваффақ шудем. Аз ҳама аҳамиятнокаш яклухтии низоми нақлиёти роҳи оҳан ба даст омад. Ҳудуди Ӯзбекистон аз шимолу шарқ ба ҷанубу шарқ ба ҳазорҳо километр тӯл кашиданаш, инчунин ба шакли ба худ хоси

аз сарҳадҳои давлатӣ ба воситаи қаторкӯҳҳо ва биёбонҳо гузаштани онҳоро ба ҳисоб гирем, аҳамияти умдаи стратегӣ доштани масъалаи мазкур амин мегардем. Сохта шудани роҳи оҳани ҳудуди вилояти Сурхондарё Тошкӯрғон–Бойсун–Қумкӯрғон, вилояти Хоразм ва Республикаи Қароқалпоқистон Учқудуқ – Мискин–Нукус, водии Фарғона Ангрен–Поп соҳаи роҳи оҳани Ӯзбекистон ягона пайваст гардид. Дар натиҷа бехавфиву мустақилияти нақлиёти мамлакатамон таъмин гардид. Ҳоло барои вилоятҳои Навоӣ ва Бухороро бо Республикаи Қароқалпоқистон бо роҳи нисбатан кӯтоҳ пайваст кардан роҳи оҳани Конимех–Нукус, инчунин Урганч, ки Марказӣ туризми байналхалқӣ ба ҳисоб меравад, ба сӯйи шаҳри Хева роҳи оҳан сохта мешавад.

Ба ғайр аз ин, дар Ӯзбекистон аз рӯйи электронидан ва барпо кардани самтҳои поездҳои тезгард ҳам корҳои калон ба иҷро мерасанд. Аз он ҷумла, ҳаракат аз рӯйи самтҳои Тошканд–Самарқанд «Афросиёб», Тошканд–Қаршӣ «Насаф», Тошканд–Бухоро «Шарқ» ном поездҳои тезгард ба роҳ монда шудааст. Корҳо аз рӯйи электронидани Қаршӣ–Тирмиз, Қаршӣ–Китоб ва дигар роҳҳои оҳан оғоз ёфтаанд. Баъди ба анҷом расондани онҳо дар республикаамон географияи самтҳои поезди тезгард боз ҳам васеъ шуданашро интизор шудан мумкин аст.

Инчунин Республикаи Ӯзбекистон дар якчанд самтҳои бандарҳои баҳрӣ барои соҳибӣ кардани роҳҳои баромадани боваринок бо қисмҳои гуногуни низоми нақлиёти минтақавии Авруосиё ба роҳ мондани алоқа ба мақсади ба рӯйи об баровардани имкониятҳои транзити мавқеи иқтисодӣ-географӣ дар соҳаи нақлиёт бо Туркманистон, Қазоқистон, Федератсияи Руссия, Хитой, Озарбойҷон, Гурҷистон, Эрон, Уммон барин давлатҳо ҳамкории байниҳамдигарии доманфарохро ба роҳ мемонад. Бо кӯмаки мамлакатамон сохтани аввалин роҳи оҳан дар ҳудуди Афғонистон Тирмиз – Мазори Шариф аз Ӯзбекистон аз самти ҷанубӣ ба самтҳои бандарҳои укёнуси ҷаҳон ба вуҷуд омадани нақлиёти аз ҳама кӯтоҳ марҳалаи аввалин гардид.

Дар низоми нақлиёт ба амал баровардани корҳои доманфарох оид ба боз ҳам ривоҷ додани алоқаҳои иқтисодии берунаи мамлакатамон қисми ҷудонопазири ин ҳаракат мегардад. Бо қариб 140 давлати дунё алоқаҳои иқтисодии берунаро ба роҳ монда, дар қатори ҳамкорони муҳими савдои Республикаи Ӯзбекистон

Федератсияи Россия, Хитой, Қазоқистон, Республикаи Корея, Туркия ва мамлакатҳои Аврупо дохил мешаванд. Ривоҷи низоми нақлиёт ба васеъ гардидани фаъолияти иқтисодии берунии республика дар самтҳои нави географӣ имконият фароҳам меорад.

Дар таркиби содироти моли республика солҳои истиқлол тағйиротҳои ниҳоят калон рӯй дод. Ҳангоми ба даст омадани мустақилӣ дар содироти республика саҳми нахи пахта ба 60 фоиз баробар буд. Солҳои охир ин рақам муттасил паст гардида, соли 2016 ба 5 фоиз фуромад. Дар навбати худ мақоми манбаъҳои энергия (аввало, гази табиӣ), маъданҳои ранга, хӯрокворӣ ва бофандагӣ, маҳсулоти саноати кимиё, истеҳсоли автомобил дар мамлакатамон дар таркиби содирот ба дараҷаи ҳискунанда афзуд.

Солҳои охир ба мақсади афзун гардондани салоҳияти истеҳсолоти саноатӣ, содирот, ба иқтисодиёти миллиамон бо ҳаҷми бисёр-тар ҷалб сохтани сармояҳои хориҷӣ бо ташаббуси ҳукумати республикаамон як қатор минтақаҳои озоди иқтисодӣ (МОИ) ташкил ёфт, сараввал МОИ-и «Навоӣ», «Ангрен», «Ҷиззах» (бо филиалаш дар вилояти Сирдарё), баъдтар бошад, дар вилояти Хоразм «Ҳазорасп», вилояти Бухоро «Ғиждувон», вилояти Самарқанд «Ургут», инчунин вилояти Фарғона «Қӯқанд» ба вуҷуд оварда шуд. Ҳоло дар ин ҳудудҳо бо иштироки сармоягузорони дохиливу берунӣ лоиҳаҳои нави истеҳсолӣ амалӣ мегарданд.

Ривоҷи иҷтимоиву иқтисодии иқтисодиёти Ӯзбекистон бо назардошти имконияти ҳар як ноҳия ва вилояти республикаамон баробари ба эътибор гирифтани манфиатҳои умумидавлатӣ ва ҳудудӣ амалӣ гардондашуда, ба оқилона истифода бурдан вобаста аст.

Ривоҷи иҷтимоиву иқтисодӣ, суръати пешрафт, ислоҳотҳо, салоҳияти иқтисодӣ, таркиби соҳавӣ ва ҳудудӣ, хӯрокворӣ, энергетика ва бехавфии нақлиёт, алоқаҳои берунии иқтисодӣ, минтақаҳои озоди иқтисодӣ, ҳудудҳои асосии иқтисодӣ.

1. Дар солҳои истиқлол натиҷаҳои аз ҳама муҳими ривоҷи иҷтимоиву иқтисодии Республикаи Ӯзбекистон аз чиҳо иборат аст?
2. Дар республикаамон кадом минтақаҳои озоди иқтисодӣ ташкил гардиданд?
3. Ба дафтаратон тағйиротҳои аз ҳама муҳими дар солҳои истиқлол дар саноат, кишоварзӣ, нақлиёт ва савдои берунаи иқтисодӣ ба амал омадаро нависед.

## § 33. Муаммоҳои геоэкологии Ӯзбекистон

Ба вуҷуд омадани муаммоҳои геоэкологӣ вобаста ба ҷараёни табиӣ ва фаъолияти инсон ба вуҷуд омаданаш мумкин. Омил ва ҷараёнҳои табиие, ки муаммоҳои геоэкологиро ба вуҷуд меоваранд: баромадани вулқон, заминларза, ярч, тарма, сел, обхезӣ, шамолҳои сахт, боришот ва ғайраҳо. Омилҳои мазкур бо хусусиятҳои табиии ҳар як геонизом бевосита алоқаманд буда, дар он инсон иштирок наменамояд.

Аз ҷиҳати бо таъсири байниҳамдигарии инсон ва муҳити табиӣ ба вуҷуд омадан муаммои экологӣ ба ҳисоб меравад. Аммо он дар геонизоми маълум дар миқёси гуногун, инчунин аз сабаби қонуниятҳои географии табиӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ рӯӣ доданаш муаммои географӣ низ ба ҳисоб меравад. Яъне муаммои геоэкологӣ дар геонизоми муайян таркиб ёфта, ҷараёни ташаккулёбӣ, ривоҷдиҳиро тай менамояд. Аз ин нуқтаи назар муаммои геоэкологӣ номида мешавад.

Муаммоҳои геоэкологӣ – ҷараён ва омилҳое, ки ба саломатӣ ва фаъолияти хоҷагии инсон таъсири манфӣ расонда, дар муносибати онҳо бо муҳити табиӣ ва яклухтии геонизомҳо номутаносибиро ба вуҷуд оварда, дар натиҷаи омилҳои табиӣ ва антропогенӣ ба вуҷуд омадаанд.

Муаммоҳои геоэкологӣ одатан ба хосиятҳои низомнок соҳиб буда, хосиятҳои мазкур ин тавр намоён мегарданд: таъсири байниҳамдигарии ҷараёнҳо ва қонуниятҳои табиӣ, инчунин иҷтимоӣ; география, экология, геология ва интегратсияи талабкунандаи дигар фанҳо аҳамияти байни фанҳоро касб намудан, мавҷуд будани якчанд истифодабарандагони захираҳо ба якчанд мақсадҳо; ҳолати муаммоҳои геонизом ё ки геоэкологияро бо як нишондиҳанда тавсиф кардан мумкин набудан.

**Намудҳои муаммоҳои геоэкологӣ.** Муаммои геоэкологӣ ҳолати шахшуда ё ки тағйирнаёбанда набуда, балки ба таври мунтазам тағйирёбанда ва ривоҷёбандаи низоми муаммоҳои оддии бисёрадада аст. Муаммоҳои геоэкологиро аз рӯйи бисёр нишондиҳандаҳо (бо соҳаҳои хоҷагӣ вобаста, аз рӯйи ишғоли майдон, оқибатҳо, омилҳои ба вуҷуд омадан) тасниф кардан мумкин, лекин чуноне ки дар боло зикр намудем, муаммои геоэкологӣ дар майдони муайян таркиб ёфта, ташаккул меёбад. Аз ҳамин сабаб муаммоҳои мазкур

мувофиқи майдони паҳншуда ба гурӯҳҳои сайёравӣ, минтақавӣ, лоақал, дар баъзе ҳолатҳо ба гурӯҳи миллӣ тақсим мегарданд.

*Муаммоҳои геоэкологии сайёравӣ* – муаммои мураккаби геоэко-логист, ки дар доираи тамоми қабати географӣ рӯй медиҳад ва ба тамоми қисмҳои рӯйи Замин таъсир мерасонад, дар тамоми мамлакатҳо, ба тамоми инсоният як хел хавф меорад. Ба онҳо «самараи гармхона» ва гармшавии иқлим, сӯрохии озон, баланд шудани сатҳи укёнуси дунё ва ғайра медароянд. Барои бартараф кардани ин қабил муаммои геоэкологӣ тамоми давлатҳо якҷоя шуда, дар асоси барномаи ягона ҳаракат карданашон лозим. Тамоми мамлакатҳои рӯйи замин баробари ҳалли муаммоҳои локалӣ ва минтақавӣ дар ҳудуди худ муаммоҳои глобалии геоэкологиро бартараф карда метавонанд.

Муаммоҳои геоэкологии минтақавӣ – мувофиқи майдони ишғол-гардида аз муаммои геоэкологии глобалии хурдтар буда, бисёр вақт аз комплекси ҳодисаву ҷараёнҳои геоэкологии аз як ё якчанд намудҳо ташкилёфта иборат аст. Муаммоҳои геоэкологии минтақавӣ дар миқёси минтақа геонизомро банд карда, барои тамоми рӯйи Замин хавф наоварданаш мумкин, аммо миқдори онҳо торафт меафзояд. Муаммои мазкур бо ба баъзе минтақаҳо тааллуқ буданаш нигоҳ накарда, оқибатҳои экологӣ ва иҷтимоиву иқтисодиаш ниҳоят хавфнок ва вазндор аст, агар онҳо сари вақт пешгирӣ накарда, бартараф нагарданд, дар оянда ба миқёси калон кулфатҳои экологиро ба амал бароварданаш мумкин.

Аз ҷиҳати таркибёбӣ муаммоҳои геоэкологии минтақавӣ ба муаммоҳои геоэкологии тоифаи оддӣ ва мураккаб тақсим мегардад. Аз ҳодиса ва ҷараёнҳои якнавъа иборат бошад, тоифаи оддӣ, аз якчанд ҳодиса ва ҷараёнҳои геоэкологӣ иборат бошад, тоифаи мураккаби муаммоҳои геоэкологӣ номида мешавад. Ҳалли ҳодисаҳои геоэкологии мураккаб ҳам мураккаб буда, бисёр вақт талаб мекунад. Вай торафт мураккаб гардида ва дар роҳи ишғоли ҳудудҳои нав ривоҷ меёбад. Муаммоҳои оддии геоэкологӣ ҳам дар макон ва мобайни вақт дар натиҷаи ниҳоят мураккабшавӣ ба шакли мураккаб табдил ёфтанаш мумкин.

Муаммои Арал ва соҳили Арал муаммои геоэкологии минтақавӣ барои Ӯзбекистон ва ҳудуди республикаҳои ҳамсоя аст. Аз ҳамин сабаб барои бартарафкунии муаммои мазкур тамоми республикаҳои ҳамсояи ҳавзаи Арал бо Ӯзбекистон ҳамкорӣ карданашон лозим (расм 30).



***Расми 30.*** Солҳои 2000–2016 тағйирёбии баҳри Арал.

Муаммоҳои геоэкологии локалӣ (маҳаллӣ) – муаммоҳои нисбати муаммоҳои геоэкологии минтақавӣ майдонҳои хурдтарро ишғол намуда, дар доираи геонизоми маълуми ҳудуди як ё ки ду мамлакат ҷойгиршуда ба вуҷуд омадааст. Ин қабил муаммоҳои геоэкологӣ бо фаъолияти хоҷагии инсон вобаста буда, ба туфайли сабабҳои интенсивӣ истифода бурдани захираҳои табиӣ, дар ин ҷараён ба ҳисоб нагирифтани қонуниятҳои табиат, дар як ҷо зич ҷойгиршавии аҳолӣ ва ғайра ба вуҷуд меояд. Баъзе хатогиҳо дар ҷараёнҳое мисли дар ҳудудҳои намноки рӯйи Замин хушк кардани ботлоқзорҳо, дар минтақаҳои хушк ба роҳ мондани обёрии сунъӣ, сохтани обанборҳо, ривоҷи чорвои чарогоҳӣ, сохтани корхонаҳои истеҳсолӣ инчунин баъзе фаъолияти дарҳам-барҳами инсон муаммоҳои геоэкологии локалиро ба миён меоварад ва барои дар миқёси васеъ паҳн гардидани он сабабгор мешавад. Муаммоҳои геоэкологии локалиро дар Ӯзбекистон диданӣ шавем, онҳоро ҳамҷониба маҷмӯӣ таҳлил кардан, мувофиқи сабаби баромаданаш ба гурӯҳҳои зерини генетикӣ тақсим кардан мумкин аст: 1) муаммоҳои вобаста ба ифлосгардии ҳаво дар ҳудудҳои шаҳрҳо ва ҳудудҳои саноатигардида: 2) муаммоҳои истифодаи интенсивии об – ғун шудани обҳои заҳбурҳо дар кӯлҳо, нарасидани обҳои ошомиданӣ, ифлосгардии ҳавзаҳои оби ошомиданӣ ва ғайра; 3) муаммоҳои вобаста ба аз замин интенсивӣ истифода бурдан – эрозия, шӯрхокшавӣ, дучор омадан ба деградатсияи чарогоҳҳо; 4) муаммоҳои ба геонизом ба таъсири техноген вобаста ғун

шуда мондани партовҳо, вайроншавии геонизом, поймол кардани чарогоҳҳо аз тарафи техникаи вазнин ва ҳ.к.; 5) муаммоҳои вобаста ба парвои интенсивии чорво ва буридани буттаву дарахтон; 6) муаммоҳои вобаста ба истифодабарии объектҳои рекреатсия; 7) муаммоҳои вобаста ба ифлосгардии муҳити табиӣ бо моддаҳои кимиёвӣ.

**Асосҳои илмии ҳалли муаммоҳои геоэкологӣ.** Ҳалли муаммоҳои мазкур ба таҳлили низомнок вобаста аст. Дар натиҷаи таҳлили низомнок хосиятҳои асосии муаммоҳо, масоҳат, марҳилаҳои ривоҷёбӣ, самтҳо, сабабҳо ва омилҳо, оқибатҳо ва ғайра аён мегардад. Дар тадқиқи муаммоҳои геоэкологӣ асосан усулиятҳои (принсипи) ҳудудӣ, геонизомӣ ва экологӣ истифода мегардад.

Принсипи геонизомнок барои омӯхтани муаммои геоэкологӣ асоси географӣ ба ҳисоб меравад, чунки он баробари аз хусуси сохти ҳу-дуд ахбор додан оиди чӣ гуна будани хосияти табиӣ, дорои кадом захира буданаш барои маълумотҳо гирифтан имкон медиҳад. Принсипи мазкур оиди ҷойгиршавии сарҳадҳои геонизом, нисбати онҳо, нисбати якдигар пасту баланд будан, ҳолати таркибӣ-динамиӣ маълумот медиҳад. Принсипи мазкур дар арзёбии хосиятҳои бисёр муаммоҳо, дар пешгӯӣ кардани тағйиротҳои оянда, асосноккунии тадбирҳои гуногун ва барои истифодаи онҳо таҳия кардани тамоми навъҳои харитаҳо асос мегардад.

Истифодаи усулияти экологӣ бо дарназардошти алоқаи байниҳамдигарӣ бо мавҷудоти зинда, аз он ҷумла, алоқа, таъсир ва дар муносибат будани инсон бо муҳити атроф вобаста аст. Маънои мантиқии муаммои экологӣ ҳам дар асл аз вайроншавии алоқа ва муносибатҳои байниҳамдигарӣ дар байни организми зинда ва табиати беҷон иборат мебошад. Ҷиддишавии муносибати мазкур дар геонизоми муайян рӯй дода, ба хосияти ҳудудӣ молик аст. Аз ин рӯ, муаммои мазкурро ба сифати муаммои геоэкологӣ тадқиқ кардан зарур.

Бартараф сохтани муаммои геоэкологӣ гуфта, сараввал мувозинати аввалаи табииро аз нав барқарор кардан фаҳмидан лозим. Мувозинати табииро (мувозинати экологиро) аз нав барқарор кардан – байни компонетҳои табиӣ ва геонизом вобастагӣ алоқадорӣ ва ҳаракати байниҳамдигариро ба ҳолати аввала наздик кардан аст. Аммо ба ҳолати аввалааш баргардонда намешавад. Ба тадбирҳои мувозинати табиии вайроншударо аз нав барқарор кардан шароити зиндагонии аҳолӣ ва саломатиашро ҳам ба ҳолати аввалааш овардан лозим. Масалан, Арал ва соҳили Арал муаммои

геоэкологии минтақавии ба ҳамдигар узван вобаста буда, бо тадбирҳои маҷмӯъгии ба ҳам алоқадорро баробар истифода бурдан ҳал намудан мумкин. Дар ин ҳол дар навбати аввал барои оби аз берун воридшаванда тоза ва микдоран зиёд шуданаш муваффақ шудан лозим. Чунки қувваи суръатфизоии муаммо дар шароити иқлими хушкӣ ҳодисаи биёбоншавист.

Ҳалли муаммои геоэкологии локал муаммои аз ҳама содда буда, дар бартарафсозии он сараввал шароити географии табиӣ ва қонуниятҳои табиии ҳудуди дорои муаммои геоэкологӣ чуқур омӯхта шуданаш лозим. Тавассути корбасти чораву тадбирҳои аз табиат ва соҳаҳои хоҷагии ба ҳар як хусусияти геонизом мувофиқ пеши роҳи ин гуна муаммоҳо гирифта мешавад. Масалан, ҳангоми истифодаи замини обёришаванда ба мақсади деҳқонӣ ҳар як хосияти геонизом омӯхта, сипас намудҳои мувофиқ кишт, ҳиссаву меъёри обёрӣ, тадбирҳои агротехника истифода бурда мешавад, яъне ҳангоми муносибат бо табиат қонунҳои онро вайрон накардан кафолати ба натиҷаи интизорӣ расидан аст.


Муаммои геоэкологӣ, муаммоҳои геоэкологии глобалӣ, муаммоҳои геоэкологии минтақавӣ, муаммоҳои геоэкологии локалӣ.



1. Чаро муаммоҳои геоэкологӣ меноманд?
2. Кадом намудҳои муаммоҳои геоэкологиро медонед?
3. Дар ҷойи истиқоматиатон муаммоҳои геоэкологии маҳаллӣ ва роҳҳои бартарафкунии онҳоро тавсиф дода нависед.

## § 34. Дарси такрорӣ

Дар асоси китоби дарсӣ ва харитаҳо дониши худро санҷида бинед ва арзёбӣ кунед. Сараввал мафҳумҳои такягоҳӣ ва истилоҳоти дорои ҳамаи дарсҳо, аз рӯйи ҷавобатон ба саволҳо ва супоришҳо корҳои ба иҷро расондаатонро ба хотир оваред ва бори дигар такрор кунед.

Мустақилона оид ба ҳар як мавзӯъ тестҳо, саволҳо таҳия намуда, онҳоро ҳал намоед. Тавассути он ба озмоишҳои хотимавии тестҳо ва корҳои хаттӣ тайёрӣ мебинед. Аз рӯйи супоришҳои амалӣ корҳои ба иҷро расондаатонро аз нав дида бароед. Он ба шумоён оиди иҷрои корҳои хаттии супоришҳои амалӣ, ҳалли масъалаҳои географӣ ё ки кор бо харитаҳои бематн кӯмак мерасонад. Умуман, ба воситаи такрор дониши дар давоми сол гирифтаатонро мустаҳкам сохта, баъзе ҷойҳои нафаҳмидаатонро дониста мегиред.

## Луғати эзоҳии мафҳум ва истилоҳот

**Арзёбии географӣ** – арзёбии шароит ва захираҳои табиӣ ё ки мақсадҳои истифодабарии геонизом.

**Агромератсияи шаҳр** – муттаҳидшавии шаҳрҳои калони гуногун аз рӯйи натиҷаҳои алоқаҳои маъмурӣ, истеҳсолӣ, иҷтимоӣ, маданӣ.

**Барпои такрории аҳолӣ** – ҷараёни асосии таъминкунандаи бардавоми ҷамъият буда, ба сифати ҷамъи ҳаракатҳои табиӣ, миграционӣ ва иҷтимоӣ намоён мегардад.

**Барометр** – (юнонии батос – чуқурӣ, метрео – чен мекунем) асбобест барои гирифтани намунаи таркиби кимиёвӣ ва ҳарорати ҳавзаҳои об дар чуқуриҳои гуногун.

**Ботлоқзор** – заминҳое, ки дар шароити намӣ мудом ё ки вақти зиёд заминҳои заҳ шуда хобраванда, растаниҳои намдӯст ва қабати торф (30 см ва аз он зиёд) мавҷуданд.

**Воҳа** – заминҳои об бароварда обёрӣ кардаи биёбон ва нимбиёбон.

**Вулкани хомӯшшуда** – вулқоне, ки дар бораи дар байни даври таърихӣ сар заданаш ҳеҷ маълумот нест. Мафҳуми вулқон нисбӣ буда, баъзан вулканҳои хомӯшшуда ба ҳаракат даромада, пош хӯрданаш мумкин, вулқони ҳаракат буда гуфта, он ҳеч гоҳ пош нахӯрданаш мумкин.

**Геоид** – (юнонии ге – маънои Замин, идос – намуд, қиёфа, яъне «Қиёфаи Замин», «Ба замин монанд»-ро мефаҳмонад). Сатҳи барҷастае, ки ҳангоми рӯяи сатҳии дар ҳолати ором ва мувозанат истодаи сатҳи оби укёнуси дунё ва аз таги хушкии ин рӯяи мазкур фаразан давом додан ҳосил мешавад. Ин рӯя дар ҳама ҷой ба самти қувваи вазнинӣ перпендикуляр мешавад.

**Гейзер** (испании гейзир – пош додан) – чашмаҳои гарми дар вақт-вақташ чун фаввора пошхӯранда. Гейзерҳо асосан дар кишварҳои вулқонаш дар ҳаракат буда бисёр вомехӯранд.

**Галактика** – (юнонии галактикос-ширранг) – низоми ситораҳои бузурге, ки ситораҳо бо қувваҳои гравитатсия вобастаанд. Галактикаҳо бо андоза, микдор ва шакли ситораҳо аз якдигар фарқ мекунанд. Аз ин рӯ, онҳоро элипсшакл, спиралшакл ва намудҳои нодуруст тақсим мекунанд.

**Глобалӣ** – ҷараёни интегратсияи иқтисодӣ, сиёсӣ ва маданӣ дар саросари ҷаҳон.

**Давлат** – сохтори ҳукмронест, ки дар миқёси мамлакат масъалаҳои ҷамъиятро пеш бурда, ваколати муайянкунии муносибатҳои берунаро дорад.

**Деҳқонӣ** – соҳаи муҳимест, ки бо рӯёндани зироати кишоварзӣ машғул мегардад.

**Истгоҳи барқии атомӣ** – барои истихроҷи энергия истифодабарӣ аз сохтори ядроӣ.

**Истгоҳи барқии оташӣ** – соҳаи аз ангишт, газ, нефт, инчунин дар асоси боқимондаҳои онҳо ҳосил намудани гармӣ ва барқ.

**Кишти техникӣ** – зироате, ки ба сифати ашёи хом дар маҳсулоти саноат истифода мегардад.

**Ландшафти маданӣ** – геонизоме, ки бо назардошти манфиати ҷамъият, хосиятҳояш аз ҷониби инсон дар асоси илмӣ ва оқилона «тағйир ёфтааст».

**Миграатсияи доимӣ** – аз як ҳудуд ба таври доимӣ кӯч бастани аҳолӣ.

**Мониторинги экологӣ** – низоми бо мақсади аз захираҳои табиӣ оқилона истифода бурдан, ҳифзи муҳити атроф, ҳолати шароити табиии як ҳудудро мушоҳида назорит ва идора кардан.

**Мавқеи географӣ** – мавқеи ишғолкардаи ягон объекти рӯйи Замин нисбати объекти дигари ба худи он алоқадор.

**Минтақаи фароҳӣ** – аз ҳисоби тағйир ёфтани кунҷи нурафкании Офтоб аз экватор ба сӯйи қутб мудом тағйир ёфтан компонентҳо ва маҷмӯъҳои табиат.

**Миграатсияи мавсимӣ** – дар даври маълум ба ягон ҳудуд кӯчбандии аҳолӣ.

**Миграатсияи миношакл (миграатсияи ларзон)** – ба мақсади афзоиш, коркардани аҳолӣ аз як ҷой ба ҷойи дигар амалӣ гардондани ҳаракати якрӯза ё ҳафтаина.

**Миграатсия** – аз як ҳудуд ба ҳудуди дигар кӯчбандии доимӣ ё ки мувaққатии аҳолӣ.

**Мамлакат** – ҳудуде, ки аҳолӣ ба миқёси маълум соҳиби сарҳад буда, мустақил ё ки ба ягон давлат тобеъ аст.

**Нақлиёт** – (лотини транс – «ба воситаи» ва портрате «кашондан», соҳаи муҳими иқтисодиёт буда, эҳтиёҷи хоҷагии халқ ва аҳолиро ба бор дар вақташ муттасил таъмин месозад.

**Орбита** – (лотинии орбита – пай, роҳ) – роҳи сайёра, ҳамроҳи он, маснӯи сунъӣ, комета, астероид ва дигар ҷирмҳои осмонӣ.

**Пешгӯии географӣ** – самтҳои асосии тағйиротҳои маҷмӯи истеҳсоли муҳит ва ҳудуди табииро аз ҷиҳати илмӣ пешакӣ асоснок карда додан.

**Соҳаҳои адои хизмат ба аҳолӣ** – ба аҳолӣ хизмат таклиф кардан ва истеҳсолот навъҳои фаъолияти ташаккулёфта ва маҷмӯи соҳаҳои хоҷагии.

**Саноати селлюлоза** – коғаз – соҳаи саноати барои истеҳоли маҳсулоти селлюлоза, коғаз ва картон тахассусонидашуда.

**Секторӣ** – ба сӯйи хушкӣ баробари аз уқёнус дур шудан аз ҳисоби тағйирёбии хосияти иқлим тағйир ёфтани компонент ва маҷмӯъҳо.

**Тӯқай** – ҷангалзори иборат аз дарахту бутта, алафи соҳили дарё.

**Урбанизатсия** – афзоиши шаҳрҳо ва аҳолии шаҳр, ҷараёни тез паҳншавии тарзи зиндагонии шаҳр.

**Урочише** – Геонизоме, ки аз ҷиҳати пайдоиш ва ривоҷёбӣ аз фатсияҳои узван вобаста иборат аст. Асосан дар шакли мезон релеф ҷойгир аст.

**Геонизоми сохташ** аз ҳама оддӣ ва аз ҳама хурде, ки бо якхела будани таркиби литологии ҷинсҳои кӯҳӣ, сохти релеф якхелагии намнокӣ, микроиқлим, хоқ, дунёи растанӣ ва ҳайвоноти як хел, яъне бо якхела будани аломатҳои ба компонентҳои онро ҳосилкунанда хос тавсиф карда мешавад

**Хатти барф** – чунин сарҳад дар кӯҳҳо, ки аз он баланд барф тамоми сол об намешавад.

**Чорводорӣ** – соҳае, ки дар кишоварзӣ бо зиёд кардани молҳои чорво машғул мегардад.

**Экспертизаи экологӣ** – дар фаъолияти инсон муҳити географии қисми биологӣ (растанӣ, дунёи ҳайвонот ва микроорганизмҳо).

**Эндемик** (юнони *экдемос* – маҳаллӣ, таҳҷоӣ) – растанӣ ва ҳайвонот он қадар паҳн нашудааст, нисбатан хурд, навъи дар ареали маҳдудгардида зиндагикунанда, авлод, оила ё ки воҳидҳои таксономикӣ.

**Ҷой** – геонизоме, ки аз муҷассамшавии урочишеҳои ба ҳам вобаста ва монанд иборат аст.

**Ҷазираҳои марҷон** – Ҷазираҳое, ки аз ҷамъшавии ҳайвоноти марҷон, обсабзаҳо ва боқимондаҳои дигар организмҳо ба вуҷуд меояд. Ҳоло ҷазираҳои марҷон ба ғайр аз дар кишварҳои экваториалӣ ва тропикӣ дар дигар ҷойҳо вонамехӯранд. Танҳо маҷрои мӯътадили Голфстрим, ки аз қарибиҳои ҷазираи Багама убур мекунад, берун аз тропикҳо вомехӯрад. Ҷазираҳои марҷони ҷойгиршуда мувофиқи мавқеъ ва шакл ба рифҳои соҳил, рифҳои монеа, атоллҳо ҷудо мешаванд.

# МАЪЛУМОТҲОИ ИЛОВАГӢ

## Давлатҳои Аврупои Шимолӣ

| № | Давлатҳо | Майдонаш ҳазор км$^2$ | Шакли идоравӣ | Пойтахташ |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Шветсия | 450 | Монархия | Стокголм |
| 2 | Норвегия | 387 | Монархия | Осло |
| 3 | Финляндия | 338 | Республика | Хелсинки |
| 4 | Исландия | 103 | Республика | Рейкявик |
| 5 | Дания | 43,0 | Монархия | Копенгаген |
| 6 | Британияи Кабир | 244,5 | Монархияи | Лондон |
| 7 | Ирландия | 70,3 | Республика | Дублин |
| 8 | Эстония | 45,1 | Республика | Таллин |
| 9 | Литва | 65,3 | Республика | Вилнюс |
| 10 | Латвия | 64,6 | Республика | Рига |

## Давлатҳои Аврупои Ғарбӣ

| № | Давлатҳо | Майдонаш ҳазор км$^2$ | Шакли идоракунӣ | Пойтахташ |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Австрия | 83,2 | Республика | Вена |
| 2 | Белгия | 30,5 | Монархия | Брюссел |
| 3 | Германия | 356,9 | Республика | Берлин |
| 4 | Лихтенштейн | 0,16 | Монархия | Вадутс |
| 5 | Люксембург | 2,6 | Монархия | Люксембург |
| 8 | Нидерландия | 41,2 | Монархия | Амстердам |
| 7 | Франсия | 551,6 | Республика | Париж |
| 8 | Шветсария | 41,3 | Республика | Берн |

## Давлатҳои Аврупои Ҷанубӣ

| № | Давлатҳо | Майдонаш ҳазор км$^2$ | Шакли идоракунӣ | Пойтахташ |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Италия | 301,3 | Республика | Рим |
| 2 | Испания | 504,7 | Монархия | Мадрид |
| 3 | Португалия | 92,3 | Республика | Лиссабон |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 4 | Малта | 0,3 | Республика | Ла-Валетта |
| 5 | Гретсия | 132 | Монархия | Вадутс |
| 6 | Андорра | 0,45 | Монархия | Андорра-ла Веля |
| 7 | Ватикан | 0,4 | Монархия | Ватикан |
| 8 | Сан-Марино | 0,06 | Республика | Сан-Марино |
| 9 | Словения | 20,3 | Республика | Любляна |
| 10 | Хорватия | 56,6 | Республика | Загреб |
| 11 | Босния ва Гертсеговина | 51,1 | Республика | Сараево |
| 12 | Сербия | 88,3 | Республика | Белград |
| 13 | Черногория | 13,8 | Республика | Подгоритса |
| 14 | Македония | 25,7 | Республика | Скопе |
| 15 | Албания | 28,7 | Республика | Тирана |
| 16 | Монако | 0,002 | Монархия | Монако |

## Давлатҳои Аврупои Шарқӣ

| № | Давлатҳо | Майдонаш ҳазор км² | Шакли идоракунӣ | Пойтахташ |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Россия | 17075,5 | Республика | Москва |
| 2 | Украина | 603,7 | Республика | Киев |
| 3 | Беларус | 207,6 | Республика | Минск |
| 4 | Молдова | 33,8 | Республика | Кишенев |
| 5 | Полша | 312,7 | Республика | Варшава |
| 6 | Чехия | 78,9 | Республика | Прага |
| 7 | Словакия | 49,0 | Республика | Братислава |
| 8 | Венгрия | 93,0 | Республика | Будапешт |
| 9 | Руминия | 238,4 | Республика | Бухарест |
| 10 | Булғория | 111,0 | Республика | София |

## Давлатҳои Америкои Шимолӣ

| № | Давлатҳо | Майдонаш ҳазор км² | Шакли идоракунӣ | Пойтахташ |
|---|---|---|---|---|
| 1. | ИМА | 9,500 | Республика | Вашингтон |
| 2. | Канада | 9,976 | Монархия | Оттава |

## Давлатҳои Осиёи Ҷанубӣ-Ғарбӣ

| № | Давлатҳо | Майдонаш ҳазор км² | Шакли идоракунӣ | Пойтахташ |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Афғонистон | 652,1 | Республика | Кобул |
| 2 | Баҳрайн | 0,7 | Монархия | Манама |
| 3 | Исроил | 14,1 | Республика | Тел-Авив |
| 4 | Иордания | 98,3 | Монархия | Аммон |
| 5 | Ироқ | 435,1 | Республика | Бағдод |
| 6 | Эрон | 1648,0 | Республика | Теҳрон |
| 7 | Яман | 528,0 | Республика | Сана |
| 8 | Қатар | 11,4 | Монархия | Доха |
| 9 | Кипр | 9,3 | Республика | Никосия |
| 10 | Қувайт | 17,8 | Монархия | Ал-Қувайт |
| 11 | Ливан | 10,4 | Республика | Бейрут |
| 12 | АМА | 83,6 | Монархия | Абу-Дабӣ |
| 13 | Уммон | 212,5 | Монархия | Маскат |
| 14 | Саъудӣ Арабистони | 2150,0 | Монархия | Ар-Риёд |
| 15 | Сурия | 185,2 | Республика | Димишқ |
| 16 | Туркия | 780,6 | Республика | Анқара |
| 17 | Арманистон | 29,7 | Республика | Ереван |
| 18 | Озарбойҷон | 86,6 | Республика | Боку |
| 19 | Гурҷистон | 69,7 | Республика | Тбилиси |

## Давлатҳои Меланезия

| № | Давлатҳо | Майдонаш ҳазор км² | Шакли идоракунӣ | Пойтахташ |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Вануату | 4,8 | Республика | Порт-Вила |
| 2 | Папуа-Гвинеияи нав | 461,7 | Монархия | Порт-Морсби |
| 3 | Ҷазираҳои Соломон | 29,8 | Монархия | Хониара |
| 4 | Фидҷи | 18,3 | Республика | Сува |

# МУНДАРИЧА

## БОБИ I. ФАННИ ГЕОРГАФИЯ ВА ТАЪРИХИ ОН

§ 1. Мафҳум дар бораи низоми фанҳои география ........................ 3
§ 2. Таърихи фанни география ва ривоҷёбӣ дар даври ҳозира ....... 6

## БОБИ II. ТАБИАТИ ЗАМИН

§ 3. Омилҳои фазовии ривоҷёбии табиати рӯйи Замин .................12
§ 4. Низоми дохилии Замин ва ҷараёнҳои тектонӣ .......................17
§ 5. Таърихи ривоҷёбии табиати рӯйи Замин ...............................20
§ 6. Қабати географӣ ва қонуниятҳои умумии он ..........................24
§ 7. Минтақа ва сектори фарохии қабати географӣ .......................29
§ 8. Қонунияти минтақагардонии баландӣ ...................................33
§ 9. Геонизомҳо ва зинагардонии онҳо ........................................36

## БОБИ III. ҶАМЪИЯТ ВА ТАБИАТ

§ 10. Муносибат байни ҷамъият ва табиат ....................................40
§ 11. Ландшафтҳои антропогенӣ ...................................................45
§ 12. Асосҳои географии муҳофизати табиат .................................50

## БОБИ IV. ТАДҚИҚОТҲОИ ГЕОГРАФИИ АМАЛӢ

§ 13. Ҷараёнҳои географии табиӣ ... ............................................54
§ 14. Арзёбии географӣ ..............................................................59
§ 15. Пешгӯии географӣ ...............................................................63
§ 16. Мониторинги муҳити атроф ва асосҳои экспертизаи географӣ-экологӣ .............................................................68

## БОБИ V. АҲОЛИИ ДУНЁ

§ 17. Аҳолии дунё ва вазъияти замонавии демографӣ ...................72
§ 18. Ҷиҳатҳои глобалӣ ва минтақавии ҷараёнҳои урбанизатсия...76
§ 19. Ҷараёнҳо ва муаммоҳои муҳоҷирати байналхалқӣ ...............79

## БОБИ VI. МАНЗАРАИ ГЕОСИЁСИИ ДУНЁ ВА МУАММОҲОИ ГЛОБАЛӢ

§ 20. Низоми геосиёсии дунё ва ташаккулёбии он ....................................82
§ 21. Вазъияти геосиёсии замонавии ҷаҳон ва иттиҳодияи интегратсионии давлатҳо ....................................85
§ 22. Муаммоҳои глобалии инсоният ....................................90

## БОБИ VII. СУБМИНТАҚАҲОИ АВРУПО ВА АМРИКО

§ 23. Субминтақаи Аврупо ....................................94
§ 24. Амрикои Лотинӣ ....................................101
§ 25. Мамлакатҳои ҷазираи ҳавзаи Кариб ....................................107

## БОБИ VIII. СУБМИНТАҚАҲОИ АФРИҚО

§ 26. Субминтақаи Африқо ....................................111
§ 27. Давлатҳои Океания ....................................115

## БОБИ IX. СУБМИНТАҚАҲОИ ОСИЁ

§ 28. Давлатҳои Ҷанубӣ-Ғарбӣ ва Ҷанубии Осиё ....................................118
§ 29. Давлатҳои Шарқӣ ва Ҷанубӣ-Шарқии Осиё ....................................123
§ 30. Мамлакатҳои Осиёи Марказӣ ....................................128

## БОБИ X. РЕСПУБЛИКАИ ЎЗБЕКИСТОН

§ 31. Мавқеъ ва муносибатҳои геосиёсии Ўзбекистон ....................................136
§ 32. Ривоҷи иҷтимоӣ-иқтисодии Ўзбекистон ....................................140
§ 33. Муаммои геоэкологии Ўзбекистон ....................................146
§ 34. Дарси такрор ....................................150
Луғати эзоҳии мафҳум ва истилоҳот ....................................151
Машғулияти иловагӣ ....................................154

Шарипов, Шавкат Муҳаммадҷонович
География: Китоби дарсӣ барои синфи 10-уми муассисаҳои таълими миёна. (Ш.М.Шарипов ва дигарон) – Нашри якум. – Т.: Нашриёти давлатии илмии «Oʻzbekiston milliy ensiklopediyasi», 2017. — 160 с.

O‘quv nashri

**Shavkat Muxamajanovich Sharipov, Viktor Nikolayevich Fedorko, Nasiba Irankulovna Safarova, Vahob Asomovich Rafiqov**

# Geografiya

Umumiy o‘rta ta’lim muassasalarining 10-sinfi uchun darslik

(Tojik tilida)

Birinchi nashri

«O‘zbekiston milliy ensiklopediyasi»
Davlat ilmiy nashriyoti
Toshkent–2017

Мудири таҳририят: Анвар Зулпиқоров
Тарҷумон: Ш. Турдиқулов
Муҳаррир: Х. Ҳамидов
Муҳаррири бадеӣ: Асқар Ёқубҷонов
Саҳифабанд-дизайнер: Ҳ. Шарипова
Мусаҳҳеҳ: М.Қиронова

*Муҳаррири махсус*
Е.Назарматова – сарметодисти фанни географияи шӯъбаи фанҳои табиӣ ва дақиқи МТР.

Литсензияи нашриёт AI № 160, 14.08.2009.
Ба чопаш 29.11.2017 руxсат дода шуд. Андозаи 70x90 1/16.
Гарнитураш «Times New Roman Tj» кегли 12,5. Бо усули офсет дар коғази офсет чоп шудааст. Ҷузъи шартии чопӣ 10,0. Ҷузъи нашриву ҳисобӣ 10,10.
Адади нашр 7648. Супориши 17–608

Нашриёти давлатии илмии «O‘zbekiston milliy ensiklopediyasi»
100011, ш. Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30.

Дар ХЭТН «O‘zbekiston»-и Агентии матбуот ва ахбори Ӯзбекистон чоп шудааст
100011, ш. Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30.

**Ҷадвали нишондиҳандаи ҳолати китоби ба иҷора додашуда**

| № | Ному насаби донишомӯз | Соли хониш | Ҳолати китоб ҳангоми гирифтан | Имзои раҳбари синф | Ҳолати китоб ҳангоми супоридан | Имзои раҳбари синф |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | | | | | | |
| 2. | | | | | | |
| 3. | | | | | | |
| 4. | | | | | | |
| 5. | | | | | | |
| 6. | | | | | | |

**Ҷадвали болоӣ ҳангоми ба иҷора дода шудан ва дар охири соли хониш баргардонида гирифтани китоб аз тарафи раҳбари синф аз рӯйи меъёрҳои зерин баҳо гузошта мешавад:**

| Нав | Ҳолати китоб ҳангоми бори аввал супоридан |
|---|---|
| Хуб | Муқовааш бутун, аз қисми асосии китоб ҷудо нашудааст. Ҳамаи варақҳояш ҳаст, надаридааст, ҷудо нашудааст, дар саҳифаҳо навишт ва хатҳо нест. |
| Қаноатбахш | Муқова каҷ шудааст, канорҳояш коҳида, якчанд хатҳо кашида шудаанд, ҳолати аз қисми асосӣ ҷудошавӣ дорад, аз тарафи истифодабаранда қаноатбахш таъмир шудааст. Варақҳои ҷудошудааш аз нав таъмир гаштааст, дар баъзе саҳифаҳо хат кашида шудаанд. |
| Ғайри-қаноатбахш | Муқова хат кашида шудааст, даридааст, аз қисми асосӣ ҷудо гаштааст ё ки умуман нест, ғайриқаноатбахш таъмир шудааст. Китобро барқарор кардан аз имкон берун аст. |